**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПО**

**Мирзо Адиб**

# Дастҳои асири шуъои офтоб

**(Маҷмуаи ҳикояҳо)**

**Бо муқаддима ва тарҷума аз забони урду ба тоҷикӣ**
**Мирсаид Раҳмонов**

**ДУШАНБЕ – 2024**

## Мундарича


| | |
|---|---|
| Сарсухани муҳаррир................................................<br>Муқаддима ................................................... | 3-7<br>8-17 |
| Ҷиҳоз ............................................................ | 18-31 |
| Гулсум .......................................................... | 32-42 |
| Бекас ............................................................ | 43-56 |
| Мактаби калон ............................................... | 57-65 |
| Худо ҳофиз ................................................... | 66-72 |
| Борони шаби торик ....................................... | 73-79 |
| Саг .................................................................. | 80-95 |
| Мусофири роҳҳои ноошно ........................... | 96-114 |
| Рози як модар ................................................. | 115-125 |
| Тарҷумаи ҳоли муаллиф | 126 |

## Сарсухани муҳаррир

Асри XX дар таърихи адабиёти урду асри бемисли инкишоф ёфтану ба майдони адабиёт омадани садҳо адибони болаёқат, аз ҷумла насрнависони маъруф мебошад. Дар асрҳои пешин дар адабиёти урду агар аслан инкишофи назм бартарӣ дошта бошад, пас дар асри XX инкишофи бемайлони наср мушоҳида мешавад. Чунин жанрҳои мансур ба мисли ҳикоя ва роман, метавон гуфт, ки маҳз дар ҳамин давра пайдо шудаанду ба авҷи аълои инкишофи худ расидаанд. Бешак, дар адабиётҳои гуногуни Ҳиндустон, аз ҷумла адабиёти урду, ки яке аз онҳост, аз асри XX ҳам пештар эҷоди асарҳои мансур дар таҷриба буд. Дурустии ин далелро дар асарҳои Саид Аҳмадхон (1817-1898), Мавлоно Муҳаммад Ҳусайни Озод (1833-1910), Хоҷа Алтоф Ҳусайни Ҳолӣ (1833-1914, доктор Назир Аҳмад (1836-1912), Мавлоно Шиблии Нуъмонӣ (1857-1914), Пандит Ратанатҳ Саршор (1846-1902), Мавлоно Абдулҳалим Шарор (1860-1926) ва мисли инҳо дидан мумкин аст.

Лекин чун сухан дар бораи чунин жанрҳои адабӣ ба мисли ҳикоя ва романи муосир меравад, назари аксарияти олимони Ҳиндустон ин аст, ки ин жанрҳо бо ҳамон шакл ва мазмуне, ки доранд, дар адабиёти урду жанрҳои навпайдоянд ва зери таъсири адабиёти Ғарб ба вуҷуд омадаанд. Дар ин замина назари адабиётшиноси Ҳинд Саид Эҳтишом Ҳусейн чунин аст: ”Ба вуҷуд омадани романе, ки зиндагиро воқеъбинона тасвир намояд, танҳо дар давраи навтарин имконпазир шудааст. Романҳои Назир Аҳмад аз камбудиҳо орӣ нестанд, лекин ба ҳар ҳол дорои баъзе хусусиятҳои ҳамин жанри адабӣ мебошанд. Дар онҳо бори аввал кӯшиши аз тасвири воқеаҳои ғайриреалию фантастикӣ озод шудан дида мешавад. Ҳамин тариқ, таҳкурсии романи урду тақрибан соли 1867 гузошта шудааст. Саршор, Шарор, Саҷҷод Ҳусейн, Мирзо Расво ва дигарон болои он иморати боҳашамате сохтаанд”.

Таърихи ҳикояи муосири урду ва ҳиндӣ низ айнан зери ҳамин гуна шарҳ қарор дорад. Аввалин ҳикояи муосири урдуро Муншӣ Премчанд (1880-1936) эҷод кардааст, ки “Қиматтарин сарвати дунё” ( دنیا کا سب سے اَن مول

رتن) ном дорад ва онро адиб соли 1907 навишта, аввалин дафъа худи ҳамон сол дар маҷаллаи “Замона” ба табъ расондааст. Ин масъала, яъне авалин ҳикояи муосири урду будани “Қиматтарин сарвати дунё” то андозае баҳсталаб бошад ҳам аксарияти муҳаққиқон онро дастгирӣ менамоянд. Лекин мутобиқи таддқиқоти адиб ва муннақиди покистонӣ Мирзо Ҳомидбег (тав.1949) аввалин ҳикояи муосири урдуро Аллома Рашид –ул- Хайрӣ (1868-1936) эҷод кардааст. Ин ҳикоя “Носир ва Хадиҷа” ном дошта соли 1903 дар маҷаллаи адабии “Маҳзан” чоп шудааст. Ҳикояи Премчанд “Қиматтарин сарвати дунё”-ро нахустин ва аслӣ буданаш дар ин ҷо, яъне дар тадқиқоти Рашид –ул- Хайрӣ рад нашудаст, фақат ҳамин қадар ишора шудааст, ки ёздаҳумин ҳикояи аслии замони муосир мебошад. Бо ин баҳс ин ҷо ҳамроҳ шудан лозим нест, зеро ин баҳс ҳанӯз аз миёнаҳои асри гузашта миёни муҳаққиқони адабиёти урду ва адибон пайдо шуда, то ҳол давом дорад. Ҳоло барои мо баёни чунин далел муҳим аст, ки дар давраи нав яке аз жанрҳои бисёр машҳуршудаи адабиёти урду - жанри ҳикоя, таъкид мекунем, ки ҳикояи муосири урду, ки маҳз бо иншои он Премчанд ва Кришан Чандар барин адибони тозаандеш шуҳрати ҷаҳониро сазовор шудаанд, дар оғози асри XX ба вуҷуд омадааст ва аввалин намунаҳояш ба ҳамин давраи таърихӣ тааллуқ доранд.

Дар ҳар сурат пас аз пайдо шудани аввалин ҳикояҳои Премчанд, навиштани ҳикояҳои воқеӣ, яъне тасвиркунандаи зиндагии ҳаррӯза дар адабиёти урду ба ҳукми анъана даромад ва ҳар як адибе, ки дар ин вақт даст ба қалам мебурд, хоҳ аз насли калонсол ва ё аз насли нав, ҳатман навиштани ҳикояҳоро мутобиқ ба тақозои вақт, ҳатмӣ медонист ва ё ҳеҷ набошад кӯшиши ба эътибор гирифтани хусусиятҳои ин самтро дошт. Ҳам дар замони мустамлика будани Ҳиндустон ва ҳам дар даврони озодӣ садҳо адибони ҳикоянавис бо асарҳои ҷолиби худ майдони ҳикояи урдуро васеъ ва ғояву мазмуни ӯро дилчаспу замонавӣ кардаанд, ки номи чанде аз онҳоро дар ин ҷо зикр кардан бамаврид аст. Ин адибон Ниёз Фотеҳпурӣ (1884-1966), Саид Саҷҷод Ялдерам (1880-1943), Саҷҷод Зоҳир (1899-1974), Маҳмуд – уз – Зафар

(1903-1956), Мумтоз Муфтӣ (1903-1995), Маҷнун Горакҳпурӣ (1904-1988), Ғулом Аббос (1909-1982), Аҳмад Алӣ (1910-1994), Упендранатҳ Ашк (1910-1996), Саодат Ҳасан Манто (1912-1955), Ахтар Ҳусайн (1912-1992), Али Сардор Ҷаъфарӣ (1913-2000), Кришан Чандар (1914-1977), Хоҷа Аҳмад Аббос (1914-1987), Исмат Чуғтоӣ (1915-1991), Аҳмад Надим Қосимӣ (1916-2005), Мирзо Адиб (1914-1999), Хадиҷа Мастур (1927-1982), Қурратулайн Ҳайдар (1927-2007), Бону Қудсия (1928-2017), Ҳаҷира Масрур (1930-2012), Рашид Ҷаҳон (1905-1982), Раҷендра Сингҳ Бедӣ (1915-1984), Ҷиланӣ Бано (тав. 1931), Гулзор (тав. 1934) ва мисли инҳо мебошанд. Миёни адибони номбурда дар Тоҷикистон Кришан Чандар бо ҳикояҳо ва романи "Як гулу сад харидор" ва Аҳмад Надим Қосимӣ зиёдтар маълум ҳастанд. Тарҷумаи асарҳои адибони покистонӣ аслан аз нимаи дуюми асри XX, дақиқтараш аз соли 1956 бо ҳикояи Аҳмад Надим Қосимӣ "Абрҳо кай ғун мешаванд" (тарҷумаи Ҳ. Ирфон) шуруъ шудааст. Хотиррасон мекунем, ки тарҷумаҳо аз забони русӣ буданд.

Дар боло дар қатори дигар адибони насрнависи урду мо Мирзо Адибро низ номбар кардем. Маҷмуаи ҳикояҳое, ки ҳоло бо номи "Дастҳои асири шуъои офтоб", ки манзури хонандагони гиромӣ мешавад, маҳсули қалами ҳамин адиби намоёни покистонӣ Мирзо Адиб мебошад. Ҳамаи ҳикояҳоро бевосита аз забони урду корманди Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо Мирсаид Раҳмонов тарҷума кардааст. Дар бораи Мирзо Адиб ҳар он маълумоте, ки барои хонанда зарур аст, аз сарсухани тарҷумон, ки дар аввали ҳамин маҷмуа оварда шудааст, пайдо карда метавонад. Мо махсус зикр карданӣ ҳастем, ки ба истиснои як ҳикоя – "Писарони Шамол" (Кришан Чандар), ки онро муаллифи ин сатрҳо бевосита аз забони урду тарҷума кардааст дигар ягон ҳикояи адибони Покистон аз забони асл ба тоҷикӣ то ҳол тарҷума нашудааст. Тарҷумаи ҳикояҳои Мирзо Адиб аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ бори аввал соли 1973 сурат гирифтааст. Ҳамон сол дар маҷаллаи "Садои Шарқ" "Пас аз сию ҳафт сол" ном ҳикояи адиб ба табъ расида буд. Пас соли 1976 дар моҳи январ дигар

ҳикояи Мирзо Адиб “Озодӣ” дар рӯзномаи “Комсомоли Тоҷикистон” чоп шуд, ки онро аз русӣ А. Насимов тарҷума кардааст. Худи ҳамон сол А. Насимов боз як ҳикояи адибро бо номи “Шаҳрдорӣ, духтур ва ҳисобот” тарҷума карда, дар рӯзномаи “Маориф ва маданият” 17-уми апрел ба хонандаи тоҷик пешкаш кардааст. Акнун бо гузаштани қариб ним аср боз ба мероси адабии Мирзо Адиб таваҷҷуҳ зоҳир шудааст ва месазад, ки ин заҳмати Мирсаид Раҳмонов аз ҷониби хонандаҳои хушзавқ қадрдонӣ бинад.

Замони зистани Мирзо Адиб (1914-1999) ҳам ба давраи мустамлика будани имрӯза давлатҳои Ҳинду Покистон ва ҳам ба замони созҳибистиқлол шудани ин ду давлат рост омадааст. Мирзо Адиб на танҳо шоҳиди ба ду қисм тақсим шудани Ҳиндустон, балки шоҳиди талхтарин оқибатҳои ин ҷудошавӣ низ шудааст. Барои ҳамаи он адибони пешқадами Ҳинду Покистон, ки ҳар кадом дар озод шудани ватанашон бо ягон навъе ҳиссае гузоштаанд, пас аз озод шудан роҳи дурусти зистану эҷод карданро ёфтан кори осон набуд, хусусан барои адибоне, ки бо сабаби мусулмон буданашон шомили Покистон шуда буданд. Инро хонандаи тоҷик дар мисоли зистану, эҷод кардану мубориза бурдани Файз Аҳмад Файз барин шоири ватандӯст хеле хуб медонад. Лекин Мирзо Адиб бо ҳамаи ин мушкилиҳо тавонист ҳамчун адиби асил ва сарсупурдаи касби худ бо асарҳои баландмазмунаш, ки масоили мухталифи замони зистанашро дар бар гирифтаанд, яке аз намоёнтарин адиби урдузабони кишвари Покистон шавад.

Мирсаид Раҳмонов пеш аз омода намудани ин маҷмуаи ҳикояҳо ба бисёр ҳикояҳои адиб ошно шуда, барои ба забони тоҷикӣ тарҷума намудан нуҳ ҳикоя, аз ҷумла ҳикояҳои “Ҷиҳоз”, “Гулсум”, “Бекас”, “Мактаби калон”, “Худо ҳофиз”, “Борони шаби торик”, “Саг”, “Мусофири роҳҳои ноошно” ва “Рози як модар”-ро интихоб намудааст. Ҳикояҳо ба мавзуҳои мухталиф бахшида шудаанд ва аз чигунагии зиндагии мардумони шаҳру деҳоти ба адиб хуб ошно хабар медиҳанд. Қаҳрамонҳои ҳикояҳои Мирзо Адиб гарчанде ашхоси бисёр намоёни ҷомеа набошанд ҳам, онҳо бо симову сухану амалҳои маъмулиашон хонандаро барои иҷрои ягон кори судманде даъват менамоянд.

Ҳангоми қироати ин ҳикояҳо аз пеши назари хонанда чеҳраҳои гуногун бо кирдорҳои гуногун, ғаму шодии гуногунранг ва манзараҳои ҳар навъ эҳсосро ба вуҷуд меовардагӣ мегузаранд, ки ҳатман дар дили хонанда ягон таъсуроти хотирмонро ба вуҷуд меоранд.

**Ҳабибулло Раҷабов**

## Муқаддима

Адабиёт ягона василаи катбие аст, ки тавассути он шуури иҷтимоӣ, муносибат, зиндагӣ ва дарку фаҳми андешаҳои мардумро бо тасвири баёнӣ ва аёнӣ дар шакли образҳои таъсирбахш инъикос менамояд. Дар ин кор саҳму маҳорати адибону нависандагон нақш мебошазад, то ин оинаро муҷалло сохта, ба мардум нишон диҳанд.

Мирзо  Адиб яке аз нависандагони бузурги  адабиёти урдузабони Покистон мебошад. Ӯ солҳои 30-уми асри ХХ ҳамроҳи адибони машҳур ба монанади Премчанд (1880-1936),Файз Аҳмад Файз (1911-1982), Саодат Ҳасан Манто (1912-1955), Кришан Чандар (1914-1977), Раҷендра Сингҳ Бедӣ (1915-1984) Аҳмад Надим Қосимӣ (1916-2006), Рашид Амҷад ва дигарон қадам ба арсаи адабиёт мемонад ва саҳифаҳои онро дурахшон мегардонад. Ин гуна адибон дар асл офарандагони адабиёти нав, ки олами воқеию ҳақиқат доштаро ба худ дошт, дар асарҳояшон тасвир кардаанд.

Адабиёти урду дар Покистон[1] соли 1947 оғоз нашуда, балки пайдоиши он дар асри 14 дар давраи салтанати Деҳлӣ  сарчашма гирифта, мухлисону ҷонибдорони аввали адабиёт, аз қабили Муҳаммадкули Қутбшоҳ (1565-1612), шоир ва нависандаи забони форсу тоҷик,  дар рушди он саҳм гузоштаанд[2]. Бо гузашти солҳо забони порсӣ-тоҷикӣ оҳиста-оҳиста барои пайдоиши забони урду сабаб шуд. Аз рӯи шумораи гӯяндагон дар ҷаҳон ҷои намоёнро ишғол кардааст. Забони урду забони  давлатии Покистон мебошад.

Оиди шинохти  забону адабиёти урду ва шоирону нависандагони форсу тоҷики Шибҳи Қора дар Тоҷикистон адибону шарқшиносони шинохтаи тоҷик аз ҷумла, Мумтоз Усмонов, Шарафнисо Пулодова, Абдуллоҷон

[1] Васильева Л. А. История языка урду и его статус в Пакистане // Восток. Афро-Азиатские общества: история и современность – 2020. – Выпуск 4 С. 138-149 [Электронный ресурс]. URL: https://vostokoriens.jes.su/S086919080010764-7-1 (санаи муроҷиат: 23.05.2023). DOI: 10.31857/S086919080010764-7

[2] Annemarie Schimmel, Classical Urdu Literature from the Beginning to Iqbāl, (Otto Harrassowitz, 1975), 143.

Ғаффоров, Ҳабибулло Раҷабов, Сайфиддин Акрамов, Замира Ғаффорова, Ҷовид Холов ва Қурбонов Ҳайдар[3] китобу мақолаҳо навиштаанд.

Дар муҳити адабиву иҷтимоии даврони худ Мирзо Адиб чун шахси озодфикру озодандеш ба ягон ҳаракати сиёсӣ майлу рағбат надошт. Аммо ҷараёни воқеаҳову ҳодисаҳо ӯро бетараф намегузошт. Ҳамин тавр, Мирзо Адиб дар замони навҷавониаш аз ташкилёбии Конгресси Миллӣ огоҳӣ меёбаду ба суханрониҳои роҳбарони машҳури он ба монанди Мавлоно Абулкаломи Озод, Зафаралихон, Сайид Ҳабиб, Мавлоно Сайид Атоуллоҳ Шоҳ Бухорӣ, Ғозӣ Абдураҳмон, Мавлоно Азҳар Алӣ Азҳар, Чоудҳарӣ Фазлхақ, Оғо Ҳашр Кашмирӣ ва Муҳаммад Иқбол гӯш дода, таъсирпазир мешуд.

Мирзо Адиб 4-уми апрели соли 1914 дар шаҳри Лоҳур[4], ки дар музофоти Панҷоби Покистони имрӯза воқеъ аст, дар оилаи косиби камбизоат ба дунё омадааст. Мирзо Адиб нисбат ба зиндагии худ китоберо бо номи "Чароғи лойин" ("Mati ка Diya")[5] эҷод намуда, ба таври муфассал тамоми ҷанбаҳои гуногуни ҳаёташро баён намудааст. Ин китоб воқеаҳои давр ва ҳодисаҳои ҳаётии адибро дар бар гирифта, бо услуби хеле содда ва фаҳмо дар шакли 62 боб ва 727 саҳифа мураттаб гардидааст.

Мирзо Адиб даврони бачагию наврасиашро дар ҳамин шаҳри бостонӣ гузаронидааст. Ӯ ҳамрохи падар, модар ва апаҳову хоҳараш бо номҳои Сарфарозбегим, Ҷилвабегим ва Назирабегим зиндагӣ мекард. Падари Мирзо Адиб Мирзо Башир Алӣ ба касби дузандагӣ машғӯл шуда, оилаи худро аз ин манба нон медод. Вай дар кӯчаи «Миё роуд» шаҳри Лоҳур дар хонаи Чоудхрӣ Шаҳобиддин зери сарпарастӣ ва роҳнамоии устодаш Амриддин касби худро равнақ медод. Модари нависанда Маҷида ном дошт, ӯ як зани меҳрубон ва хуб тарбияту таълим гирифта буд. Мирзо Адиб то чорсолагиаш ҳамроҳи падару модар зиндагӣ мекунад. Дертар бо машварати хонавода тарбия ва парвариши ӯ ба бибикалонаш Додӣ Амон вогузор мешавад.

[3] Қурбонов Ҳайдар.Ҳаёт ва эҷодиёти Ҳафиз Ҷоландарӣ.-Душанбе:Истеъдод, 2017
[4] Тибқи дарёфтҳо Лоҳуру Душанбе аз соли 1973 бародаршаҳр мебошанд.
[5] Ба забони англисӣ The earthen lamp

Нависандаи покистонӣ Амҷад Ислом Амҷад дар бораи хонаводаи Мирзо Адиб чунин овардааст: “Мирзо Диловар маъруфу машҳур бо номи Мирзо Адиб аз одатҳои мардумони муғул фақат саҳрогардӣ ё даштгардиро барои худ интихоб кардааст. Обову аҷдодаш аз манотиқи сафеду барфпӯш ва сарди Туркистони Рус ба сарзамини Ҳинд омадаанд”[6].

Ҳамин тавр, Мирзо Адиб таълими ибтидоиашро аз мактаби миёнаи ба номи «Мунисипал кумиттӣ праймери скул[7]», фаро гирифта, бо баҳои хубу аъло онро тамом мекунад. Сипас ба коллеҷи Исломия[8]-и шаҳри Лоҳур дохил шуда, дар маҳфилҳои адабии он фаъолона иштирок менамояд. Маҳз дар ҳамин ҷо ба шеърхонӣ майлу рағбат пайдо мекунад.

Бо ҳамин ҷараёни рангорангии зиндагӣ Мирзо Адиб соли 1930 коллеҷро бо баҳои хубу аъло тамом мекунаду соҳиби маълумоти олӣ мегардад. Бо чунин ноумедиҳову нороҳатиҳои зиндагӣ, нависанда ноилоҷ шуда, барои рафъи душвориҳо ва касби ризқи ҳалол ба идораву мактабҳои шаҳр саргардону сарсон мегардад. Вай рӯзе аз назди матбаи «Панҷоб бук депо»[9], ки дар атрофи Бҳотӣ дарвозаи шаҳри Лоҳур ҷойгир буд, мегузараду тасодуфан бо раиси он Чоудҳрӣ Баракат Алӣ вомехурад, ки дар ин маҳал зиндагӣ мекард. Ин марди наҷибу саховатпеша баъди хатми таълим матбааи Панҷобро ташкил дода, онро сарварӣ мекард.

Баъд аз мулоқот Мирзо Адиб ба матбаа омада, аз китобҳои он истифода мекард. Майлу рағбату дилчаспии Мирзо Адибро ба китоб Баракат Алӣ дида, хело хушнуд мегардад ва бо машварати адибон Ҳаким Аҳмад Шуҷоъ ва Толиб Ансорӣ вайро ба кор даъват мекунанд. Ҳаким Аҳмад Шуҷоъ ва Толиб Ансорӣ ба Баракат Алӣ тавсия медиҳанд, ки Мирзо Адибро барои чоп ва таҳияи маҷаллаи адабӣ зери унвони “Адаби латиф” бо кор қабул намояд. Ин дар ҳоле буд, ки шумораи аввалини маҷалла зери сарпарастии Ҳаким Аҳмад Шуҷоъ ва Толиб Ансорӣ оид ба наврасон кайҳо ба чоп расида буд. Бо

[6] Мирзо Адиб.Мати ка диё.Матбааи Мақбул академи Лоҳур, Покистон, 2000, саҳ.55.
[7] Municipal committee primary school (мактаби ибтидоӣ дар назди комитети шаҳрдорӣ)
[8] Коллеҷи исломии Лоҳур соли 1892 аз ҷониби “Анҷумани ҳимояти Ислом” таъсис дода шуда, шахсиятҳои машҳур, аз ҷумла Муҳаммад Иқбол дар онҷо таҳсил ва тадрис намудаанд.
[9] “Матбааи Панҷоб”

машварати он ду адиб ва Баракат Алӣ  мудирияту таҳрири маҷалла  аввалин бор моҳи декабри соли 1935 ба зиммаи Мирзо Адиб гузошта мешавад.

Миёнаҳои соли 1941 Мирзо Адиб кору фаъолияташро аз маҷаллаи “Адаби латиф” қатъ карда, аз тарафи ҳунарманди филм  Юсуф (бародари ҳунарпешаи машҳур Дилип Кумар) ки замоне навиштаҷоташро чоп  мекард, барои кор даъват мешавад.

Мирзо Адиб нахустин бор  солҳои 1942-1943 дар идораи “Ол Индиа Радио” дар шуъбаи мусиқӣ ба кор шурӯъ кард. Ҳамин тариқ,  бори дуввум баъди озодии Покистон  ҳамроҳ бо Абдулваҳидхон, Ахтар Ҳусейн, Баракат Алӣ, Зинатбегим ва Фатҳ Алихон зиёда аз 15 сол  дар  идораи Радиои Покистон кору фаъолият намудааст.

Дар ин зимн, бо талоши ҳукумати онвақт “Анҷумани нависандагони Покистон”  барои рушд ва  тавсиъаи кори аҳлу адаб ташкил меёбад.  Мирзо Адиб  ҳамкориашро бо ин анҷуман оғоз намуда, ҳамроҳи доктор Ваҳид Қурайшӣ, доктор Рашид Анвар, Ишфоқ Аҳмад, Вақор Азим, Муҳаммад Туфайл ва Ҷамилудин Олӣ робита барқарор карда, дар рушди адабиёти урду саҳм мегузорад. Ҳамин тариқ, ӯ аз ҷониби ин анҷуман ду маротиба ба машриқи Покистон (Бангладеши имрӯза) сафар карда, бо аҳли адаби он робита барқарор  мекунад.

Нависанда аввалин  маҷмӯаи ҳикояҳояшро дар соли 1939 зери номи “Саҳронаворд ке хутут” (Мактубҳои як саҳронаворд), иборат аз ҳашт ҳикоя дар шакли ҳашт мактуб, эҷод карда, чоп мекунад. Китоб аз серхонандатарин асар буда, дар замони зинда будани муаллиф сазовори унвони “Голден ҷубиллӣ” (Солгарди тиллоӣ) гардид. Китоби мазкур бо забонҳои ҳиндӣ, панҷобӣ, англисӣ ва ду ҳикояи он ба рӯсӣ низ тарҷума шудааст.

Бояд қайд кард, ки аввалин силсилаи он дар соли 1935 замоне ки нависандан 23 сол умр дошт зери номи “Саҳронаворд ке пеҳла хат” (Нахустин мактуби саҳронаворд) навишта шуд. Дар китоби “Саҳронаворд ке хутут” (Мактубҳои як саҳронаворд),  ҳикояҳои “Афсонаи хунин”, “Духтари саҳро”, “Маликаи Миср”, “Муҷассама” (Муртӣ), “Чоҳи Бобул”, “Сайли ҳаводис”,

“Ҳикояи ҷунун” ва “Асири Симарт” (Симорт ко қайдӣ) бо забони соддаву фаҳмо ва дилчасп тасвирёбӣ шудаанд, ки ҳар персонаж бо кирдору воқеаҳои ҷаззобу саросар тахаюлӣ буда, бозгуӣ таъриху ҳодисаҳои гӯзашта мебошанд. Ҷолибияти ҳикояҳо дар он аст, ки ҳар яки он аз мамолику кишварҳо ва маконҳое қисса мекунад, ки таъриху осори дилчасп доранд. Масалан, дар ҳикояи “Чоҳи Бобул” ҳамаи образҳо ба тамаддуну таърихи даврони бобулиён вобаста аст. Ҳамин тавр, дар ҳикояҳои дигар аз Мисру Юнон ва таъриху тамаддуни онҳо ривоятҳову қиссаҳо оварда шудааст. Дар “Сайли ҳаводис” аз давру замонҳои нақлу ривоят мекунад, ки дар марзҳои Эрон қавми “Ҳун” (Гунн)[10] тасаллут ва ҳукмронӣ мекард.

Бо вуҷуди ҳамаи ин саволу баррасиҳо нависанда ҳодисаву руйдодҳои даврони ҷавониашро дар маҷмуаи ҳикояҳо зери номи “Ҳасрати таъмир” иншо кардааст, ки бо кӯмаки профессор Арш Сиддиқӣ дар моҳи январи соли 1980 чоп шуд. Дар он нависанда тамоми шахсиятҳову маконҳоеро ки дар атрофаш буданд, ба тавсир кашондааст. Аммо ҳамаи он кирдорҳову образҳоро вай дар китоби “Мати ка диё” (Гили лойин) аз забону корнамоиҳои як нафар бо тасвири хос ба забони қалам меоварад. Бояд зикр кард, ки нависанда нисфи китобро дар ҳуҷраи рақами ҳафти беморхонаи Гулоб Девии шаҳри Лоҳур, замоне ки завҷааш хело сахт бемор буд, навиштааст. Ҳамин лаҳзаҳоро нависанда ба хотир оварда чунин менигорад: “Завҷааи меҳрубонам медонист, ки ман чизе менависам, аммо чӣ будани он ба вай маълум набуд”. Инро дида завҷааш аз Мирзо Адиб мепурсад:

-Имрӯзҳо чӣ навишта истодаед?

-Дар бораи зиндагии худам навишта истодаам.

Ӯ ҳарфашро идома дода мегуяд:

-Дар ҳамин вақтҳо чӣ менависед?

---

10 Ҳунн (юн. Οὔννοι, лот. *Hunni*) — иттиҳоди қабилаҳои бодиянишин, ки сараввал дар Осиёи Марказӣ ташаккул ёфта, дар охири ҳазорсолаи 3 то м. дар минтақаҳои Туркистони Шарқӣ ва Чин паҳн шуданд. Гуннҳо // Вичлас — Гӯянда. — Д. : СИЭМТ, 2015. — (Энсиклопедияи Миллии Тоҷик : [тахм. 25 ҷ.] / сармуҳаррир Н. Амиршоҳӣ ; 2011—2021, ҷ. 4). — ISBN 978-99947-33-77-4.

-Хотираҳоямро дар бораи модарам, падарам, тағоам, бибиам навишта тамом кардам.

Завҷааш як ду лаҳза хомӯш истода, боз гуфт:

“Ин ҳама шахсиятҳо дар ин дунё ҳоло дигар нестанд......”

Ман хомӯш меистодам ва ӯ суханашро идома доду гуфт:

-Дар бораи ман ҳам нависед!

Дар ин вақт ӯ ба ман назаре андохту дубора ба ҳолати аввалааш дароз кашиду гуфт: “Ман медонам, ки ту дар бораи ман менависӣ, магар ҳоло вақти навиштани он нарасидааст, ҳоло дар ин бора ҳаргиз чизе нанавис”. Ин лаҳза ман ба мисле ки синаамро чизе сих зада бошад, якдам чизеро дар худ эҳсос кардам[11].

Дар воқеъ, ин китоб дар бораи он ҷавоне мебошад, ки Диловар Алӣ ном дошту 4-уми апрели 1914 таваллуд шуда дар кӯчаву хиёбонҳо, бозорҳо, боғҳо, дарсгоҳҳои шаҳри Лоҳур ҳамаи чизро аз наздик мушоҳидаву эҳсос карда, тамоми хушиҳову ғамҳо ва ҳатто хобҳояшро бе ягон каму кост ошкоро баён мекунад.

Асарҳои дигари Мирзо Адиб ба монанди “Озодӣ” (дар бораи як духтари нобино ба номи Фохирон), драмаҳои “Шаҳноӣ” ва “Аҷнабӣ”, “Матоъи дил”, маҷмуаи ҳикояҳо зери номҳои “Лава” (“Lawa”), “Ҷангал” (1952), “Камбал” (1957), “Деворҳо” (“Diwareen”) (1947), “Ҳасрати таъмир”(1979) ва “Чароғи ҳафтум” (“Satwan Charagh” (1983) мебошанд. Асарҳои драммавии ӯ бо номҳои “Ашк ва ситора”(“Ansu aur sitare”), “Хун ва қолин” (“Lahu aur qalin”), “Сутун”, “Фасили шаб”, “Maamukhan aur Maamujan”, “Паси парда” (1967), “Хокнишин”, “Шиша ва санг” ва мақолаи интиқодӣ зери номи “Чанд паҳлуе аз омӯзиши шахсияти Муҳаммад Иқбол” (“Mutaliae Iqbal ke chand pehlu”) низ эҷод шуданд, ки масоили мубрами ҷомеаро баён мекунанд.

Ҳамин тариқ, эссе ва мақола зери номи “Қарзи нохун” (“Nokhoon ka qarz”), тарҷумаҳо, аз ҷумла “Ҳикояҳои нав” (“Jadeed afsane”), “Пур асрор водӣ”,“Уфуқи кӯҳ” (“Ufuq ki phar”) дар бораи нависанда ва дипломат

---
[11] Мирзо Адиб . “Мати ке дие”. Мақбул Академи.Лоҳур.Соли 2000, саҳ.409

Вашингтон Ирвинг эҷод шуда, хазинаи адабиётро урдуро ғанитар гардониданд. Дар маҷмуаи ҳикояҳояш зери унвони “Чароғи ҳафтум” (“Satwan charagh”) нависанда бо овардани 12 ҳикояи хурд-хурд хело ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт моҳирона тасвирсозӣ шудааст. Хусусан ҳикояҳои“Амонат”, “Аробаи дастӣ”,“Лутфи Иноят Бибӣ” ва “Мушкили хиёбони баста”аз ҳақиқати зиндагӣ бо тамоми ҷузиёташ дарак медиҳанд, ки ибратомӯз мебошанд.

Дар Тоҷикистон яке аз ҳикояҳои Мирзо Адиб дар маҷаллаи Садои Шарқ зери номи “Пас аз сиюҳафт сол” аз русӣ бо тарҷумаи Азимқул Насимов низ ба чоп расидааст. Бо кӯшиши Раҳмонов М. драмаи Мирзо Адиб бо номи “Дастак”, ки оиди гирифтор шудани табибе ба бемории равонӣ бахшида шудааст, аз китоби “Паси парда”-и муаллиф аз забони урду ба тоҷикӣ низ тарҷума шуда дар сомонаи расмии Институти Осиё ва Аврупо ва маҷаллаи Ахбори Академияи миллии илмҳо нашр гардидааст[12]. Инак бо талошу кӯшиши муаллифи ин сатрҳо маҷмӯаи ҳикояҳои Мирзо Адиб зери унвони “Кирну си бандҳе ҳатҳ”[13] (Дастҳои асири шуъои офтоб) аз забони урду ба забони тоҷикӣ тарҷума шуд.

Ин маҷмуа соли 1990 дар матбаи “Мақбуд акодемӣ”-и шаҳри Лоҳур бо забони урду ба нашр расидааст. Он аз 9 ҳикоя иборат мебошад, ки масоили мубрами зиндагии мардумони Ҷануби Осиё хусусан Покистону Ҳиндустонро тасвир менамояд. Дар ин ҳикояҳо образҳои асосиро инсонҳои оддии ҷомеа нақш мебозанд. Ин афрод дар ҷомеа ҳар рӯз дида мешаванд, аммо аз ғаму дарди онҳо қисми бештари ҷомеа воқиф нест. Мирзо Адиб ғаму дарди онҳоро дарк карда хело моҳирона барои хонанда баён кардааст.

Ин масоил ба зиндагии мардумон пайвасти амиқ дошта, бо омӯзишу мутолаи онҳо шахс аз рӯзгори афроди мазлум, ғамдору мусибатзада огаҳӣ меёбад. Ҳамин тариқ, шахс воқеияти масоилро дарк карда, тасвири зиндаи

---

[12] Раҳмонов Мирсаид. Дастак.https://osiyoavrupo.tj/tg/post/dramai-dastak-az-kitobi-pasi-parda-i-navisandai-pokiston-mirzo-adib-1914-1999

[13] Kirno Se Bandhay Haath / کرنوں سے بندھے ہاتھ (Дастҳои асири шуои офтоб)

ҷомеаро дар пеши назараш мебинад. Ҳикояҳо бо услуби хело хубу равон иншо гардида, шаҳодат медиҳанд, ки Мирзо Адиб на фақат имрӯз, балки мусалсал доимо аз дарди ҷомеа мегӯяду менависад. Зеро дар онҳо масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Яке аз намунаи онро дар ҳикояи "Ҷиҳоз" метавон мушоҳида кард, ки оиди расму оини мардум ва хароҷоту исрофкориҳои беҳудаву изофавии онҳо рабт дорад.

Ҳамин тариқ дар ҳикояи "Гулсум" нависанда достони як зани ғамзадаеро овардааст, ки ба хотири парваришу таълими фарзандаш ба Англия ба кор меравад. Ҳамин тавр, ин зан дар онҷо бо як ҷавон оиладор шуда, соҳиби фарзанд мешавад. Аммо баъд аз чанд муддате онҳо аз ҳам ҷудо мешаванду зан ба мушкилоти дигаре дучор мегардад. Дар ҳикояи "Бекасӣ" (Бесаҳоро) низ қиссаи марди кӯҳнафурӯше оварда шудааст, ки фарзандонаш ӯро танҳо гузошта ба кишвари Аморати Мутаҳҳидаи Араб барои кор рафта, падарро аз ёд мебаранд. Яке аз фарзандон замоне падарашро ёд меоварад, ки соҳиби як фарзанди маъюб мешаваду нигоҳубини ӯро ба падар вогузор мекунад. Ҳамин тариқ, вақте кӯдак ба воя мерасаду дастёри бобо мегардад, волидайн ӯро зӯран мегиранд. Дар натиҷа падар боз танҳову бекасу бесарпаноҳ боқӣ мемонад.

Мирзо Адиб дар ҳикояи "Мактаби калон" (Бара скул) низ ҳаёти достони писари ронандаеро овардааст, ки волидонаш ӯро ба мактаби маҳалла бо номи "мактаби шӯрои маҳал" (Комитти скул) мемонанд. Аммо дар давоми таълим ӯ аз рафтори номуносиби муҳити мактаб (аз ҷониби баъзе муаллимҳову шогирдон) ба танг омада ба дарс намеравад. Дар натиҷа, модар зару зевароти худро фурӯхта писарашро дар мактаби дигар ҳамроҳии оилаҳои сарватманд мемонад. Баъд аз чанд муддат инҷоро ҳам ба хотири таънаву маломатҳо ва табъизи[14] шарикдарсонаш-"ӯ писари як ронанда мебошаду набояд касе бо вай сӯхан гӯяд", тарк мекунад.

Ҳикояи "Худо ҳофиз" (Оллоҳ ҳофиз) дар бораи зану шавҳаре мебошад, ки дар вақти омодани селоб деҳаи худро тарк карда барои наҷоти ҷони худ ба

[14] (дискриминатсия)

сӯи дигар макон ҳаракат мекунанд.Аммо бо сабаби торикии шаб онҳо роҳро гум мекунанд. Ҳамин тавр, замоне селоб ба зонӯҳояшон мерасад, шавҳар ба зани худ Тоҷу достони таърихии модари Мӯсо (алайҳиссалом) ва партофтани кӯдаки навзодро ба дарё нақл мекунад, ки дар натиҷа ба хонаи подшоҳе мерасаду дар онҷо тарбият ёфта ба камол мерасад.

Ҳамин тариқ, бо ёд овардани қиссаи мазкур модар ҷигарбанди худро дар сандуқи чӯбин мегузораду ҳар ду ҳамроҳи шавҳар ӯро ба дарё андохта бо вай “Худо ҳофизӣ” менамоянд. Дар ҳикояи “Андҳера раат ки бариш” (Борони шаби торик) аз ҳаёти падару писаре нақл мекунад, ки ӯ барои ҷаҳози арӯсии писараш пул ҷамъ мекунад. Вале ин пулро ба дӯсти заруратманди худ қарз медиҳад. Аммо бо гузашти замон маблағ ба ӯ боз гардонида намешавад. Падар худро дар назди фарзанд гунаҳкор меҳисобаду шарманда медонад. Лекин баъд аз ошкор шудани ҳақиқати воқеа онҳо якдигарро мебахшанд. Дар натиҷа падар аз бемории равоние, ки мубтало шуда буд, раҳо меёбаду ба зиндагӣ идома медиҳад.

Ҳамин тавр, муаллиф дар маҷмуаи бо овардани ҳикояҳои “Кутта” (Саг), “Инҷанӣ раҳун ка мусафир” (Мусофири роҳҳои ноошно) ва “Маа ки як раз” (Рози як модар) масоили мубрами ҳаёти одамонро тасвиркушоӣ кардааст.

Мирзо Адиб бо эҷодиёти гаронбаҳояш тавонист дар рушди адабиёти муосири урду саҳм гузорад. Асарҳои офаридаи ӯ бо доштани хусусиятҳои хоси худ хонандаро аз дарки масоил ва роҳҳои ҳалли онҳо огоҳ намуда, роҳнамоӣ мекунанд. Ӯ дар тӯли умри худ беш аз 78 китоб ва як силсила мақолаҳо таълиф намудааст. Бештари асарҳояш бо забонҳои банголӣ, ҳиндӣ, рӯсӣ ва чинӣ низ тарҷума шуданд. Мирзо Адиб санаи 31-уми июли соли 1999 дар сини 85 солагӣ олами ҳастиро падрӯд гуфта, ба ҷаҳони абадӣ сафар мекунад.

Ӯ чун шахсияти қавиирода ва адиби сермаҳсул дар адабиёти муосири урдузабон ҷомеаи таълимёфтаву мардуми озодихоҳу озодандешро ҷонибдорӣ карда, таълимоту андарзи дигар гузаштагонро сармашқи фаъолияти худ медонист. Ҳукумати Покистон хидматҳои пурарзиши Мирзо Адибро ба

эътибор гирифта, ӯро бо чандин ифтихорномаҳои давлатӣ, аз ҷумла барои китоби «Паси парда» дар соли 1968 бо Ҷоизаи адабии "Одамҷӣ" (Adamjī Adabī Ēwārd) сарфароз намудааст. Дертар соли 1969 барои асарҳои драммавӣ ва соли 1981 барои рушди адабиёти урду сазовори ҷоиза гардидааст.

Мавриди зикр аст, ки шинохти дуруст ва тарҷумаи асарҳои адибон аз як забон ба забони дигар хело муҳим арзёбӣ шуда, он чун воситае мардумони кишварҳои гуногунро ба адабу фарҳанги якдигар шинос менамояд. Чунин шиносоӣ заминаҳоро барои наздиктар ва қавитар шудани дӯстии байни халқҳову ҷамъиятҳо ва равобитии адабию фарҳангии минтақаи Осиёи Марказӣ ва Шибҳи Қораи Ҳинд аз ҷумла Покистону Ҳиндустону Бангладеш саҳми арзанда гузошта, дипломатияи фарҳангии кишварҳоро дар рушди забону адабу фарҳанг ва дар партави хираду меҳру муҳаббат ва сулҳу инсондӯстӣ тавсеа ва тақвият мебахшад.

**Мирсаид Раҳмонов**

## Ҷиҳоз[15]

Ин воқеа инқадар пурдабдаба ва муҳим набуд. Пайваста дар донишгоҳҳову коллеҷҳо семинарҳои мубоҳисавӣ байни шуъбаҳо сурат мегирифт. Дар он маҳфил донишҷуписарону донишҷудухтарон фаъолона иштирок карда, суханронӣ намуда, ифтихорномаву сипосномаҳо дарёфт мекарданд. Дар ин зимн, Саҷҷод низ дар яке аз маҳфилҳо фаъолона иштирок карда, дар мавзӯи “Ҷиҳоз” (ҷиҳози арӯс) суханронӣ кард. Ҳунару равиши сухаронии Саҷҷод ҳамаи иштирокчиёнро ба ҳаяҷон овард. Зеро ӯ тавонист дар суханрониҳояш тамоми ҷанбаҳои манфии ҷиҳози арӯсро шарҳу тавзеҳ намуда исбот намояд, ки он як хароҷоти изофавӣ ва нолозим мебошад.

Ҳамин тариқ, Саҷҷод бо ифшо кардани ҷанбаҳои гуногуни ҷиҳоз ва зарару хасоратҳои он барои мардумони ҷомеа ҷои намоёнро сазовор шуда, ифтихорнома ба даст меовард. Ҳамин тариқ, дар коллеҷ номи Саҷҷод пайваста гирифта мешуд ва ҳама баҳсу гуфтугӯ миёни устдодону шогирдон ва иштирокчиёни маҳфил дар ғоиби ӯ сурат мегирифт, ки дар натиҷа маърӯзаи ӯ ба як ҳангомае ё шӯру ғавғое табдил ёфт. Дар ин замн, дар чеҳраи Саҷҷод дигаргуние дида мешуд. Бо вуҷуди ҳамаи он Саҷҷод аз устодонаш ташаккурӣ мекарду ба кори худ идома медод.

Ҳамин тавр, рӯзе яке аз устодон ӯро тавсифу офарин гуфта барояш чунин изҳор кард: “Суханрониат хело олӣ буд, аммо маърӯзаҳо иброз мешаванду амалӣ нашуда боқӣ мемонанд. Эй кош андешаҳои хуб ва пешниҳодҳо дар амал иҷро шаванд.” Ин суханони устод ба Саҷҷод таъсир мерасонад ва фавран ба муаллимаш хитоб карда, иброз мекунад, ки амалӣ гаштани онро аз худаш оғоз хоҳад кард. Ва ваъда медиҳад, ки аз хонаводаи падарарӯси худ ҷаҳиз талаб нахоҳад кард. Бо шунидани ҷавоб раҳмату кафкӯбиҳои бардавом дарёфт мекунад. Ин ҳама кафкӯбиву ҳангомаҳо ба хотири эълони ҷуръатмандонаи ӯ буд, ки ӯ тавонист бо суханрониҳои олии худ дар маҳфили коллеҷ ҳамаро ба ҳайрат оварад.

[15] Ҷиҳоз ё ҷаҳиз асбоб ва чизҳое иловагие, ки арӯс бо худ ба хонаи шавҳар меорад. Он дар забони ҳиндӣ ба даҳез ва дар урду ҷаҳез номида мешавад, ки дар асл аз калимаи ҷиҳози забони арабӣ маншаъ гирифтааст.

Ҳамин тавр, баъд аз фароғат аз чойнӯшӣ Саҷҷод  моторсиклети худро гирифту мехост ба хона равад. Аммо профессор Азизуддин  ӯро манъ карду барояш изҳор намуд, ки “суханронӣ ва изҳору тасмими амалӣ кардани он хело хубу олӣ ба назар менамояд”.

Ҳамин тавр, Саҷҷод аз ӯ ташаккур кард. Профессор бошад аз Саҷҷод савол кард:

-Ба назари ту ривоят чӣ мафҳум дорад?

Саҷҷод  каме андеша карду бо садои хаста ҷавоб дод:

-Ривоят ин ривоят мебошад, устоди муҳтарам иброз кард ӯ.

Ҷавобро шунида профессор бо тааҷҷуб ба ӯ  изҳор кард:

-Бале дуруст аст, ки  ривоят ривоят аст. Аммо  ту медонӣ, ки ривоят як пурасрор чизест, ки дар дил ҷой гирифта боқӣ мемонад. Ҳаргиз  беҷо шудан намехоҳаду барои раҳоиаш зиддият нишон медиҳад.

Саҷҷод андешае накарду ба профессор бо забони англисӣ изҳор карда гуфт: “Excuse me sir”[16]. Дар  ҷавоб  профессор бо табассум ба Саҷҷод гуфт: “Wish you good luck”[17].

Ҳамин тариқ, Саҷҷод  ба хона баргашту аз  ҷониби ҳамаи афроди хонаводааш табрику ташаккурҳо шунид. Дертар бегоҳирӯзӣ аҳли хонавода бо шумули модару апаи Саҷҷод дар  гирди мизи ошхона нишаста сӯҳбат карданд. Модари Саҷҷод  пиёлаҳоро дар болои миз мегӯзошту апааш дар назди ӯ менишаст. Саҷҷод ба апааш тавре нигоҳ мекард, ки гӯё дилаш мехост чизе барояш бигӯяд. Дар ин  вақт апааш бо садои паст ба гӯши Саҷҷод гуфт:“Чӣ гуфтан мехоҳӣ Саҷҷод”?

Саҷҷод чанд лаҳза табассум карду ба апааш чунин гуфт:“Апа овозаҳо ва таърифу тавсифҳоро шунидӣ, аммо аз асли  масъала хабардор нестӣ? Ман ваъда кардам, ки аз падарарӯсшавандаи ояндаи худ ҷиҳоз талаб нахоҳам кард”.

---

[16] Мебахшед, ҷаноб!

[17] Бароят хушбахтӣ мехоҳам.

Апааш сухани ӯро хуб нафаҳмида изҳор карда пурсид,-“яъне заншавандаи ту ҷиҳоз нахоҳад овард. Оё ин тасмиму файсалаи ниҳоии ту мебошад”?

-Бале, тасмиму файсалаи қатъии ман ҳамин ҳаст, ҷавоб дод Саҷҷод.

Дар ин вақт ҳамаи аҳли хонавода ба суханони Саҷҷод гӯш медоданд. Калонсолони хонавода ба гапу андешаҳои ӯ эътибори ҷиддӣ намедоданд, вале афроди хурди хона масъаларо миёни худ мавриди баҳс қарор медоданд. Баъд аз чаҳор моҳ имтиҳонҳои Саҷҷод оғоз мешаванд. Ӯ барои такмили рисолаи илмии худ омодагӣ медид. Баъд аз хатми имтиҳонҳо Саҷҷод ба апааш изҳор менамояд, ки мехоҳад дар хонаашон туйи арӯсӣ барпо гардад. Бо шунидани он апааш хуш шуда ба Саҷҷод мегӯяд, ки модар дар ҷустуҷӯи арӯсе ҳасту дер ё зуд ҳамааш маълум хоҳад гашт.

Ҳамин тариқ, апааш Саҷҷодро хотир расон карда, аз муаммои ҷиҳоз талаб накардани ӯ мепурсад.

Саҷҷод ба апааш изҳор карда чунин ҷавоб медиҳад,“Апа ин як мубориза хело калону баҳсбарангез мебошад. Зеро он эълони муҳорибаву мухолифат ба анъанаи қадимаи қабулшудаи ҷомеаи мо ҳаст”.

Дар ин кор Саҷҷод гӯё мухолиф ба “несту нобуд кардани ҷиҳоз” набуда, балки ӯ хоҳони “тамоман халосу раҳоӣ аз он” мебошад.

Ҳамин тавр, апаи Саҷҷод аз ин кор модарашро огоҳ карда мегӯяд, ки “модар ба назар мерасад, ки писари ноогоҳи шумо дар мақсади худ ҷиддӣ хоҳад буд”.

Саҷҷод ҳам ба мисли дигар аҳли хонавода модарашро хело эҳтиром мекард ва ҳар замоне ки ӯро садо мекард зӯд ба наздаш ҳозир мешуд. Ҳамин тавр, модар ӯро садо карда аз вай мепурсад:“Саҷҷод дар бораат чиҳо шунида истодаам. Овозаҳост, ки ту аз гирифтани ҷаҳиз инкор хоҳӣ кард. Каме ақлатро кор фармо. Оё боре ҳам чунин кор шудааст”.

“Модарҷон”, Саҷҷод дигар чизе гуфта натавонист.

“Аз ақл кор бигир”,-боз дубора таъкид карда гуфт модар ба Саҷҷод.

“Модар агар пештар чунин кор нашуда буд, акнун амалӣ хоҳад гашт ва оё дар ин амал ягон ҳарачу мараҷе ҳаст”, изҳор мекард  Саҷҷод ба модараш. Дар идома модар тарзи гуфторашро дигар карду гуфт, ки “ту аз мо мепурсӣ, ки ҳарачу мараҷе нест. Ин кор марбут ба хонаводаи арӯс ҳаст. Дар ҷашни арӯсӣ кадом падару модар духтарашро бе ҷиҳоз аз хона рӯхсат кардан мехоҳад. Оё дар бораи ин ягон фикре  кардаӣ”?

Саҷҷод суханони модарро гӯш карда ба вай чунин иброз кард:

-Модарҷон ба шумо гуфтам, ки падару модари арӯс  духтарашонро ба мо медиҳанд, на ҷиҳоз. Медонам шумо як модари хубу донишманд ҳастеду ба фарзанди худ  дар ин кор зиддият нахоҳед кард.

-Ту дар ҳақиқат девона шудаи Саҷҷод. Дар гузашта ягон маротиба чунин кор сурат на гирифта аст, таъкид карда гуфт модар ба писараш.

Саҷҷод боз ба ҳарфҳои модараш  гӯш карду гуфт:

-Модарҷон ман чунин андеша дорам ва  онро  амалӣ хоҳам кард.

Модараш аз Саҷҷод норохат  шуда, изҳор карда пурсид:

-Агар падарарӯсу модарарӯсат инро бидонанд ба ту чӣ хоҳанд гуфт?

Вале Саҷҷод  чизе  нагуфта, хомӯш истод.

Бо ин баҳсу мунокишаҳо модар эҳсос кард, ки фарзандаш Саҷҷод аз иродаи худ нахоҳаду гашт. Лизо ночор  ӯро ба ҳоли худ монд.

Дар ин зимн, Саҷҷод ба апааш мурочиат карда гуфт:

-Ба натичае нарасидем. Он чизе ки ман ба модар иброз кардам напазируфт.

-Роҳу равиши  модар дигар ҳасту аз ту бошад дигар!-Иброз кард апааш ба ӯ.

Сипас Саҷҷод ба ин тарафу он тараф нигариста аз апааш пурсид:

-Лутфан маро хабар деҳ, ки янгаи нав аз куҷо хоҳад буд.

-Аҷабо! Ту гуё ки аз ҳеч чизе хабардор нестӣ. Арӯсшавандаи ту аз хешовандони дури модар буда, духтари Осифхон мебошад. Духтараш Самраро ту бояд дида бошӣ. Соли гӯзашта соҳиби маълумоти олӣ (дараҷаи Бакалавр) шуда буд, фаҳмонид  апааш ба ӯ.

Саҷҷод ин духтарро пештар дар чандин маъракаҳои хешу таборӣ дида буд. Ӯ як духтари баландқомату зебо мебошад.

-Ба назарат ин духтар чӣ хел ҳаст, пурсид апааш аз Саҷҷод.

-Бо сад дилу ҷон қабул, бо сари хам ҷавоб дод Саҷҷод.

-Шукрона бояд кард, ки ҳамаи ин марҳалаҳо сипарӣ гашт. Модар аз ман хост, ки дар ин бора назари туро бидонем, изҳор кард апааш ба Саҷҷод.

Саҷҷод инро шунида фавран ба апааш иброз карда ишора кард,“Лекин апа...”

-Боз кадом лекин, савол кард апааш аз Саҷҷод.

“Лекин ҳамаи корҳо фақат бо пешниҳоду шарти ман сурат бояд гирад”, гуфт ӯ ба апааш.

“Чунин шарт миёни ту ва модар бояд бошад. Ман вазифаи худамро иҷро кардам”, баён кард апааш ба Саҷҷод.

Даҳ сол пеш падари Саҷҷод вафот карду аз худаш меросу дороиҳои зиёдеро барои хонаводааш боқӣ гузошт. Дар мавриди ҷаҳиз фикри Саҷҷод тағйир намекарду зарӯрат ба ягон баҳсу ҷидол ҳам надошт. Вале модару писар бошад миёни ҳам чанд рӯзи дигар дар ин масъала кашмакаш доштанд. Дар ниҳоят бо ҳам мувофиқат карданд, ки агар падари Самра Саҷҷодро дар ин маврид талаб намояд, модар хомуш мемонаду оиди ҷаҳиз истодагарӣ нахоҳад кард.

Бо чунин шарту шурут ҳар ду хонавода омодагӣ ба ҷашни арӯсӣ мегирифтанд. Бо ҳам машварату сӯҳбатҳо мекарданд, вале муаммои ниҳоии ҷаҳизро ба хонаводаи духтар вобастагӣ дошт. Ҳамин тавр, рӯзи саввум занги дарвозаи хонаи Осифхон садо дод. Дар хона ба ғайр Осифхон касе дигаре аз хонавода набуд. Худи Осифхон дарвозаро кушоду домодшавандаи худро дида ҳайрон монд.

-Шумо Саҷҷод писарам ҳастед-ку! -Бо тааҷҷуб изҳор кард ӯ.

-Бале! Мехоҳам чизеро бароятон иброз намоям, изҳор кард Саҷҷод ба ӯ.

Осифхон ба ӯ бо нигарон менигаристу мехост бидонад, ки чӣ шуда бошад. Зеро омадани Саҷҷод бароящ хело аҷибе менамуд. Чӣ тавр мумкин

аст, ки домодшаванда пеш аз туйяш ба хонаи падарарӯсаи худ омада мегӯяд, ки “мехоҳам ба шумо чизеро бигӯям”.

-Марҳамат ба хона ташриф оред, гуфт Осифхон ба Саҷҷод.

Ҳар ду ворид шуда болои суфаҳои меҳмонхона нишастанд.

-Бифармоед писарҷон, гуфт Осифхон.

Саҷҷод замоне донишҷӯ буданаш дар рӯ ба рӯи як маҳфили калон аз гуфтан намеҳаросид, аммо ҳоло бошад ӯро ҳаяҷон фаро мегирифту аз лабкушодан эҳсоси парешонӣ мекард. Осифхон бо ангуштони дасти росташ сарашро дошта, бо диққат ба Саҷҷод нигоҳ мекард.

-Амак, оғоз кард Саҷҷод ба сухани худ.

-Бале писарҷон, гуфт Осифхон.

-Шумо медонед, ки ҷаҳиз дар ҷомеаи мо як чизи хело зишту бадест”, иброз кард Саҷҷод.

-Бале, тасдиқ кард сухани ӯро Осифхон.

-Ин тавр бошад, ин чизи зишт бояд хотима ёбад. Ман барои хотимаи он аз худам оғоз мекунам. Боварӣ дорам, ки шумо маро дастгирӣ хоҳед кард, иброз кард Саҷҷод.

Саҷҷод суханонашро тамом кард, ки ин лаҳза ходими хона барояшон чой овард ва ҳар ду хомӯшона ба суҳбати худ хотима бахшиданд.

-Писарҷон ҳар фарди бо савод барои беҳбудии ҷомеа кору хидмат бояд намояд. Дар ин кор ман бо ту ҳастам, гуфт Осифхон ба Саҷҷод.

Дар ниҳоят Саҷҷод аз ӯ ташаккурӣ карда, изҳори хушнудӣ намуд. Ҳамин тавр, Саҷҷод натиҷаи мулоқоташро омада ба модари худ нақл карда гуфт:

-Модар ӯ як инсони хело хуб будааст.

-Чаро хуб набошад, ин кор ба фоидаи ӯ хоҳад буд, иброз кард модараш ба ӯ. Вале Саҷҷод аз модараш чунин ҷавобро интизор набуд.

-Хуб ҳар коре мехоҳӣ бикун. Агар чунин файсала шуда бошад чаро бо он мудохилат намоем, изҳор кард модараш ба Саҷҷод.

Модар ҳамроҳи худ духтари калониашро гирифту аз хона баромада рафт. Ҳамин тариқ, омодагӣ ба туй сурат гирифту дар вақти муайяншуда Сумра арӯс шуда ба хонаи Саҷҷод омад. Ӯ ҳамроҳи худ ду чамадон оварда буд, ки шомили либосҳо, лавозимоти зебоӣ ва якчанд ашёи шахсӣ буданд. Модари Саҷҷод барои домоду арӯс ду хонаеро иборат аз меҳмонхона ва анҷомхона ҷудо намуда, омода кард.

Арӯс вориди ҳуҷраи худ гашту дар паҳлуаш Саҷҷод омада нишаста садо кард:

-Сумра!

-Бале, бо як садои фораму борик ҷавоб дод ҳамсари Саҷҷод.

-Ба назарат ман кори дуруст кардам,-изҳор кард  Саҷҷо ба ӯ.

-Бале, гуфта арӯс ризоятмандона  сари худро ҷунбонида сухани ӯро тасдиқ карда ишора намуд.

-Ин хел не Сумра бо забон бигӯ то бишнавам! -Иброз кард Саҷҷод.

-Хуб шудааст, гуфт занаш ба ӯ.

-Агар ту ягон эътирозе надошта бошӣ, бо сарат не, балки  бо забон онро баён намо! -Сумра хуб гуфта, бо сараш ишора кард.

“Умеди ман ҳамин буд, ки исбот кардем, ки бе талаб кардани ҷаҳиз зиндагии хуберо хоҳем сипарӣ кард. Ҷаҳиз як кори зиштест. Онро  нобуд бояд карду хотима  бахшид”, мегуфт Саҷҷод.

Сумра  медонист, ки шавҳари ӯ аз суханрониҳои  мубоҳисавӣ тарсу ҳаросе надорад.  Ӯ барои чунин хислатҳояш ботинан  аз вай шукргӯзорӣ мекард.

Сару садо ва бадандешӣ  аз сифоти бади ҷомеа ҳастанд, ки миёни мардум хело писанду  дӯстдошта шудаанд. Пешгирӣ ва роҳҳои бастани чунин одатҳои зишти иҷтимоӣ хело кори душвору сахтест.  Ин одатҳои разилона гоҳу ногоҳ зуҳур карда, мардуми ҷомеаро ба домани худ кашида дар руҳу равони онҳо асар гузшота  боқӣ мемонанд.

Ҳамин тариқ, Саҷҷод тавонист ҷанбаҳои манфии ҷаҳизро мавриди омӯзиш қарор доду хоҳони халосӣ ва ислоҳи он дар ҷомеа шуд. Ӯ дар ҳар

кораш аннгушти худро бардошта ишора карда, сухан мекард. Бо чунин маҳорату корнамоиҳояш Саҷҷод дар миёни ҷомеа ҳамчун инсони ҷасуру баҳодур ном баровард.

Вале бо вуҷуди ҳамаи ин овозаву сару садоҳо Саҷҷод  ба гапу суханони мардуми атроф таваҷҷӯҳ намекарду корашро идома медод. Ӯ медонист, ки афродеки дар бораи ӯ  ҳарф мезананд,  каломи ӯро ба манфиати шахсии худ истифода мекунанд.

Ӯ бошад ҳамаи илму дониш ва баҳсу мунозираҳоро аз мактабу донишгоҳ дарёфт намуда буд. Саҷҷод ифтихору хурсандӣ аз он мекард, ки ӯ барои ҷомеаи худ як намунае хоҳад гашт.

Завҷаи ӯ Сумра бошад дар хона танҳо намемонд. Шавҳараш дар як ширкати тиҷоратӣ ба сифати менеҷер кор мекарду субҳ аз хона мебаромаду бегоҳ ба хона бар мегашт. Гоҳу ногоҳ дар набудани ӯ занони маҳалла ба барои дашному  ғайбат ба хонаи ӯ меомаданд.

Рӯзе яке аз ҳамсояҳо ба хона омада изҳор мекунад, ки “Саҷҷод аз хонаводаи завҷааш ҷиҳоз талаб накард, аммо чӣ хел шудааст, ки ӯ мошин меронда бошад”, гуфта  ҳасад мебарад.

Занаш сабру тоқат карда дар ҷавоб ба онҳо мегуфт:

-Ин рафтору кори ӯ бароям ҳеҷ мушкилу монеа надораду  нахоҳад буд.

Вале ин занҳо ба айбҷӯии худ идома дода ба вай мегуфтанд, ки “ҳоло мушкил нест. Чанд рӯз мешавад, ки туйи арӯсӣ  сипарӣ шуд. Духтарам суханони моро ба бадӣ нафаҳм. Калонсолони мо бидуни фикру андеша яку якбора расми гирифтани ҷаҳизро оғоз накардаанд”.

Вале ҳамаи ин ғайбату айбҷӯиҳои онҳо Сумраро нороҳат мекарду меранҷонд, аммо ӯ сабру таҳаммул мекарду хомӯш меистод. Рӯзе яке аз ҳамсояҳои калонсол ба хона омаду  кори аҷибе кард. Ӯ дар наздикии Сумра нишасту орому дилсӯзона чунин иброз кард:

-“Падару модари ман бениҳоят нодор буданд. Бо вуҷуди ҳамаи он ҳамаи ашёи заруририро ба хонаи домод оварданд. Мардум ба чашми ҳайрат нигариста мегуфтанд, ки ҷаҳиз барои хонадон як иззату шараф мебошад”.

Сумра бошад то ба ҳол сабру тоқат мекард, аммо бо шунидани сухани ин зан косаи сабраш лабрез шуду ноилоҷ барояшон чунин гуфт:

-Модару падари ман хоҳони овардани ҷаҳиз буданд, аммо Саҷҷод онҳоро аз ин кор сахт манъ кард. Лутфан худатонро эҳтиром кунеду забонатонро аз гапҳои беҳуда нигоҳ доред!

Ҳамсоя бо шунидан ҷавоби Сумра  ангуштони дасти росташро бо дастонаш заду гуфт:

“Эй бибӣ чӣ замони баде расидааст. Оё андешаи хайрхоҳонаи ман ба ту ҳамин ҳарфу суханҳо мебошад”,-гуфту баромада аз хона рафт.

Ҳамин тавр, аз ин ҳодиса як чанд рӯз ба хубӣ сипарӣ шуду ягон ҳамсоя ба хонаи Сумра  наомад. Ва шояд ҳамон ҳамсояи калонсол барояшон гуфта бошад, ки “ӯ як арӯси беодобу лаққӣ  ҳасту калонсолонро эҳтиром нахоҳад кард”.

Ҳамон рӯз  Саҷҷод ба хона омаду ба  зани худ  гуфт:

-Имрӯз ба ошхона рафтани ту зарӯрат надорад!

-Чаро, пурсид Сумра аз ӯ.

-Зеро имрӯз бегоҳ бо ҳам ба як тарабхона хоҳем рафт, гуфт Саҷҷод ба занаш.

–Хело хуб, иброз кард Сумра.

-Лутфан соатҳои 6-и бегоҳ омода шав! -Иброз кард  Саҷҷод.

Бегоҳии ҳамон рӯз Сумра лабсурхкунашро аз ҳамёнаш бароварда мехост лабонашро сурх кунад, ки  нохост холааш вориди хона шуд. Чанд дақиқа  бо ҳам мулоқот карданд ва дар ниҳоят  холааш аз ӯ пурсид:

-Эй Сумра ҳамёнатро боз карда нишастаӣ, вале  ҷевони либоспӯшиат дар куҷост?

-Надорам хола. Шумо медонед, ки шавҳарам  қабулу овардани онро рад карда буд, гуфт ба холааш.

-Ӯ овардани онро рад кард, аммо модару падари ту бо зӯр метавонистанд онро барояш  бидиҳанд, гуфт холааш ба вай.

-Бо зӯр чӣ тавр овардану расонидан имкон дорад. Зеро қабулкунанда бо шунидани ҷаҳиз дастҳояшро ба гӯши худ бурда, тамоман намехост онро бипазирад, бо ғӯсса ҷавоб дод Сумра.

Сипас холааш каме бо диққат ба тарафи Сумра нигоҳ карду гуфт:

-Духтарам Сумра, рост мегӯӣ. Ман аз ин кор каме нороҳат шудам. Оё хонаи арӯс ҳамин хел ҳам мешудааст? Хушдоманат низ ҳеҷ чора наандешидааст. Чи тавр мумкин аст, ки арӯс дар болои замин нишаста лабонашро сурх мекунад, илова кард холааш.

Ҳамин тариқ, Сумра ҳаяҷонзада ба холааш гуфт:

-Не холаҷон нороҳат нашавед. Ҳамааш оромона пеш хоҳад рафт, иброз кард Сумра.

Баъд аз ним соат Саҷҷод ба хона омад. Ҳамин тавр, холаи Сумра ба Саҷҷод тамоми арзу шикоятҳояшро шунавонид. Агар Сумраву шавҳараш ба сафар намебаромаданд, кӣ медонист ки натиҷаи гуфтуву мунокишаҳои онҳо ба чӣ меанҷомид.

Ҳамин тариқ, ҳар ду ба сайру гашт баромада ба тарабхона рафтанд. Вале ба назар мерасид, ки сайру гашти онҳо на онқадар хушу гуворо мегузашт. Бо вуҷуди он ки ғизо бо лаззат буд, аммо барои Сумра таъму мазаи он бад менамуду худашро хуб эҳсос намекард.

Сумра аз ин пас вай дар хонаи худ кам меистод ва бештар ҳамроҳи хушдомону амакҳо зиндагӣ мекард. Ҳамон рӯз Саҷҷод аз хона баромаду ба идора рафт. Дар ҳамин вақт як зане ба хонаи ӯ омаду гуфт:

-Салом духтарам Сумра. Маро нашинохтӣ?, пурсид аз вай аз Сумра.

-"Не мебахшед, нашинохтам", ҷавоб дод Сумра.

Сумра ӯро аввалин бор дар ин хона медид.

-Ҳеҷ гапе не. Даврони ҳинобандӣ (меҳндӣ[18]) ҳамаи зебу зиннати туро ман банду баст карда будам, изҳор кард ӯ.

---

[18] Меҳндӣ ё ҳинобандӣ мебошад, ки ҳангоми маросими арӯсӣ аз он истифода мешавад. Он як навъ маросимест, ки дар Ҳиндустон, Покистон, Бангладеш, Непал ва Афғонистон маъмул аст. Он одатан ҳангоми тӯй барои арӯсҳои сикх, мусулмон ва ҳинду истифода мешавад. Дар Раҷастан, ба домодҳо тарҳҳое дода мешаванд, ки аксар вақт мисли тарҳҳои арӯс таҳия шудаанд.

-Хело хуб, марҳамат намоед, гуфт Сумра.

Зан нишаста ба Сумра чунин изҳор кард:

-Номи ман Сарватхонум мебошад. Ҳавлие ки дар наздикии масҷид намоён аст, хонаи ман ҳаст. Ягон рӯзе туро ба хона даъват хоҳам кард.

-Раҳмат холаҷон, гуфт Сумра.

Сарватхонум хонаи Сумраро аз назар гӯзарониду гуфт:

-Бале дуруст аст, ки онҳо ҷаҳиз талаб накарданд. Хайр ҳеҷ гапе духтарам. Чӣ бояд кард, ки даҳони мардумро баст, то ғайбату сӯханпардозӣ накунанд, пурсид зан аз ӯ.

Ҳамин тавр ба сӯханони худ идома дода гуфт:

-Чиҳо мегӯянд мардум. Хок ба сари онҳо. Дирӯз  зани сабзифурӯши маҳалла Мавло Бахш мегуфт, ки  “ба хона ҷаҳиз намеоранд, вале ашёи хонаро мепазиранд”, бо сару садо изҳор кард зан ба Сумра.

-Ин ҳама  дурӯғ аст, тамоман дурӯғ! -Бо садои баланд таъкид карда мегуфт ин зан.

-Бале воқеан дурӯғ мегӯянд. Мехоҳем даҳонашон банд бошад, аммо бо вуҷуди ҳама хоҳу нохоҳ сару садоҳо карда, суханпардозӣ мекунанд. Аз ин амали бад чӣ фоида ба даст меоварда бошанд. Вале набояд фаромӯш кард, ки одами серҷоғу сергап ҳамеша сафсафата гуфтан мегирад, иброз мекард ӯ.

Бо шунидани ин хабарҳо як дам чеҳраи Сумраро ғӯсса фаро гирифт.Аммо Сарватхонум ба гапаш идома дода,“Дафъ соз онҳоро духтарам”, гуфта баромада рафт.

Баъд аз рафтани Сарватхонум  фавран Сумра ба рӯйҳои худ обпошиду китоберо ба даст гирифта, ба мутолиа оғоз кард. Бегоҳӣ Саҷҷод аз кор омаду дид, ки занаш дар сар руймол баста ғамгину норохат  нишастааст. Ин ҳолатро дида фавран  аз ӯ пурсид:

-Чӣ шуд Сумра, сарат дард мекунад, рафта даво биёварам?

Дар ин вақт Саҷҷод либосҳои худро иваз мекарду Сумра бошад ҳамаи ҳодисаро барояш мешунавонид.

-Мардум ҳар чиз гуфтан мегиранд. Ба суханони онҳо эътибор набояд дод. Онҳо аз  гапу сафсатаҳо сухан месозанд. Чаро бояд noроҳату парешон шуд, гуфту Саҷҷод барои дору рафт.

Бегоҳии рӯзи панҷшанбе  Саҷҷод нақша кашид, ки ҳамроҳ ба тамошои филм хоҳанд рафт.  Ҳамин тариқ, ӯ дар вақташ расида омаду Сумраро дар назди оина дида гуфт:

-Сумра ин оина аз куҷо пайдо шуд?

Сумра барои  эҳтироми  шавҳараш аз ҷой бархосту гуфт:

-Дар замин нишаста муйямро шона кардан мушкил буд. Модарам бароям онро овард.

-Ин ба ҷиҳоз чӣ  рабте дорад ва оё фарзандон аз модарон чунин чизҳоро металабанд?

Саҷҷод мехост чизе бигӯяд, аммо  занашаро дида хомӯш истод. Сумраро бошад  ин лаҳза ханда фаро гирифт.

Ҳамин тариқ, Саҷҷод медид, ки ҳар рӯз ба хонааш ашёи нав ворид мешавад. Худи ҳамон рӯз ба хона омаду дид, ки дар даромадгоҳ қолини наве густурда шудааст.

Завҷааш ба Саҷҷод нигариста  барояш изҳор кард:

-Ду дугонаам барои чойнӯшӣ ба хона ташриф оварда буданд. Фикр кардам, ки хубтар буд, то холигии фарши хонаро бо ҳамин қолин пӯшонам то зеботар гардад.

Сипас Саҷҷод ба зани худ нигоҳ карда гуфт:

-Пасфардо роҳбари идораи мо  бо ҳамроҳи ҳамсару фарзандонаш ба хона хоханд омад.

Ҳамин лаҳза Сумра ба фикр даромаду Саҷҷод ба вай нигариста гуфт:

-Ҳамаи корҳо  пешрафта хубтар шуда истодаанд.

Саҷҷод барои дур кардани парешониҳои Сумра, зарфи сафолиеро, ки аз хонаи дӯсташ оварда буд, бароварда  ба вай гуфт:

-Бубин Сумра ман бароят чӣ овардам.

Ӯ ба суханаш идома дода аз завҷааш мепурсид, ки “оё ин моли хуб аст ё хуб не”. Аммо Сумра бошад ба саволи ӯ чизе намегуфту хомӯш меистод.

Ҳамин тавр, роҳбари корхонаи Саҷҷод бо ҳамроҳии зану фарзандонаш ба хонаи ӯ омаданд. Сумра дар болои як зарф (поднос) чой овард. Саҷҷод онро диду ҳайрон монд. Баъд аз рафтани меҳмонҳо Саҷҷод аз зани худ пурсид:

-Сумра ин чӣ ҳаст? Ин ҳамон чиз нест, ки ман аз хонаи дӯстам оварда будам.

-На хайр, он чиз нест.

-Инро аз куҷо пайдо кардӣ, пурсид Саҷҷод.

-Аз хона овардаам. Инро падарам аз шаҳри Карочӣ бароям харида буданд. Фикр мекардам, ки хубаст то барои эҳтироми ташрифи роҳбари шумо аз он истифода кард.

-Сумра онҳо ба ту чиҳо гуфтанд, пурсид Саҷҷод аз завҷааш.

-Киҳо, изҳор кард Сумра.

-Модару падарат, гуфт Саҷҷод.

-Ҳеҷ чизе нагуфтанду зарӯрат ҳам намедонанд, то чизе бигӯянд, иброз кард Сумра ба Саҷҷод.

Дар ин кор Саҷҷод хомӯш меистод, аммо дар худ нороҳатиеро эҳсос мекард.

Дар чунин лаҳзаҳои парешон нохост Сумра ба ӯ муроҷиат карду гуфт:

-Лутфан як маротиба ба беруни хона бароед.

-Чаро, пурсид бо тааҷҷуб Саҷҷод аз вай.

-Хайр як маротиба бароед чӣ, хоҳиш кард Сумра аз Саҷҷод.

Саҷҷод дар тан либосҳои шабона ба назди дарвоза рафта нигоҳ кард, ки хусураш дар он ҷо истодааст. Ӯро диду дар ҳол ба вай ҳайратоварона изҳор кард:

-Марҳамат дароед!

-Вале пеш аз даромадан ба хона ҳамаи ашё банду баст шаванд, гуфт хусураш ба Саҷҷод.

-Кадом чизу чора, савол кард бо тааҷҷуб Саҷҷод.

-Ҷиҳози арӯс писарам. Ба ҷои камтар-камтар онҳоро вусул кардан, хубтар аст, ки якбора ҳамаи ашёро пазируфт.

Саҷҷод ҳамаи ҷиҳози арӯсро диду дар ҳайрат монда чизе гуфта натавонист. Хусураш ба Саҷҷод дубора нигариста изҳор кард:

-Оё ҳамин кор хубтар нест писарам!

Дар ниҳоят хусури Саҷҷод пеш аз онки аз забони духтараш чизе бишнавад, ҳамаи чизу чораро аз мошин фароварда дар назди ҳавлии онҳо гузошт....

# Гулсум

Хоҳар[19] барои пазириши даъват ва ташрифоварӣ аз шумо сипосгӯзорам. Имрӯз дар хона танҳо мебошам, зеро ҳамаи аҳли хонавода ба кадом чашне рафтанду шояд дертар то бегоҳ омада расанд. Дӯхтарчаам бошад баъд аз шир нӯшидан дар истироҳат мебошад. Ӯ ҳеҷгоҳе ҳангоми гиря карданаш аз оғӯшам дур намеравад. Хоҳар ман шуморо чандин маротиба дидаам....Ба мисли ман, шумо низ барои харидани ашёи зарӯрии хона гоҳу ногоҳ мебароед ва бо ҳам дар ин ё он дукон вомехӯрдем. Ман шуморо барои як амри муҳиме заҳмат додаму ва ҳамин қадр маълумот барои шиносоиамон кофӣ мебошад. Лутфан инҷо бишинед то бароятон мақсади даъваткарданро бигӯем.

Шумо шояд парешонхотир ҳам бошед, ки барои чӣ ман шуморо даъват карда бошам. Ва ин кор аз ҳаққу ҳуқуқи худи шумо низ мебошад то сабабашро бояд донист. Борҳо дар зеҳнам меомад, ки ин занро дар ин ё он мағоза мудом мебинаму мулоқот мекунам. Лиҳозо тасмим гирифтам, то шуморо ба хона даъват намоям.

Хело маъзаратхоҳам, ки шумо корҳои муҳими худро гузошта даъвати маро пазируфтед. Мехоҳам бароятон ҳаёти занеро нақл кунам, ки пасманзари аҷибе дорад. Мақсади асосии даъват низ ибрози ҳақиқати нокашфудаи зиндагие мебошад, ки хело омӯзандаву ибратбахш ҳаст. Хоҳар намедонам чаро ман эҳсос мекунам, ки дар паҳлӯи шумо дили як дарманде дар тапиш қарор дорад.....Ва оё ба назари шумо хаёли ман дуруст бошад?

Дар ин маврид чизе гуфтан номумкин...Аммо ман медонам, ки шумо чӣ гуфтан мехоҳед. Зеро ҳарфҳоятон дар чеҳраи шумо ҳувайдо мебошанду чизе ба гуфтану шунидан зарӯрат надорад. Ҳоло ба шумо қиссаи зиндагии занеро мешунавонам, ки номаш Гулсум буд.

Гулсум дар маҳаллаи Ҷилутиёни шаҳри Лоҳур зиндагӣ мекард...Ман қиссаи ӯро аз замоне оғоз мекунам, ки он вақт Гулсум ҳанӯз зан нашуда буд.

[19] Хоҳар дар забони урду "бҳен" гуфта мешавад. Аммо дар ҳикояи мазкур чун ибораи меҳрубононаи муроҷиатии зани ҳамсину сол бо зани ба ҳам алоқаманд омадааст.

Ӯ як духтаре буд ва мисли дигар духтарҳо дар коллеҷ дарс мехонд. Мутаассифона замоне ки ӯ дар соли дуввуми хониш таҳсил мекард, чашмони падараш хира шуданд.

Табибон чашмони ӯро табобат карданд, вале биноии ӯро дигарбора барқарор карда натавонистанд. Дар ин айём духтараш Гулсум бошад дар як корхонае кору фаъолият мекард. Роҳбари дилсӯзу меҳрубони корхона хабардор шуд, ки чашмони падари Гулсум нобино гаштаанд. Ҳамин тариқ, дили роҳбари корхона ба Гулсум маблағи хело зиёде пардохта карда ӯро аз кор озод намуд.  Бо ин пул Гулсум метавонист як хонаводаи хурдро бо обу нон таъмин намояду зиндагиашро идома диҳад. Аммо падараш мехост, ки пулро фақат барои тӯйи арӯсии духтараш Гулсум сарф хоҳад кард. Модари ӯ низ дар фикриояндаи Гулсум буду  мехост тӯйи арӯсиаш дертар баргӯзор шавад.  Вале падар бошад  ба пешниҳоди модар розӣ намешуд.

Он давраҳо ҳамроҳи падари Гулсум як ҷавоне кор мекард, ки Юсуф ном дошт. Падари Гулсум дар хоб медид, ки ӯро домоди худ кардааст. Ҳамин тавр, хоби вай  амалӣ гашт ва Гулсуму Юсуф бо ҳам  тӯйи арӯсӣ  барпо карданд. Рӯзҳо ва солҳо бо хубӣ  гӯзаштанду падару модари Гулсум яке баъди дигаре дунёро падрӯд гуфтанд. Бо мурури замон  саломатии Юсуф низ нохуб шуда рӯз то рӯз ранҷуртар гашт. Гулсум хонаро фурӯхту бо ҳамаи маблағи он ба хонаи шавҳар баргашт. Аз ҳамин маблағ барои илоҷу беҳбудии саломатии шавҳараш харҷ мекард. Юсуф бошад  гоҳе хуб мешуду ба кор мерафт ва гоҳе нотавону бемор шуда, истироҳат мекард.

Ҳамин тариқ, баъд аз ҳафт моҳ сипарӣ шудан, шавҳари Гулсум вафот кард. Дертар Худованд барояш дӯхтарчае ҳадя намуд, ки модараш Гулсум ӯро ягона дастёру ҳомии худ медонист. Мушкилоти бепулии рӯзгор рӯз то рӯз зиёд шудан мегирифт. Дар ин зимн, хусури Гулсум низ вафот кард. Хӯшдомани бечора зиндагиро ба сахтӣ мегӯзаронд. Ӯ дар мактабе кор мекард, аммо аз сабаби маоши кам ҳамаи хароҷоти зиндагиро пура карда наметавонист.

Ҳамин тавр, се сол сипарӣ шуд. Гулсум низ ноилоҷ дар мактабе се сол кор кард. Иттифоқан холаи Гулсум бо хонаводааш аз шаҳри Пинди ба шаҳри Лоҳур нақли макон карда, хонаи пештараи Гулсумро аз соҳибаш харидорӣ намуд. Ҳамин тариқ, Гулсум дубора ба назди холааш ба хонаи пешини худ омад. Аз омадани ӯ вазъияти равонии Гулсум каме тағйир ёфт. Зеро духтари калонии холааш бо духтарчаи Гулсум хело меҳру вафои зиёд дошту ӯро бениҳоят дӯст медошт. Ҳамин тавр, нигоҳбиниву парвариши духтарча ба дӯши духтари холааш буд.

Рӯзе Гулсум дар ошпазхона масруфи пӯхтупази ҳондӣ[20] буд, ки духтари холааш Роҳат ба модараш нақл мекард, ки шавҳари яке аз лекторони коллеҷи ӯ дар Англия кори хуберо пайдо карда ба онҷо рафтааст. Занаш ҳам барои ба онҷо рафтан омодагӣ дорад. Вале онҳо мехоҳанд ҳамроҳашон занеро бибаранд то дар рубу чини хона ва шӯстушӯ барояшон кӯмак расонад. Гулсум баъди шунидани хабар ба фикр фурӯ рафта бо худ мегуфт,-“чаро ман ҳамроҳи лектор ба онҷо наравам. Зеро аз мактаб маоши хело кам дарёфт мекунам. Аммо ӯ бароям пули бештар медиҳаду метавонам кӯдакамро низ бо ҳамин восита хубтар парвариш намоям”. Бо чунин хаёл Гулсум то рӯз хоб рафта натавонист.

Субҳи дигар Роҳат китобҳояшро гирифта мехост ба сӯи коллеҷ равон шавад, ки нохост Гулсум аз ӯ пурсид:

- Хоҳарам Роҳат!

-Бале, Гулсум апа.

Гулсум фикрашро ба ӯ пурра баён кард. Роҳат дар ибтидо каме ҳайрон монд, аммо дертар пешниҳоди ӯ бароящ писанд омад. Ҳамин тариқ, Роҳат ба ӯ гуфт, ки аз модараш бояд машварат пурсид. Бо ризояти модараш ӯ метавонад розигии лектор Ҷовидаро ба даст оварад.

---

[20] Як зарф чуқуру даҳони васеъ дорад ва азбаски дар саросари нимҷазираи Ҳинд бо истифода аз handi хӯрокҳои гуногун пухта мешаванд, номҳои онҳо низ гуногунанд, ки рамзи истифодаи онро ифода мекунанд - ба монанди Chicken Handi, Handi Paneer ё Handi Komdi.

Ҳамин тавр, Роҳат баъди бозгашт аз мактаб бо модар машварат карду розигиашро дарёфту иброз кард:-“Модар Гулсум муддати зиёд дар Лондон нахоҳад монд”.

Дар ин маврид Ҷовида низ аз рафтани Гулсум эътироз нахоҳад кард. Барои Гулсум бошад аз фарзанди худ ҷудо шудан хело кори душвор буд, вале чорае дигаре надошт. Сафараш низ барои беҳбудӣ ва тарбияву таълими фарзандаш мебошад.

Ҷовида ризомандии Гулсумро дарётф кард ва банду басти шиносмонаи ӯро зӯдтар барояш омода кард. Ҳамин тариқ, Ҷовида  бо ҳамкорони худ хайрухӯш карду  Гулсумро огоҳ намуд, ки  пасфардо  ба сафар хоҳем баромад.

Баъд аз шунидани ин хабар Кусумро эҳсосе фаро мегирифт, ки гуё ин ҳарфҳоро дар хоб шунида бошад. Вале ӯ фавран ба хона бозгашт ва дарро басту кӯдаки худро ба оғӯш гирифт. Ин лаҳза бе ихтиёр баданашро реш фаро мегираду аз чашмонаш ашк мерезад.... Ин ашки чашмон набуд, балки он селоби ашкест, ки аз рехтан боз намеистад. Кӯдак аз ин ҳолати модар ҳайрону парешон буд. Модараш мехост аз рафтан ба  шаҳри Лондон бо сабаби ҷудоӣ аз ҷигарданбаш худашро боз дорад. Вале баъди ҷорӣ шудани селоби ашк тасмим гирифт, ки бояд равад. Ҷудоӣ аз фарзанд бениҳоят сахт мебошад, аммо дар ин кор бояд қурбониҳо кард.

Ҳамин тариқ, Гулсум ночор ба Лондон сафар карда, бо ҳамроҳи зану шавҳар  дар онҷо истиқомат намуда, ба пухту паз ва рӯбучини хонаи онҳо машғул мешавад. Гоҳу ногоҳ ҷигарбандашро ба ёд оварда,  ҷигархун мешуд. Ҳамин тавр, Ҷовида ба Гулсум ҳар моҳ музди корашро пардохт мекард. Куслум аз ин маблағ каме барои худ нигоҳ медошту боқимондаашро ба модари Роҳат мефиристод.

Бо чунин кору зиндагӣ шабу рӯзи Гулсум хуб мегузаштанд. Аммо рӯзе бараояш як воқеа рух дод, ки Гулсум бовар надошт ки чунин бояд мешуд...Вале чунин шуд.

Рӯзе фарзанди яке аз дугонаҳои Ҷовида ба назди онҳо меояд. Ҷовида барои эҳтирому хотирдорӣ аз ин ҷавон талаб мекунад, ки бештар ба дидорбинии онҳо ояд.

Ин як воқеаи оддӣ барои Гулсум менамуд, аммо аз нигоҳҳои такрории он ҷавон ӯ эҳсос мекард, ҳодисаи нохӯше рӯй хоҳад дод. Баъд аз рафтани он ҷавон Ҷовида ба Гулсум ибзор карда гуфт:

“Ин фарзанди дугонаи қадимаи ман мебошад. Ӯ дар риштаи муҳосибот таълим мегирад...Бачаи хело хубаст...Аз солҳои ҷавонӣ ман ӯро мешиносаму мебинам”. Аммо Гулсум намедонист, ки чӣ тавр ба Ҷовида бигӯяд, ки “бачаи таърифии Шумо чиқадар хатарнок ба назар мерасад”.

Рӯзе Гулсум дар хона танҳо буд. Ҷовида ва шавҳараш ба ҷашне рафта буданд. Занги дар садо дод... Гулсум дарро боз карду дид, ки Обид дар берун истодааст. Сипас ба ӯ гуфт, ки Ҷовида ва шавҳараш дар хона нестанд. Бо шунидани ин бояд ӯ мерафт, аммо ӯ бошад меистоду ба Гулсум иброз мекард, ки “шояд ба зӯдӣ омада расанд”.

Гулсум ҷавоб дод, ки дар ин бора ӯ чизе гуфта наметавонад. Бо вуҷуди ҳамаи ин ҷавон намехост, ки аз он ҷо биравад...Ҳамин тавр, Гулсум дубора барояш фаҳмонд, ки онҳо дар хона набуда, маълум нест кай хоҳанд бозгашт.

“Хуб ин тавр бошад ман бояд равам....Аммо аз ҷойи хело дур пиёда омадаму хело хастаам. Илова аз ин кори муҳимме ба холаҷон низ дорам”, - изҳор кард Обид ба Гулсум.

Гулсум ноилоҷ ба ӯ иҷозат дод, то ба хона дарояд. Сипас ба ӯ изҳори сипос карду гуфт:

-Каме интизор мешаваму пас меравам.

Гулсум барои чой овардан хост ба ошпазхона равад. Ин лаҳза Обид ба тарафи ӯ садо кард:

-Лутфан заҳмат накашед... Бишинед ва маро дар хиҷолат нагузоред.

Гулсум ноилоҷ монду нишаст. Обид дар бораи худаш ба нақл кардан оғоз карду гуфт:

–Ҳар рӯз дарсҳоям соати 2 тамом мешаванд...Каме истироҳат карда ба идорае ба кор меравам. Ҳамин тариқ, шомгоҳӣ ба як ҷое рафта дам мегирам...Ин аст зиндагии серталотуби ман (серкорӣ). Гулсум ба суханони ӯ гӯш дода, сар ҷунбонида гуфтаҳояшро тасдиқ мекард.

Ӯ суханашро идома дода гуфт:

-Ман самимона кор мекунам. Зеро вазифаам хело хуб аст...Дар ду соли кориам пули зиёде ба хона ирсол кардаму каме аз онро барои худ пасандоз кардам.

Гулсум ҳарфҳои ӯро бо диққат гуш медоду хомӯшона менишаст.

Обид ба суханаш идома доду гуфт:

-Орзуву умедҳо пура мешаванду одамизод тараққӣ кардан мегирад. Оё дуруст намегӯям?

Гулсум бошад сари худро ҷунбонида сӯханони Обидро тасдиқ мекард. Обид ҳаракату ҳолати ӯро дида хандида ба суханаш идома медоду мегуфт:

-Мебахшед, мехоҳам бароятон як амри муҳимеро бигуям.

Гулсум ӯро гуш медоду бо сари худ ишора мекард.

Обид ба вай нигаристу яку якбора сахт хандида гуфт:

-Мехоҳам ба шумо бигуям, ки дар дасти фарзанди яке аз дӯстонам як бозичаи зебоеро дидам, ки як лухтакчае ба дӯхтарчае калид медиҳад ва ӯ онро гирифта сари худро меҷунбонд. Ҳаракату ишораҳояш монанд ба сарҷунбонии шумо....

Сипас Обид сӯханашро тамом мекунаду боз механдад. Аммо барои Гулсум чунин тарзу гуфтугӯи Обид писанд намеомад.

Ҳамин тариқ, Обид суханонашро идома дода гуфт:

-Мебахшед, ман ягон сухани бад гуфтанӣ нестам, аммо ба назарам ба шумо ин амали ман нописанд омад.

Гулсум мехост аз курсияш бархезад, ки дар вақт Обид аз вай пурсид:

-Ба шумо чӣ шуд?

-Аз омадани Ҷовида хабаре нест...Агар хоҳед интизор шавед....Ман бояд корҳоямро анҷом диҳам.

Обид баъди суханони Гулсум аз ҷояш бархосту гуфт:

-Ташаккур ба шумо, ки суханони маро нодуруст нафаҳмед. Ва дар ҳақиқат  маълум нест, ки онҳо кай ба хона меоянд. Хайр Худо ҳофиз ман рафтам.

Ҳамон рӯз бегоҳи соатҳои 9-и шаб  Ҷовида ва  шавҳараш ба хона омаданд. Гулсум бошад ба таври кӯтоҳ ба Ҷовида гуфт:

 "Апа...вай ... Обид омада буд...Шуморо пурсиду рафт".

Барои Гулсум  ин воқеа аҳамияти хоссе надошту ба таври маъмулӣ шабу рӯзашро сипарӣ мекард. Ҳамин тариқ, Гулсум тақрибан Обидро аз ёд бароварда буд. Вале як рӯзе Гулсум баъд аз харидорӣ ба хона боз мегашт, ки нохост касе ӯро дар роҳ диду хандида ба вай гуфт:

-Саломалайкум Гулсум соҳиба! Ман Обид ҳастам.Нашинохтед маро?.

Бо шунидани  овоз Гулсум бо садои каме хаста ба ӯ посух дода гуфт:

- Бале шинохтам, бифармоед.

Обид гуфт:

-Ташрифу шинохт муҳим нест. Саломатии шумо хуб бошад. Гулсум бошад, "бале" гуфта,  қадамашро тез-тез монда мерафт.

Ҳамин тавр, Обид чанд бори дигар аз паси ӯ поидан мегирифту мехост ҳамроҳаш гуфтугӯ кунад. Ба дили ӯ роҳ ёфта, гоҳ-гоҳе ӯро дар  мошин савор мекарду ба хона мерасонд. Аммо Гулсум бошад ба ин рафтору корҳои Обид таваҷҷӯҳи хос намекард. Дар бораи рафтору кирдораш бо Ҷовида ҳам чизе намегуфт. Вале як чиз хаёлашро мебурд, ки "чаро ин ҷавон пайваста ба зиндагии Гулсум  дахолат мекунаду бидуни андешае ба ӯ наздик шудан мехоҳад... Гоҳе аз паси ӯ ба бозор меравад. Ӯро танҳо ёфта ба наздаш меояд. Доимо дар интизори дидани ӯ мебошад".

Бо мурури вақт, рӯзе Обид аз Гулсум  мепурсад:

-Шумо ба дигар шахс эҳтиёҷ надоред....Оё  мо ва шумо наметавонем бо ҳам бошем?

-Чӣ хел бо ҳам бошем?-пурсид бо тааҷҷуб Гулсум аз Обид.

-Чи тавре ки ду нафар бо ҳам муҳаббат мекунанд... Ҳарф бизан Гулсум...Дилатро ба лабҳоят бирасон- изҳор кард Обид ба ӯ.

-Дар дилам ягон ҳарфе нест то бароят бигуям-посух дод Гулсум.

-На ту дурӯғ мегӯӣ, гуфт Обид ба Гулсум.

Гулсум каме хомӯш монду сипас ба ӯ гуфт:

-"Обид ту мехоҳӣ, ки ман аз таҳти дил бо ту сӯҳбат кунам.Ту медонӣ ки ман ба инҷо барои муваққаттӣ омадаам.Дар Ватани худ дӯхтарчаи меҳрубону ягона дорам, ки бароям дар ин дунё ҳамроҳу ёварам мебошад. Ба хотири ӯ ба инҷо омадаам.Дар дилам чунин орзу дорам, ки ҳар яке мову шумо бо роҳи худ зиндагиашро идома диҳад".

Аммо Гулсум дар дилаш эҳсос мекард, ки Обид мақсадашаро иваз кардан намехоҳад. Ҳамин тариқ, Обид дар мақсади худ истода ба Гулсум таъкид карду гуфт, ки "ман бо ту зиндагӣ хоҳам кард, вагарна худкушӣ хоҳам кард".

Бо шунидани он Гулсумро ларзаи сахт фаро гирифт....Ҳамин тариқ, ноилоҷ маҷбур шуд бо вай издивоҷ кунад. Сипас бо ҳам ба таври пинҳонӣ аз Ҷовида издивоҷ карда, тӯй барпо намуданд. Обид бошад дар шаҳр хонаеро барои зиндагӣ ба иҷора гирифт.

Дар аввалҳои зиндагиашон Обид ба Гулсум изҳори муҳаббат мекард...Ва шабу рӯзашро бо вай сарф мекард... Лекин ин ҳама фақат барои чанд моҳе буду халос... Рафтору кирдори Обид тағйир меёфту то дери шаб ба хона дигар намеомад...Баъд аз омадан ба зани худ бо дилсардӣ (бе меҳру муҳаббат) рафтор карда сару садо ва дӯғ мезад.

Ҳоло бошад ҳақиқат барои Гулсум баръало маълум шуд. Вале дар ин ҳолат ӯ чӣ кор карданашро намедонист...Зеро дар батнаш фарзанди духтар дошт.

Ҳамин тавр, кӯдаки Гулсум дар бемористон таваллуд шуд....Аммо Обид бошад барои дидани ӯ намеомад. Ягона ғамхору гамгӯсори Гулсум муаллима Ҷовида буду халос...Аз шарму ҳаё аз чашмонаш об мерехт. Ҷовида бошад Гулсумро барои ин кораш хело сӯханони сахт мегуфту мехост то ҳар чӣ

зӯдтар ӯ  инҷоро тарк кунад. Аммо зориву таваллои Гулсумро медиду дилаш ба ӯ месӯхту раҳмаш меомад.

Ҳамин тариқ, Ҷовида ягона сарпаноҳи ӯ буд. Вале бештари вақтҳо барои чунин кораш бо вай дилсардона рафтор мекард. Бо замми ҳамаи ин саргардониҳову лаҳзаҳои душвор дар зиндагии Гулсум боз ду ҳодисаи аламоваре рух дод.

Шавҳараш Обид аз Англия рафт, вале маълум набуд, ки ба куҷо рафта бошад. Дуввум инки падару модари Обид ҳамон шабу рӯзҳо ба Англия омада буданд. Он шабу рӯз ҳолати навзоди Гулсум хуб набуду то дери шаб мегирист ва субҳ бар вақт ӯро Ҷовида бедор мекарду ба ӯ мегуфт:

-Бубин Гулсум! Хусуру хушдоманат ба инҷо омадаанд... Ту вазифадорӣ ки  ба наздашон рафта ҳамроҳашон зиндагӣ намоӣ.

Вале Гулсум бошад пешниҳоди Ҷовидаро рад мекарду мегуфт:

"Ман мехоҳам ба хона боз гардам....Шумо бароям хело меҳрубонӣ кардед... Як меҳрубонии дигар карда маро ба хона фиристед...Тамоми умрам аз Шумо сипосгӯзор хоҳам буд".

"Яку якбора  рафтани ту дар ин вақт муносиб нест, зеро аз Обид  то ҳол хабаре нест. Шояд рӯзе ба хона ояд. Лиҳозо ту бояд ҳамроҳи хусуру хушдоманат дар хона интизорӣ омадани ӯ бошӣ... Ӯ шавҳари ту ҳаст... Хонаи падару модари Обид, хонаи ту ҳам  мебошад"- мегуфт Ҷовида ба Гулсум.

"Апа маро ба хонаам фирист... Ман бо чунин рафторам чӣ тавр бо онҳо дар инҷо зиндагӣ мекунам"?- изҳор мекард Гулсум.

Ҳамин тариқ, Ҷовида ба Гулсум  гуфт, ки худаш бо онҳо сӯҳбат хоҳад кард. Гулсум бошад дар ҷавоби Ҷовида чизе гутфа натавонист ва бо ҳамин як ҳафта сипарӣ шуд. Рӯзе Ҷовида ба назди Гулсум омада  садо кард:

"Гулсум бихезу сомонҳоятро ҷамъоварӣ бикун".

Бо шунидани он Гулсум бо як тарсу ҳарос ашёи худро ҷамъ кард ва Ҷовида ӯро ба хонае, ки Обид пеш аз ақди никоҳ гирифта буд, оварда монд. Сипас  ноилоҷ Гулсум бо як биму ваҳм  ба назди хушдоманаш ҳозир шуд. Хушдоман ӯро дида бо як лаҳни сангин чунин изҳор кард:

-Эй духтар чаро чунин кори баде кардӣ! Оё шарму ҳаё надорӣ.... Магар оби чашмонат пажмурда шудааст?

Дар чунин лаҳзаҳои душвору ғамангез аз утоқи дигар хусураш ворид шуду ӯро сарзаниш кард. Бо ҳамин дарду ранҷу дашномҳо барои Гулсум ҳамроҳи онҳо зиндагӣ кардан хело сангин буд, вале дигар чорае надошт. Ӯ бесаброна Обидро интизор мешуд, аммо аз ӯ хабаре набуд...Ба касе куҷо рафтанашро хабар надодааст...Ва ҳеҷ хату хабаре аз вай дарёфт намешуд.

Ҳар соату лаҳза ғаму ранҷу мусибатҳо болои ӯ бештар шуда, порчаҳои дилаш реш-реш шуда шикаста мешуданд...Пайваста хусуру хушдомани Гулсум барояш таънаҳо мекарданду мегуфтанд, ки писари онҳо бегӯноҳ мебошад. Ва гӯё Гулсум маҷбуран ба таври пинҳонӣ бо вай издивоҷ карда бошаду аз ҳамин сабаб ӯ ба куҷое баромада рафтааст.

Дар ин зимн, кӯдаки навзоди Гулсум ба вай хело унс мегирифту дар набудани модар бештар мегирист. Дар набуди модар сарашро болову поин карда беқарорӣ мекашид. Дар чунин хона барои Гулсум як лаҳза ҳам мондан хело душвору сахт буд. Пайваста аз хушдоманаш ҳамон дархостеро мекард, ки пештар аз Ҷовида хоста буд. Аммо хушдоман ба рафтани Гулсум фақат бо як шарт розигӣ дода бо таъкид ба вай мегуфт: -“Агар хоҳӣ рафтан гир. Вале кӯдаки навзод ҳамроҳи мо боқӣ хоҳад монд”.

Инро шунида Гулсум яку якбора гӯё барқ ӯро пахш карда, лахти ҷигарашро як ғоре торикӣ фаро гирифта бошад...Вале бо вуҷуди ҳамаи он ӯ борҳо бо як ҷасорати модарона қадам мезаду аз хушдоманаш чунин хоҳиш мекард:

“Холаҷон....бе ман ҳолати навзод бад хоҳад шуд...Шумо медонед вай ҳамроҳи ман хело унс гирифтаасту вобастагиву дилбастагии хос дорад”.

Аммо хушдоман дар ҷавоб ҳамеша ба вай изҳор мекард:

-Ин мушкилоти мо мебошад....Ин навзоди фарзанди мо ҳаст... Агар Обид пайдо шавад албатта аз фарзандаш хоҳад пурсид...Ту бирав ҳеч кас туро манъ намекунад....Аммо кӯдак бошад инҷо боқӣ хоҳад монд.

Бо вуҷуди ҳамаи душвориҳо тасмиму файсалаи  ноодилонаи хушдоман барои Гулсум ҳамин буд. Аммо ӯ бошад пайваста барои гирифтани навзоди худ  аз вай зориву таваллои зиёде  мекарду изҳор менамуд, ки кӯдак бе модар зинда нахоҳад монд.Вале суханонаш ба хушдоман таъсиру фоидае намебахшид.

Гулсум боз дубора аз ӯ зоириву таваллo карда  мегуфт:

-Холаҷон ба хотири Худо навзодамро ба ман диҳед.

Аммо хушдоманаш бошад барояш ҷавоби рад медоду мегуфт:

-Ҳоло дигар  хомӯш бош!...Агар мехоҳӣ бирав....Духтари навзод ҳамроҳи мо  боқӣ хоҳад монд.

Эй войи ман! Хоҳари меҳрубонаам чаро ба ман бо чунин  нигоҳҳо назар мекунед. Чаро чеҳраатон ин қадар ғамгин мебошад. Боварӣ дорам, ки Шумо ҳамаи ин воқеро дарк кардеду донистед, ки Гулсум як номи сохтае будааст. Ин ман  ҳастаму Шумо қиссаи ҳамаи дардҳои маро самимона гуш додед!

Акнун ҳоло ба ман бигӯед чӣ бояд кунам....Як фарзандам аз инҷо ҳазорон мил дур дар як макони хурде шабу рӯз чашм ба роҳи ман мебошаду нолаву садоҳояш ғамҳои диламро танинандоз мекунад...Кӯдаки дигарам бошад дар оғӯшам ҳаст, вале ӯро иҷборан аз ман ҷудо карда гирифтанд. Ман чӣ кор кунам хоҳари меҳрубонам....?

# Бекас

Бобо Ниму дар он қисмати шаҳр  зиндагӣ мекард, ки бештари аҳолии онро бенавоён ташкил медиҳанд. Умраш аз 60 сол гӯзаштааст. Баъд аз таваллуд падараш ба ӯ  Неъматулло ном монд. Барои ғарибу бенавоён чунин номҳоро талаффуз кардан  душвор буд. Лиҳозо вайро бештар бо тахаллуси “Ниму” мешинохтанд ва  ба ҷои “Бобо Ниму” гоҳе фақат “Бобо”  гуфта ӯро садо мекарданд.

Касби падари “Ниму” Саломатшоҳ  коғазфурӯшӣ ё куҳнафурӯшӣ (раддӣ фурӯш ба забони урду) буд. Вале ӯ  ягон дукони хос надошт, балки дар кӯчаву хиёбонҳо сайру гашт карда бо овози баланд “куҳнафурӯш омад” гӯфта садо мекард. Ҳамин тариқ, аз хонаҳои мардум рӯзномаву рисолаҳо, коғазпораҳо ва кардонҳо дарёфт мекарду дар болои дучархааш онҳоро ҷобаҷо карда, ба якчанд дуконҳо бурда, бо нархи маслиҳатшуда мефурӯхт. Бо ҳамин даромади молӣ зиндагиашро пеш мебурд.

Падари вай ҳарис набуд, балки медонист, ки фарзандаш хонда як корманди давлатӣ хоҳад шуд. Даромади ӯ аз даромади падараш бештар нахоҳад буд. Лиҳозо дар хондан вақташро зоиъ намекард, балки дар вақтҳои холигиаш ба куҳнафурӯшӣ машғул мешуд. Ҳамин тариқ, Ниму ба ин касб меҳр баст. Волидайнаш баъд аз якуним сол вафот карданд. Модараш бошад пеш аз вафоти худ Нимуро бо духтаре барои издивоҷ фотиҳа кард буд. Ҳамин тариқ, баъд аз гузашти 6 сол онҳо бо ҳам тӯй барпо карданд. Зани Ниму хоҳиш дошт, ки дар оянда шавҳараш касабаи куҳнафурӯшиашро тарк намояду кори хубтареро пеша кунад. Аммо суханони  падар дар дили Ниму нақш бастанд ва майл намекард, ки ин касабаро тарк кунад.Завҷааш  Ронӣ дид, ки шавҳараш аз касабааш даст намекашад. Лизо ба кори зиндагии хонавода идома медоду пайваста дуо мекард, ки агар Худо барояш фарзанд ато фармояд, ӯро таълим дода, тарбияи хуб хоҳад дод.

Ҳамин тавр, бо мурури вақт дар ин хонавода  ду фарзанд таваллуд шуд. Бо вуҷуди зиддияти Ниму занаш Ронӣ онҳоро ба мактаб дохил карда,

таълиму тарбият намуд. Хоҳиши модар ин буд, онҳо бузург шуда, ба мақсади олӣ бирасанд. Аммо замони писари калониаш Камолиддин дар синфи даҳум ва хурдиаш Ҷамолиддин дар синфи нуҳум будан модар вафот кард.

Ҳамин тариқ, ҳар ду фарзандон ба таълим машғул шуда, тарбият мегирифтанд. То ҳанӯз мактабро тамом накарда буданд, ки эълони қабули ҳунармандону донишмандон барои кор ба кишвари Амороти Мутаҳидаи Арабӣ оғоз гардид. Ин ду навҷавон аз фурсат истифода карда, барои рафтан ба Амороти Муттаҳидаи Арабӣ омодагӣ гирифта, ба падари худ баҳсу муноқиша карда мегуфтанд:“ Падарҷон! Мо аз шумо борҳо хоҳиш кардем, ки ин касаби худро тарк намоед”. Аммо падараш пайваста ба онҳо ҷавоб медод: “Чаро ин касабаро тарк бояд кард”?

Писараш Камолиддин, ки аз бародараш бештар барои тарки ин пешаи падар талош мекард, гуфт:“ Падарҷон! Мо ба хориҷа рафта, таълим гирифта, донишманди калон ва шахсияти обрӯманд хоҳем шуд. Ва лизо мардум чунин тасаввур хоҳанд кард, ки чӣ тавр мумкин аст, ки падари чунин шахсиятҳои муҳтарами ҷомеа ба чунин касабаи ночизу ҳақирона машғулият дошта бошад”.

Вале Ниму бошад аз суханони фарзандонаш норохат шуда ба онҳо чунин мегуфт:“Оё аз ин шарматон намеояд, ки бо ҳамин касаба шуморо хӯрондаму пӯшонидаму ба ин ҷо оварда расонидам. Мардум шуморо муаддабу муҳтарам мешуморанд. Ва чаро ин пеша бароям хуб набошад”!

Ҳар ду фарзанд бо падар чунин баҳсу муноқиша карда, хонаро тарк намуда ба Дубай сафар карданд. Ҳамин тавр, аввалҳо аз фарзанди калонии Ниму гоҳе мактуб ба ӯ мерасид, вале баъд аз мурури вақт дигар аз ӯ номае дарёфт нашуд. Ҳамин тариқ, нӯҳ сол сипарӣ шуду аз фарзандони Ниму ягон хату хабаре набуд.

Дар ин зимн, Неъматулло дар ҳақиқат Бобо Ниму шуду фарзанди калониаш Камолиддин бо зару зевароти зиёд ҳамроҳи зану фарзандаш ба хона баргашт. Бобо Ниму набераашро ба оғӯш гирифта дид, ки ӯ маъюб ҳаст. Сипас ба писараш хитоб карда гуфт:

“ Камол ин ....”

“Падарҷон ин хости Худованд мебошад”,-посӯх дод писараш Камолиддин.

Меҳмонон дар болои кат менишастанд. Дарстархон ороста шуда буд. Зани Камолиддин барои овардани чой омодагӣ медид. Дар зиндагии Ниму аввалин маротиба буд, ки бо ҳамроҳи келини худ якҷоя чой менӯшад. Ин кор барояш хело аҷиб ба назар менамуд.

Ҳамин тариқ, Камолиддин ҳамроҳи завҷааш ҳашт рӯз назди падараш зиндагӣ карду рӯзи нӯҳум ба вай чунин иброз намуд:

-Падарҷон, зиндагӣ давом дорад. Ман бояд баргардам. Пагоҳ бояд ба корам ҳозир шавам.

-Ин қадар зӯд! .

-Бале бояд равам, зеро талаботи вазифаи корӣ чунин аст.

Ҳамин тариқ, Камолиддин рӯзи дигар ҳамаи лавозимоти сафарашро омода карду дар бағоҷи мошини таксӣ гузошт. Бо падар хайрухӯш намуду чунин гуфт:

-Падарҷон ҳоло шумо танҳо зиндагӣ мекунед. Лиҳозо мо писарамон Лолдинро ҳамроҳатон гузошта меравем.

Падараш Ниму сухани ӯро шунида, зор-зор ба гиря даромад. Камолиддин ба суханаш идома дода изҳор намуд, ки “кадом падару модар аз фарзанди худ ҷудо зиндагӣ кардан мехоҳад. Вале мо ин корро барои хубиву хушҳолии шумо як амри зарурӣ меҳисобем”.

Бобо Ниму бошад хомӯш меистод. Камолиддину занаш хомӯшии вайро ризомандӣ ҳисобида ба ӯ гуфтанд:

-Падарҷон, шумо калонсол шудаед. Мо тавассути Чуадхарӣ Закоулло, ки шумо вайро мешиносед, ҳар моҳ хароҷотатонро мефиристонем.

-Бале ӯро мешиносам.Ӯ як одами сарватманд мебошад.

-Ӯ шахси хуб ҳаст падарҷон, изҳор мекунад писараш ба ӯ.

Сипас Камолиддину занаш аз хона баромада рафтанд. Кӯдак бошад дар оғӯши бобо мехобид. Баъд аз рафтани онҳо як шиноси Ниму ба хонааш омаду кӯдакро дар бағали вай дида бо табассум ба ӯ гуфт:

-Бобо ин кӣ ҳаст?

-Ин набераи ман ҳаст. Дигар кӣ мешуд?

-"Набера....Магар.....",- бо тааҷҷуб пурсид ӯ аз Ниму.

Дар ин лаҳзаҳои хурсандибахш Ниму намегӯзошт то дӯсташ чизе бигӯяд. Ҳамин тариқ, Ниму сӯхани худро идома дода ба дӯсташ гуфт:

-Чунонки дӯстрӯяк ҳаст, меҳрубон низ мебошад. Дар оянда сарпаноҳи бобо хоҳад гашт. Ман хело ғамгину парешон будам, вале онҳо меҳрубонӣ карда фарзандашонро ба ман супорида, рафтанд.

-Эй подшоҳи беандеша! Онҳо меҳрубонӣ накарданд, балки масъулияти худро раҳо карда, рафтанд. Парваришу тарбияи фарзанди маъюб кори саҳлу осон нест.

-Хайр ҳеҷ гап не, ба ту чӣ?

Сипас шиноси Ниму Бобо баромада рафт. Ниму кӯдакро дар болои кат хобонида бо диққат ба вай нигоҳ карду дид, ки пойҳояш хурдакаки каҷшуда, дастҳои кӯчак ва тамоми баданаш бе устухон мебошад.

Ҳамин тариқ, Ниму Бобо ба кӯдак чашм медӯхту бо дил чунин эҳсос карда бо худ мегуфт: "Ман ӯро дар наздам нигоҳ медорам, то дар оянда пуштупаноҳам шавад. Зеро хело солдида ҳастаму бароям шахсе лозим аст, то маро кӯмак намуда, ҳамроҳӣ кунад. Аммо оё ин кӯдак метавониста бошад сарпаноҳи ман шавад"?

Сипас Ниму Бобо сари худро дошта, каме дуртар аз кӯдак нишаст. Баъд аз чанд вақт бача ба гиря даромад. Ӯ падару модари худро пайдо накарда, зор-зор ба гиря оғоз кард. Ниму ӯро дар оғӯш гирифта, ба берун баромад. Кӯдак тамоми он рӯз ноорому беқарор буд. Бегоҳӣ каме ором гашту ба атроф нигоҳ кард.

"Лолуяки Бобо", гуфта Ниму сари ӯро боло кард. Лолуяк ба боло назар карду бобояшро дида боз дубора ба атроф нигоҳ кард. Ниму ҳар ду дасти

худро ба бозӯҳои вай гӯзошта боз “Лолуяки Бобо” гуфта, садо кард. Ин лаҳзаҳо аз чашмони кӯдак ашк ҷорӣ мешуду ба рухсорҳояш мерехт.

“Не, не набераҷону Лолуяк бобош. Ман бобои ту набераҷонам. Гап зан чӣ хабар. Падару модаратро ёд кардӣ”, гуфта бо як нафас Ниму ҳамаи ин алфозро мегуфт, вале кӯдак бошад хомӯш меистод.

Бобо Ниму намедонист, ки кадом ҷазаба буд, ки ба даму нафаси ӯ сироят расонд. Зеро бе ихтиёр хост, ки бачаро ба оғӯш кашида, ҷисми мулоими вайро бардошта ба бағал кашад.

Бобо Ниму дар ин ҳолат хомӯш монд. Вуҷудашро ашкҳои ғамангез ва эҳсосе фаро мегирифт. Ҳолатеки дар он қадре кайфияту оромӣ низ дида мешуд. Вале кӯдак бошад ба бобояш ҳайратвор менигаристу намедонист, ки ӯ чӣ фикр карда истода бошад.

Бобо Ниму ба набераош нигоҳ мекарду дар намои ӯ чунин саволеро эҳсос мекард, ки “Чаро падару модарам маро тарк карда рафта бошанд”. Бобо Ниму мехост барояш ҷавоби саволро диҳад, аммо барои он алфози хубе пайдо карда наметавонист. Сипас ӯ кӯдакро бо зӯр ба оғӯши худ гирифт. Панҷаҳои дасташ сахттар мешуданду бо лабҳояш пай дар пай сари бачаро бӯсида, мегуфт:

“Ин набераи ман аст. Аз худи ман. Вай сарпаноҳи ман мебошад”. Ниму ин ҳарфҳоро аз дил мегӯзаронду набераош бошад худашро ба ӯ часпондан мегирифт. Ҳар ду хомӯш монданд. Лабҳои ӯ ҳаракат намекарданд, аммо чашмонаш яке ба дигаре чизе мегуфт.

“Гурусна шудем? Набераи бобош гурусна шуда бошад. Зеро то ҳол чизе нахӯрда аст”, гуфта Ниму Бобо кӯдакро боли кат гӯзошту дубора ба ӯ ишорат карда хитоб кард:

“Ширу ҷелибӣ[21] бароят меорам набераи бобош. Хуб аст. Мехӯрӣ”?

Ин лаҳза лабҳои кӯдак каме ба ҷунбиш даромаданд. Вале фаҳмида намешуд, ки ӯ чӣ мегуфта бошад. Ҳамин тариқ, Бобо Ниму ливони дар

[21] (як навъ ширинии хос)

болои оташдон бударо бардошт. Оташдон муддатҳоост, ки оташро надидаасту дегу табақи дар атрофи он бударо чангу ғубор фаро гирифта буд.

“Ҳозир меоям, боз натарсӣ набераи бобош”, гуфта Ниму ба берун баромада дар ҷӯйбори назди идораи маҳал ливонро хуб тоза кард. Сипас аз дукони шириниҳо шир ва миқдоре ҷелибӣ гирифту баргашт.

Ӯ ба хона баргашту дид, ки то ба ҳол наберааш дар болои кати хоб нишастааст. Кӯдак ба ҷоий шифти хона ба сӯи дарвоза нигоҳ мекард. Ва шояд ӯ интизори омадани бобояш буд. Бобо Ниму ҷелебиҳоро аз даруни халтача бароварду болои болишти наберааш гузошт. Чанд лаҳзае дастҳои Лолуяк бе ҳиссу ҳаракат шуда, дар паҳлӯяш (дароз ва рост) меистоданд. Сипас кӯдак як дасти худро ба сӯи халта дароз кард, аммо натавонист ба он расад. Бобо Ниму яктогӣ ҷелибиро гирифта ба даҳони ӯ мегузошт. Баъди хӯрдани чанд дона аз ҷилебӣ кӯдак ишора карда (аз сер шудан), сарашро ҷунбонд.

-Наберҷони бобош шир менӯшӣ! -садо кард Ниму. Кӯдак бо ишора (не гуфта –Р.М), сарашро ҷунбонд.

Ҳаво то андозае гарм буд. Вале фасли сармо оғоз шуда буд. Шабҳо каме ҳавои сардтар мешуд. Бобо Ниму кӯдакро хобонида, худаш низ дар паҳлӯаш истироҳат кард. Як ё яку ним соат чашмони кӯдак бедор монданду сипас хобаш омад.

Баъд аз хоб рафтани наберааш Бобо Ниму аз ҷояш бархоста ба курсии ягонаи дар хона буда нишаст. Чанд саволе дар як вақт дар зеҳнаш чарх мезад. Вай бошад дар бораи ин саволҳо фикр мекард. Бобо Ниму имрӯз дар субҳ фақат як кӯлча тавоновул карда буд. Лиҳозо эҳсоси гурӯснагӣ мекард. Аммо аз бими кӯдак наметавонист ба назди танӯр равад. Фақат чанд қатра шир нӯшиду ливонро дар назди кат гузошта, сари онро бо халтаи ҷелебиҳо пӯшонд.

Бобо Ниму бо таваҷҷӯҳ ба кӯдак менигарист.Наберааш дар ҳолати бедор буданаш зишт ба назар менамӯд, аммо дар вақти хоб буданаш чеҳраи хело аҷоиби малакутӣ дошту аз рӯяш нур медурахшид. Ба назари Бобо Ниму

чеҳраи наберааш ба мисли ду чеҳраи фарзандонаш менамуду онро дида, хело хӯшнуд мегардид. Чеҳра хело садошукуфта, шодоб ва зебо буд. Ҳолату вазъи он барои Ниму Бобо хотира хуби меҳнатиашро ба ёд меовард. Ӯ дар зиндагии худ бо касбу меҳнати ҳалоли худ фарзандҳояшро хуб хӯрониду пӯшонид. Ҳар як дирами худро ҷамъ карда, онҳоро таълим дод. Ҳамин тариқ, онҳо ба камол расида, ба пои худ истода, ӯро монда, рафтанд. Баъд аз рафтани онҳо ӯ бекасу танҳо буд. Аз чунин рафтори онҳо Бобо Ниму хело ғамгин мешуд. Фарзанди калониаш дар давоми як сол ду ё се нома равон кард, аммо аз додари ӯ ҳеҷ хату хабаре набуд.

Ҳамин тавр, симову чеҳраи ин ду фарзанди номеҳрубон аз назари Бобо Ниму дур мешуду ба ҷои онҳо сару сурати Лулуяк ба чашмаш вонамуд мешуд. Чеҳраи ӯро медиду тоза шудани ғамҳояшро эҳсос мекард. Зеро боварӣ дошт, ки наберааш бузург шуда, сарпаноҳу ҳомии Бобо Ниму хоҳад шуд. Бо чунин эҳсосу баландҳимматӣ аз курсӣ бархоста ба чеҳраи Лолуяк сар хам карду аз пешониаш бӯсид.

“Бобо”, ин садои аввалин аз қалби наберааш баромаду ба мисли шохаҳои гул мавҷ зад. Нахустин ҳарфи набера лафзи “Бобо” буд, ки садо дод. Дар ин лаҳзаҳои шодиву сурур чашмони Лолуяк боз буданду бобояш ба вай мегуфт:

-Оё ҳамроҳи ман мемонӣ?

“Бале”.

-Падару модарат биёянд чӣ,- боз пӯрсид бобояш аз ӯ.

-Ҳамроҳашон намеравам.

-Чаро ҳамроҳашон намеравӣ?

-Зеро онҳо маро тарк карданду рафтанд.

Бадани кӯдак каме меларзид ва ботинан шояд гиря мекард. Бобо Ниму дар болои кат дароз кашиду аз наберааш савол кард:

-Дар субҳона чиро megписандӣ? Бароят чӣ чиз писанд аст?

Наберааш хело кӯтоҳак ба саволҳо ҷавоб доду каме хаста шуд. Сипас бобояш ба вай хост, то истироҳат кунад. Ниму Бобо аз ҷой бархоста фатилаи фонӯсро поён кард ва бобову набера истироҳат карданд.

Субҳ барвақт, замонеки Лолуяк дар хоб буд, Ниму Бобо ба берӯн барои хариди субҳона рафту баргашта аз наберааш пурсид:

-Пурӣ[22] меҳӯрӣ Лолуяки бобош?

Кӯдак натавонист ба бобояш чизе бигӯяд. Зеро аз "пурӣ" хабаре надошт ва маззаи онро начашида буд. Ҳамин тавр, ба бозор рафта, "пурӣ" ва ҳалво харида барояш овард.

Пас аз бозгаштан ба хона дид, ки наберааш Лолуяк қадам зада, дар назди девор истода ба берун нигоҳ мекард. Ин лаҳзаҳо Бобо Ниму нақшеро бозид, ки завҷааш ба фарзандонаш карда буд. Ҳамон хушбахтие ки ду фарзандаш доштанд, Бобо Ниму онро низ пайдо кард.

Лолуяки бобо бошад хушҳолу хандон "пурӣ" тановул карду чой нӯшид. Бобо Ниму ба корҳояш идома медоду набераашро гоҳе дар болои кат ва гоҳе дар боли мат (курпачаи нарм) мешинонд. Дар атрофаш кӯлчақанд, қандаку ширинӣ гӯзошта буд. Лолуяк бо дастони кӯчакаш мегирифту тановул мекард. Пойҳои камзӯру нотавонашро болои мат мегӯзошту боз хаста шуда, дароз мекашид. Баъд аз ду ё се соат Бобо Ниму аз ӯ хабаргирӣ карду рафт.

Наберааш бошад корҳои маъмулии бобояшро меписандид. Одатан Бобо Ниму субҳ барвақт ба вай субҳона омода мекарду болои дучархааш мемонду баромада мерафт. Лолуяк бошад бо садои фораму нозукаш дасти росташро бардошта, овоз мекард, "Бобо". Ин гӯё ишораи вай барои худоҳофизии бобояш буд. Ниму Бобо аз ин кори наберааш хурсанд шуда, сару пешонии ӯро бӯса мекарду оҳиста дарвозаро баста, мерафт. Ба кӯчаву хиёбонҳо бо дучархаи худ сайр карда, садо мекард: " Куҳнафурӯш омад". Як ду танга ва ё пул ба даст меовард, зӯд ба хона бармегашт.

[22] Пури як нони бехамиртуруши аз орди гандум пухта шуда, ки бештар дар Шибҳи қораи Ҳиндустон тановул мешавад.

Пас аз мурури се моҳу шаш рӯз хидматгори Чҳударӣ[23] Закоулло ба хонаи  Бобо Ниму омаду барояш гуфт, ки “Чҳударӣ пурсиданд, ки чаро Бобо Ниму барои гирифтани маблағ намеояд”? Фавран Бобо Ниму сухани писарашро ба ёд овард, ки  барояш гуфта буд, ки “ҳар моҳ тавассути Чҳударӣ Закоулло маблағ хоҳад фирист”.

Ҳамин тариқ, хидматгори Закоулло пеш аз рафтан аз кисааш як лифофа бароварда ба Бобо Ниму дода гуфт, “Ин маблағи ду моҳаро бигиред”.

Бобо Ниму  хуб гуфту маблағро ба ҷайбаш гузошт. Ёрдамчӣ ду қадам монду бозгашта изҳор намуд: “Бобо, Чҳударӣ соҳиб пурсиданд, ки аҳволи бача чӣ хел аст”?

-Хуб аст,- ҷавоб дод Ниму Бобо.

“Ҳай бечора”, иброз мекард хидматгори Чҳударӣ.

Бобо Ниму бошад аз кори вай нороҳат мешуду намехост, ки касе ба наберааш чунин алфозро ба забон орад.

-Гиря намекунад?-пурсид ӯ аз Бобо Ниму.

“Не, чаро гиря кунад. Дар назди бобояш ҳаст. Набераи ман мебошад”.- посух дод Бобо Ниму ба вай.

Хидматгори Чҳударӣ  дар ҳайрат монду боз ба ӯ изброз кард:

-“ Бобо Ниму вай.....”

-Вай ҳеч чиз нест,-Бобо Ниму бо ғӯсса ҷавоб дод. Сипас  хидматгор баромада рафт.

Ҳамин тавр, як рӯзе нисфирӯзӣ Бобо Ниму мисли ҳамешагӣ аз кор барои дидани Лолуяк ба хона баргашт. Эҳсоси хастагӣ карду дар болои кат дароз кашида истироҳат кард. Лолуяк  бошад бо мошинчааш бозӣ мекард, ки ҳамин вақт садои тақ-тақи дарвоза шуд.

“Бобо” гуфта садо кард  набераи Бобо Ниму ва аз омадани касе  ӯро хабар медод. Аммо бобояшро ғанаб бурда буду садои тақ-тақи дарвозаро

[23] Чаудҳари (ё Чоудҳари; инчунин: Чаудҳури, Чоудҳуари, Чоудҳури) як насабест маъмул дар Осиёи Ҷанубӣ, ки аслан аз унвони меросии Ҳиндустон гирифта шудааст. "Човдҳури" истилоҳест, ки аз калимаи санскритии caturdhara мутобиқ карда шудааст, аслан "соҳиби чаҳор" (чор нафарро ифода мекунад.

намешунид. Сипас Бобо Ниму бедор шуда аз наберааш пурсид,-“Чӣ хабар Лолуяки бобош”?

Набераи Бобо Ниму бо дасташ ба сӯи дарвоза ишора кард. Бобо Ниму аз ишораи ӯ фаҳмид, ки касе дар берун интизорӣ мекашад. Зуд аз ҷой бархоста ба берун баромада дид, ки Чҳударӣ Закоулло дар назди дар истодааст.

Бобо Ниму дар ҳайрат монд, ки чаро шахсан худи Чҳударӣ ба назди ӯ омада бошад. Бобо Ниму ӯро дида гуфт:

-Чаро заҳмат кашидед, ҷаноби Чҳударӣ соҳиб!

- Ин кор чӣ заҳмат дорад. Барои кори нек ҳеҷ заҳмат нест?

-Бале дурӯст  аст.

-Вай  хуб ҳаст.

-Шукр набераам хело хуб аст.

-Бобо, дар корҳои Худованд кӣ дахолат карда метавонад? Хуб ин тавр бошад ӯро гирифта рав!

Бобо Ниму  мехост аз ӯ бипурсад, ки ба куҷо, аммо худашро аз он нигоҳ дошт.

-Натарс Бобо Ниму, мақсади ман анҷом додани корҳои хуб ва таъкиди суханони неки ту мебошад.

Бобо Ниму ҳеҷ чизеро нафаҳмида ба хона баргашт. Лолуяки бобо дасташро болои мошинчааш мегӯзошт ва мисли ин ки дар фикри чизе бошад. Ӯ шояд мехост бипурсад, ки “Бобо дар назди дарвоза кӣ буд”, аммо фикрашро баён карда наметавонист.

“Чҳударӣ соҳиб гуфт, ки аз ин ҷо бояд рафт”, мегуфт Бобо Ниму бо худаш. Вале Лолуяк бошад  аз ишораҳои бобояш чизеро намефаҳмид. Бобо Ниму  зуд ба наберааш либос пӯшонду ҳар ду ба берун баромаданд.

-Мебахашед Чҳударӣ соҳиб! Либосҳоро иваз кардем, -иброз кард Бобо Ниму ба ӯ.

-Марҳамат бишинед, -Чҳударӣ ба тарафи мошини худ ишора карда гуфт ба онҳо.

Ронанда дари нишасгоҳи пушти мошинро боз кард. Бобо Ниму набераашро бардошту даромада нишаст. Чҳударӣ дар курсии пеши мошин нишаст. Барои Лолуяк нишастан дар чунин мошинҳо бори аввал набуд. Зеро вай дар Дубай ҳамроҳи падараш борҳо сайру гаштро дар чунин мошинҳои гаронқимат таҷриба карда буд. Аммо барои Бобо Ниму таҷрибаи нав буду тарсу воҳимааш барояш аз он шавқовартар менамуд.

Баъд аз понздаҳ ё бист дақиқа мошини Чҳударӣ ба маҳаллаи ободу зебое расиду дар саҳни айвони  хонаи боҳашамат ё бунгало[24] истод. Ронанда аз мошин фаромаду тугмаи занги хонаро пахш кард. Як зане баромаду ба вай чизе гуфту рафт. Сипас ба назди дарвоза як марди шиму кастюмпӯшида омад.

Чҳударӣ соҳиб аз мошин фаромада фавран ба назди ӯ рафт. Ҳар ду бо ҳамдигарро оғӯш гирифтанд. Сипас Чҳударӣ ба назди Бобо Ниму омада ӯро ҳамроҳаш гирифта бурд. Баъд аз  ду дақиқа Бобо Ниму, Лолуяк, Чҳударӣ ва он мард бо ҳам болои  курсиҳои  утоқи зебову ороста даромада нишастанд. Ҳамон зане, ки дарвозаро боз карда буд, барояшон чою дигар чизҳоро овард. Чойнӯшӣ оғоз шуду сӯҳбатҳои гарму ҷӯш миёни Чҳударӣ ва он мард сар шуд. Ин лаҳзаҳо бесабриву беқарории Бобо Ниму зиёд мешуду гоҳу ногоҳ ба ин тарафу он тараф мегашт. Вале Лолуяк бошад аз чунин шароиту муҳит бениёз буду фақат ширинӣ мехӯрд.

-Бобо Ниму оё медонӣ ин шахс кӣ ҳаст,- пурсид Чҳударӣ аз вай.

Бобо Ниму дар фикр буд, ки ин вақт Чҳударӣ ба ӯ гуфт: -“Ӯ Сетҳ[25] Ҳоким Алӣ мебошад. Хело шахси некхоҳ ҳаст. Барои бешрафти мардум кор мекунад. Барои бачаҳои мисли Лолуяки шумо як идорае ташкил кардааст, ки ба таълиму тарбияи онҳо кӯмак мерасонад. Шумо набераатонро дар ҳамин ҷо монед. Барои ин кор ягон пул пардохт кардан лозим нест. Зеро худи ҷаноби Сетҳ харҷи онҳоро пардохт мекунад”.

---

[24] Бунгало (ба забони инглисӣ: Bungalow) ё таксара як навъи бинои хурди якошёнаест, ки одатан айвон дорад. Бунгалохо сохти содда ва боми аз терракота ё гач сохташуда доранд ва баъзан айвону болохона дар зери бом мемонанд.

[25] сарватманд, бузургвор, раис, амир

Инро ҳарфҳоро Чҳударӣ иброз карду дар чеҳраи Бобо Ниму як навъ норозигӣ ва ҷавоби радро эҳсос мекард. Бобо Ниму ба паҳлу гашта бо лаҳҷаи хос ва азми устувор чунин иброз кард:

-Ташаккур. Набераам ба он ҷо намеравад. Ҳамроҳи ман боқӣ мемонад.

-Дар ин кори хайр беҳбудии шумо ва кӯдак низ мебошад.

Сипас ҷавоби радро аз Бобо Ниму шунида боз идома дод Чҳударӣ: “Шумо кӯдакро хело дӯст медоред. Дар инҷо бошад бо чунин кӯдакон худи ҷаноби Сетҳ дӯстиву меҳрубонӣ мекунад. Он шахсоне, ки дар инҷо ҳастанд бо онҳо низ хидмат мерасонанд”.

Бобо Ниму изҳор кард:

-Меҳру муҳаббат аз ман мебошад, аммо як кори дигаре низ ҳаст ҷаноби Чҳударӣ соҳиб!

-Чӣ кор ҳаст?.

-Гап дар инҷост, ки падару модараш ӯро ба ман супоридаанду ман бошам уҳдадорам то вайро нигоҳубин намоям.

Дар ин маврид Чҳударӣ соҳиб чизе илова накард, аммо ҷаноби Сетҳ соҳиб ба Бобо Ниму гуфт, ки-“Ин дар ҳақиқат дурӯст мебошад”

-Бархез набераи бобош меравем, гуфта Бобо Ниму ӯро аз болои курсӣ бардошта ба оғӯши худ гирифт.

Дар ин зимн, Чҳударӣ соҳиб ӯро дар назди дарвоза дида изҳор кард:

-Ӯро чанд рӯз дар инҷо мону рав Бобо Ниму!

-Не. Набера аз худи ман аст.

-Хайр бо мошин меравем,- гуфт Чҳударӣ.

Аммо Бобо Ниму аз ӯ ташаккурӣ карду ба хона баргашт.

-Лолуяки бобо!

-Бале converting бобоҷон.

-Мебинӣ ин мардум мехоҳанд туро аз ман ҷудо кунанд. Кӣ метавонад туро аз ман ҷудо созад?

-Бобоҷон, садо мекард набера.

Садои ӯ  Ниму Боборо беқарору бетоб мекард. Вай ӯро бо дастонаш гирифта, беихтиёр сахт ба оғӯши худ кашид, ки дар натиҷа ранги кӯдак сурх гашт. Фавран  ӯро аз худ озод карду ба болои кат шинонд.

Он рӯз Бобо Ниму  хело шод буду ҳамаи вақташро дар хона гӯзаронд. Чанд рӯз сипарӣ  шуд. Сиёҳии шаб оҳиста-оҳиста фаро мерасид. Бобо Ниму набераашро барои сайру гашт ба берун баровард. Ба хона баргашту дид, ки писараш Камолиддин дар хона мебошад. Ӯро дида аз ӯ пурсид:

-Кай омадӣ писарам Камол?

-Ҳозиркак омадам.

-Хайрият ҳаст Камол.

Аз омадани Камолиддин дар дили Бобо Нимуро  як беқарорӣ фаро мегирифт.

-Хайр аст падарҷон! Ҳоло бояд сару либоси Лолуякро ҷамъоварӣ кард. Набераи шумо бояд дар назди Сетҳ Ҳоким Алӣ боқӣ монад.

Падар ба суханони вай мисле ки чизеро намешунид  гӯш медод. Вале суханони пай дар пайи писараш ӯро маҷбур сохт, ки ба ӯ чунин бигӯяд:

-Аз ӯ  ман беҳтар нестам. Чаро дар назди ман хубиҳо набошад. Писарам Камол ман нигаҳбони набераи худам мебошаму вай  бошад сарпаноҳи ман хоҳад буд. Оё ту инро намедонӣ?

Камолиддин ба чашмони падар нигоҳ карду гуфт:

-Падарҷон то кай сарпаноҳи ӯ мешавед. Сину соли шумо ба ҷое расидааст. Ман бошам ин корро намехоҳам.

Яку якбора аъзои бадани Бобо Ниму беҳолу нотавон гашт. Дар ботинаш сардии хун чарх мезад. Сипас каме қадам заду аз даруни ҷевони хурди хона лифофаеро гирифта бозгашту гуфт:

-Марҳамат бигир! Он чизеки ту ба ман фиристода будӣ.

Бобо Ниму лифофаро ба сӯи писараш Камолиддин ҳаво дод.

-Хайр монед падар.

-Не, ҳаргиз не. Ман тавони кор дораму  шикамамро сер карда метавонам.

Писар бошад қаҳри падарро диду лифофаро бардошта ба ҷайбаш гӯзошт.Се чор дақиқа фазоро хомӯшӣ фаро гирифт. Камолиддин кӯдакро бардошту ба оғӯш гирифт ва мехост ба берун равад. Бобо Ниму зӯд омада дасти хушкашро ба сари Лолуяк гӯзошту гуфт:

-Хӯш бош набераи бобош. Худо туро ҳеҷгоҳ бекас накунад.

Набераааш Лолуяк ба бобояш менигарист ва дар нигоҳҳои вай бекасиву бебасӣ эҳсос мешуд. Бобо Ниму то ба назди дарвоза расидани набераааш ба ӯ нигоҳ мекард. Лабҳояш бошад кам-кам меларзиданд. Сипас ӯ ба хона даромада дар болои кат дароз кашиду ҳанӯз лабҳояш дар талоши чизе гуфтан буданду меларзиданд.

## Мактаби калон

Ҳафт сол мешавад, ки як марду зане дар як кӯчаи танге дар ҳавлии вайрона зиндагӣ мекарданд. Рӯзе шавҳари зан Алоуддин ба занаш Тоҷон мужда расонд, ки анқариб онҳо дар як хонае хубу олие зиндагӣ хоҳанд кард. Занаш бошад ба ин хабар таваҷҷӯҳе намекард, аммо бо шунидани он ҳайратангезона хело хурсандӣ мекард.

Алоуддин аз нигоҳҳои занаш чизеро эҳсос карда ба ӯ иброз кард:

-Бо ростӣ Сӯфи соҳиб ба ман гуфт, ки бояд аз мошин истифода карду дар хонааш ҳамроҳ зиндагӣ кард.Ман бароят рости гапро гуфта истодаам. Ҳамин хел мешавад, таъкид кард Алоуддин ба занаш Тоҷон.

-Чаро не. Хело хуб мешавад. Насиб бошад баъд аз ду ё се рӯз ба онҷо меравем, дубора изҳор кард ба занаш Алоуддин.

Чашмони Тоҷон аз хурсандӣ медурахшидану бо худ мегуфт:-“Даҳ рӯз мешавад, ки дуо мекунам то Худо моро аз харобаҳо раҳо намояду бароямон макони фароху хуб насиб фармояд”.

Худованд дуояшро қабул карду онҳо аз хонаи харобазору вайронаи худ баромаданду дар хонаи зебову дилкушоди Сӯфи Оллоҳёр маскан гирифтанд. Сӯфи Оллоҳёр дар як корхонаи таҷҳизоти мошинҳо кору фаъолият мекард. Ӯ аз сарвату давлат фаровон буд. Ду мошин дошт, ки яке барои корҳои шахсии худ ва дигаре барои зану фарзандонаш истифода мешуданд. Мошини шахсиашро худаш меронд ва барои мошини дигараш як ронанда дошт. Ронандаи мошин ба рӯхсатӣ баромаду баъди гӯзашти як моҳ дигарбора наомад. Ҳамин тариқ, Сӯфи Оллоҳёр дар набудани ӯ аз дӯстонаш истифода мекард.

Алоуддин он шабу рӯз бекор буд. Баъд аз хабардор шудан ба назди Сӯфи соҳиб рафту бо ҳамроҳи ӯ дар ин мавзӯъ сӯҳбат кард. Сӯфи соҳиб аз вай чанд савол пурсиду аз ҷавобҳои қаноатманд шуа ӯро ба кор даъват кард. Ҳамин тавр, Сӯфи соҳиб на фақат ӯро ҳамчун ронанда, балки барои зисту зиндагониаш хона ҳам фароҳам кард.

Рафтан ба хонаи Сӯфи соҳиб ба Тоҷон ва бештар барои писараш муждаи хело бузурге буд. Зеро писараш бо як мушкил гирякунон ба мактаби назди хонаашон мерафту дар вақти танаффус гӯрехта ба хона бармегашт. Баъди хабардор шуданаш хурсандиаш бештар шуд.

Ҳамин тавр, баъди сипарӣ шудан як ҳафта Алоуддин таҷҳизоти лозимаашро ба меҳмонсарои Сӯфи соҳиб оварда монд. Завҷааш Тоҷон бошад дар муддати се ё чаҳор соат ҳамаи ашёро омода кардау гуфт, ки “ҳоло хурсандӣ бояд кард”.

Модар сару бадани фарзандашро дар зери лулаи об бо собун шустушӯ медоду ба завҷаи худ мегуфт,-“Худованд бароямон хело меҳурбониву карам фармуд. Дигар бачаамон дар хона набояд беҳуда бишинад. Ӯро ба ягон мактаб ҳатман дохил бояд кард”.

Сухани модарашро Зафар шунида як дам ҷеғ заду садо кард,-“Ман ба мактаб намеравам”. Бо чунин тарсу изтироб тамоми либосу бадани худро дар об тар кард.

“Илоҳо ғарқ шавӣ Зафар. Ҳамаи либосҳоятро хароб кардӣ”, доду фарёд зада садо кард модараш. Зафар гуноҳу иштибоҳашро эътироф карду боз оромона ба зери об нишаст.

-Ҳеҷ гапе не писарҷонам! Мо туро ба як мактаби хубе дохил хоҳем кард. Дигар тамоман ба он мактаб нахоҳӣ рафт, хитоб кард падараш. Бо ҳамин баҳси мактабравии Зафар хотима ёфт.

Субҳи рӯзи дигар Тоҷон субҳона омода карду ба рӯи мизи Бегим соҳиба (зани Сӯфи Оллоҳёр) гӯзошт. Ҳамроҳашон писари Сӯфи соҳиб Сабоҳуддин ва духтараш Нагҳатафшон либосҳои зебову форам пӯшида дар курсӣ менишастанд.

Ногоҳ зани Сӯфи Оллоҳёр ба фарзандонаш гуфт:

-Имрӯз ҳам дер шуд. Шояд занги мактаб кайҳо садо дода бошад.

-Не модар. Ҳоло ҳафт дақиқаи дигар барои занг боқӣ ҳаст, ба соати деворӣ нигоҳ карда гуфт духтараш Нигҳат.

Баъд аз тановули субҳона ҷузвдонҳояшонро гирифта рафта дар мошин нишастанд. Сипас Алоуддин онҳоро ба мактаб бурд. Тоҷон ҳамаи корҳояшро тамом кард. Дар ин вақт дар зеҳнаш саволе пайдо шуд, ки “кай Зафарҷонаш ба монанди фарзандони Сӯфи соҳиб бо як шавқу завқ ба мактаб хоҳад рафт”.

Сипас ба хона омаду дид, ки Зафар хӯроки аз бегоҳ боқимондаро тановул мекард. Фавран номашро гирифта садо кард.

-“Бале модарҷон”, посух дод Зафар.

-Дидӣ фарзандони Сӯфи соҳиб чӣ қадар бо як шавқу завқ ба мактаб мераванд. Ту бошӣ тамоман намуду шакли мактабро дидан намехоҳӣ, изҳор кард модараш ба ӯ.

-Бале модарҷон ман шаклу намуди он мактабро тамоман намехоҳам бубинам ва ҳаргиз майли ба онҷо рафтан надорам, бо лаҳҷаи махсус ва азми устувор изҳор кард Зафар ба модараш.

Ҳамин тариқ, Тоҷон ба корҳои хона оғоз кард. Вале намедонист, ки писараш Зафар кай субҳонаашро тамом карда аз хона баромада рафтааст. Нохост дар назди девори дари хона писарашро дид, ки дар оғӯшаш гӯрбачаеро гирифта, дӯстиву меҳрубонӣ мекард. Модар ӯро аз ин кор борҳо манъ кард, аммо ӯ бошад ба кораш идома медод. Ноилоҷ модар ба даст ҷоруб гирифту хост писарашро лату кӯб кунад. Вале каме ором шуду дид, ки Зафар аз тарс ҳамроҳи гӯрба гӯрехта рафтааст.

Ҳамин тавр, шабу рӯзҳо мегузаштанду Алоуддину занаш дар хонаи нав бо оромиву осудагӣ зиндагӣ мекарданд. Аммо фақат як масъала, яъне нафрату безории фарзандашон аз нарафтан ба мактаб ташвиш медод.

Яке аз рӯзҳо дар вақти хӯроки нисфирӯзӣ Тоҷон дар бораи ҳамин масъала фикр мекард, ки ошпази Сӯфи соҳиб ба наздаш омаду аз Тоҷон пурсид:

-Чӣ мушкил дорӣ ва чаро дар фикр фурӯ рафтаӣ Тоҷон?

-Чаро фикр накунам модарҷон! Писарам Зафар номи хонданро тамоман ба забон намегирад... Шавқу завқи ба мактаб рафтан надорад.

-Чаро ӯ намехоҳад ба мактаб дохил шавад.

-Намедонам. Ба ман мегӯяд, ки ба он мактаб дохил намешавам.

“Хуб аст”, гуфт ошпаз.

-Бо шунидани номи он мактаб зуд нороҳат шуда, фирор мекунад.

Ошпаз бо шунидани суханони ӯ каме хомӯш истоду хандида гуфт:

-Ин тавр бошад ӯро аз он ҷо баровarda дар мактаби фарзандҳои Бегим соҳиба дохил намоед.

Ба назар мерасид, ки ошпаз сӯханони худро носанҷида ба модари Зафар маслиҳатҳо медод. Аммо Тоҷон фикре накарда аз ошпаз боз пурсид, ки “натиҷаи ин кор чӣ хел мешуда бошад”.

-Рафта он мактабро як бор аз наздик бубинед. Зеро бо дидани чунин мактаби хубу олӣ чашмон боз хоҳанд шуд. Дар онҷо муаллимаҳо ба бачаҳо таълим медиҳанд, ки ҳама бо либосҳои сафед ранг монанд ба париҳо мебошанд, -баён кард ошпаз ба Тоҷон.

Дар вақти суханронии ошпазТоҷон ба ҳарфҳои ӯ чашм дӯхта нигоҳ мекард. Ҳамин тариқ, ошпаз хомӯш истоду Тоҷон низ ба хомӯш монд. Дар ин зимн, ошпаз аз вай пурсид:

-Мехоҳӣ аз мактаб дидан намоӣ?

-Бале модар.

-Ин тавр бошад пагоҳ ҳамроҳи фарзандон Сӯфи соҳиб ва Бегим соҳиба ба мактаб намераванд. Зеро ҳар ду ба куҷое сафар доранд. Ман шояд ҳамроҳи онҳо ба мактаб равам. Агар ман рафта натавонам, ту ҳамроҳашон метавони биравӣ, -гӯфт ошпаз ба Тоҷон.

Рӯзе саввум Тоҷон ҳамроҳи фарзандони Сӯфи соҳиб аз мактаб дидан карду орзу намуд, ки “ай кош Зафарҷони мо ҳам дар ин мактаб дохил шавад”.

Шавҳараш Тоҷонро ба хона оварда расониду фавран барои овардани Сӯфи соҳиб ва оилаи ӯ рафт.Тоҷон ба хона даромаду дид, ки Зафар аз кафкҳои собун булбулак сохта бозӣ мекард. Модар барояш дар бораи мактаб

нақл кард. Зафар ба модар он тавреки Тоҷон ба ошпаз чашм медӯхт, нигоҳ карду гуфт:

-Модарҷон  маро ҳам ба ин мактаб дохил кунед.

Ин сӯхани бачаашро модар шунида гуфт:

-Аз ин мактаб ҳам ба мисли онҷо  намегӯрезӣ, писарам.

-Не модарҷон! Тамоман немегӯрезам.

-Ваъда медиҳӣ.

-Ваъда медиҳам.

Тоҷон ваъдаи писарро шунид. Вале каме дертар ба фикр фурӯ рафту аз худ пурсид, ки "ба ин мактаб чӣ хел бояд дохил шуд". Бегоҳӣ Алоуддин  ба хона омаду аз занаш дар бораи мактаб пурсид.

-Зафарҷони мо мегӯяд, ки вай аз мактаб ҳеҷгоҳ фирор нахоҳад кард. Як илоҷе карда ӯро ба мактаб дохил бояд кард. Хоҳишу завқи зиёд дорад, то ба мактаб дохил шавад.

"Хайр ин тавр бошад, чӣ хел бояд ба ин мактаб ӯро дохил кард", дар зеҳн мегӯзаронид Алоуддин.

Тоҷон аз ошпаз зикр мекард, ки ин лаҳза вай ба ӯ гуфт:

-Девона шудаӣ магар! Ман ба ту гуфта истодаам, ки Зафарро ба ин мактаб бояд дохил кард. Ин мактаб барои фарзандони сарватманд аст. Барои дохил шудан маблағи зиёд зарӯрат дорад. Шавҳарат бо ҳамаи маошаш наметавонад хароҷоти мактабро пардохт кунад. Ӯро дар ҳамон мактаби пешинааш бурда мон.

Ҳамин тавр, ошпаз бо Тоҷон машварат дод. Тоҷон изофа карду гуфт:

-Ҳоло дигар вай ба он мактаб намеравад.

"Ин тавр бошад, ин ҷоҳилро ба ҳоли худ гӯзор", изҳор кард ошпаз.

-На модар ин хел нагӯед. Ман писарамро инсони нек ва муваффақ мехоҳам бинам, изҳор кард Тоҷон ба ошпаз.

Ошпаз каме андеша карду гуфт:

-Як роҳ аст. Бегим соҳиба як зани хайрхоҳу нармдил мебошад. Аз вай як хоҳиш намо шояд ҳарфатро гӯш кунад.

Ин пешниҳоди ошпаз ба Тоҷон писанд омад.Ӯ бегоҳӣ дар вақти пойҳои Бегим соҳибаро молиш кардан ба вай гуфт:

-Бегим соҳиба фарзанди мо баъди дуову таваллои зиёде таваллуд шуд. Мо мехоҳем ӯро инсону нек муваффақ бинем. Аммо вай бошад  аз мактабаш доимо фирор мекунад. Лутфан меҳрубонӣ карда ба писари мо кӯмак намоед.

-Ман чӣ тавр ба вай кӯмак расонам. Ӯ аз мактаб фирор мекардаст. Нохонда чӣ хел соҳиби касб хоҳад шуд!

Тоҷон сӯханашро идома дода гуфт:

-Бегим соҳиба  дар ҳақиқат вай аз он мактаб фирор мекунад. Зеро дар онҷо муаллимҳо ӯро мезананд. Аз зарбу лати онҳо дилбазан шуда, мегӯрезад.

Бегим соҳиба ба чеҳраи Тоҷон нигаристу медид, ки дар ӯ як лаҷоҳату хӯшомад  ба назар мерасад. Сипас  изҳор кард:

-Тоҷон! Ин кори бисёр мушкил нест.Дар ин мактаб кам талабаҳо дохил мешаванд.

-Хайр шумо меҳрубони карда кӯмак расонед.

-Аз меҳрубонии ман чӣ фоида Тоҷон, изҳор кард Бегим соҳиба.

Маълум набуд, ки чӣ тавр Бегим соҳиба  мутассир шуда буд, вале бо нармӣ ба Тоҷон гуфт:

-Бубин! То ба имрӯз аз мудири мактаб ягон сафорише талаб накардаем. Ӯ дар фикри мо мебошад.

-Худо ба шумо некӣ диҳад. Мо аз меҳрубониҳои шумо ташаккур мекунему доимо бароятон дуоҳои нек менамоем, изҳор кард Тоҷон.

Ҳамин тариқ, Тоҷон он шаб ҳамаи воқеаро ба шавҳараш нақл кард. Алоуддин бо диққат гӯш карду гуфт:

-Бегим соҳиба инсони оддӣ набуда фаришта ҳаст.

-Бале воқеан фаришта ҳаст, таъкид кард Тоҷон.

Чанд рӯз баъд худи Бегим соҳиба  ба назди Тоҷон омада гуфт:

-Тоҷон! Қабули фарзанди шумо ба мактаб пазируфта шуд. Аз волидайни фарзандони мактаб пул ситода мешавад.

-Чӣ хел? Тоҷон сӯхани вайро нафаҳмида пурсид.

-Мактаб иморати нав сохта истодааст. Аз ин сабаб аз падару модари талабаҳо ба қадри имкон пул талаб мекунад.

-Оё шумо тавони пардохти ин пулро доред?- пурсид Бегим соҳиба.

-Чанд пул лозим ҳаст?- савол кард Тоҷон аз вай.

-Тақрибан 1000 руппия. Вале пули пардохтро аз шумо мебахшанд,- ҷавоб дод Бегим соҳиба.

-Хело хуб. Ман ҳамроҳи падари Зафар дар ин бора маслиҳат мекунам, гуфт Тоҷон.

Тоҷон ба Алоуддин гуфт, ки барои дохил шудан 1000 руппия лозим. Шавҳараш ҳайрон шуда ба ӯ гуфт:

-Девона ку нашудаӣ. Ин маблағро аз куҷо метавон ёфт. Он маоше, ки ман мегирам бо душворӣ дар зиндагӣ мерасад. “Ту....”

Тоҷон сӯхани шавҳарашро қатъ карда гуфт:

-Бегим соҳиба гуфт, ки маблағи пардохтро мебахшад.

Бо шунидани он Алоуддин каме орому шуд. Вале пайдо кардани 1000 руппия барояш як муаммое буд.

-Сад не, ду сад не, балки ҳазор руппия, мегуфт Алоуддин.

-Падари Зафарҷон!

-Бале.

-Дастмонаҳоям кай ба кор меоянд! Онҳоро мефӯрушем?-изҳор кард зани ӯ.

-Падари Зафарҷон! Писарамон хонда одами калон хоҳад шуд.

Бегоҳи шаби ҷумъа падару модари Зафар сӯҳбат карданду субҳи рӯзи якшанбе чаҳор дастмонаи Тоҷонро ба ивази 1100 руппия фурухтанд. Ин дастмонаҳоро модараш дар рӯзи тӯйи арӯсиаш барояш оварда буд. Тоҷон онҳоро аз нодироти худ দониста дар рӯзҳои арӯсӣ истифода мекард.

Бегим соҳиба баъд аз шумурдани 1000 руппия дар ҳайрат монду аз вай пурсид:

-Тоҷон! Аз куҷое ин пулҳоро қарз гирифтӣ?

-Не Бегима соҳиба! Ба мо бенавоён кӣ қарз медиҳад?

-Ин тавр бошад аз куҷо пайдо кардӣ?

-Ҳамин хел пайдо шуд.

Бегим соҳиба  пулро таслим карда ба мактаб супорид. Сипас барои Зафар либосу лавозимоти алоҳида омода карданд. Рӯзи дигар Зафар бо либосу сумкаи мактабии нави худ омода шуд. Тоҷон бошад ин рӯзро аз хурсандтарин лаҳзаҳои умри худ меҳисобид. Зеро Зафарҷонаш ҳамроҳ бо фарзандони моликони ӯ  субҳона мехӯраду  дар мошини онҳо нишаста ба мактаб меравад. Ин манзараро дида дар чашмонаш ашки  шодиву массарат ҷорӣ мешуду дар дилаш ҷӯши хушиҳо фаввора мезаданд.

Яке аз меҳрубониҳои Бегим соҳиба ин буд, ки иҷозат медод то Зафарҷон ҳамроҳи фарзандони вай субҳона тановул кунаду ҳамроҳашон ба мактаб равад.

Ҳамин тавр, Зафар аз мактаб меомаду ба мисли дигар рӯзҳо дар долони хона на, балки дар болои як бистари нарму тоза менишаст. Ба тозагӣ риоя мекарду дигар бо кафҳои собун булбулакбозӣ намекард. Аммо бо гурбача меҳрубон буд, вале онро дигар дар оғӯши худ намегирифт.

Тоҷон фарзандашро дар чунин ҳолат медиду чун ниҳол месабзид ва орзуву хоҳишаш пурратар мешуданд.Як моҳ сипарӣ шуд. Дар ин даврон Тоҷон ягон툴 кореро мушоҳида намекард, ки монеаи пешрафти  зиндагиашон гардад. Ҳама бо тибқи хоҳишоти Тоҷон бо хушӣ пеш мерафт.

Вале чанд рӯз мешавад, ки писараш хаставу дилтанг ба назар менамуд. Дар назари ӯ шояд ин як тарсу ваҳм ва эҳсоси модарӣ бошад. Вазъу ҳолатро мушоҳида карда эҳсос мекард, ки  писараш мисли пештара набуда, балки аз чизе шикоят дорад. Зеро китобҳояшро дигар бо шавқ намехонад, дарсҳояшро ёд намекунаду дили нохоста онҳоро варақгардонӣ мекунад. Рӯзҳои пештар аз мактаб меомаду ба модараш ҳамаи воқеаҳои дидаашро нақл мекард. Вақтҳои охир ба ҷуз ин сӯхан чизе намегуфт:

-Модарҷон! Имрӯз ҳам онҳо бо ман мисли дигар рӯзҳо рафтор карданд.

Модар аз ин кор ҳайрон мешуду такрор ба такрор аз вай мепӯрсид:

-Писарҷонам ягон мушкил бошад бигӯ ба ман.

Вале вай ҳар бор ин ҷавобро медод:

-Модарҷон ҳеҷ мушкиле нест, ҳамааш хубаст.

Як шабе модар дид, ки Зафар ба як тараф дароз мекашиду хобаш намебарад. Ду се бори дигар пештар ҳам чунин тавр дароз мекашид. Ноилоҷ модар ба наздаш омада пурсид:

-Чаро хобат намеояд Зафарҷон!

Аммо писараш Зафар чизе ба ӯ ҷавоб намедод.

Ҳамон шаб дертар Тоҷон дид, ки Зафарҷон яку якбора гиря карду фавран аз хоб бедору шуда дар ҷояш нишаст.

“Зафарҷон” гуфта модар чароғро равшан карда ба назди ӯ омада аҳволпӯрсӣ кард.

Зафар бошаду хомӯшу буду меларзид.

“Зафар”гуфта боз садо кард модар. Вале ӯ бошад мегиристу меларзид.

“Писрам ба тӯ чӣ шуд”,-Тоҷон сари фарзандашро ба оғӯш гирифта пурсид.

“Зафарҷон писарам ба ту чӣ шуд”,- аз кат хеста садо кард падараш.

Зафар ба ишора сар меҷунбоду “не” мегуфт.

-Магар ягон бача туро зад!

Боз Зафар бо сар ишора карду “не” мегуфт.

-Хайр чӣ шудааст?- пурсид падараш Алоуддин.

“Дигар ту ҳарф назан”, гуфт занаш ба Алоуддин. “Ман худам аз Зафар мепурсам” гуфта дасташро болои сари ӯ гӯзошта изҳор кард модар.

-Канӣ писарҷонам бигӯ ба чӣ шуд!-оромона савол кард модар.

Зафар як гиряи дуру дароз карду бо оҳи сард гуфт:

-Ман ба он мактаб дигар намеравам.

-Чаро намеравӣ писарам.

-Модарҷон! Касе бо ман ҳарф намезанад, на муаллимаҳо, на бачаҳо. Ҳамаи онҳо маро фарзанди ронанда гуфта, аз муҳити худашон ҷудо месозанд. Ман ба мактаби пештараам меравам.

Дар рухсораҳояш ашк ҷорӣ мешуд. Падару модар бошанд ба ӯ менигаристанду ҳарфҳои гуфтаи ӯро дарк карда наметавонистанд.

## Худо ҳофиз

Ду сол пештар ҳам се рӯз пайдарпай чунин боронҳои сахт дар ин деҳа меборид. Ҷуйборҳо сарозери об шуда, ҷорӣ мешуданд. Об бо як бераҳмие ба сӯи нишебиҳои деҳа ҷорӣ мешуду вазъияти аҳолии деҳро дар хатар мемонд. Кормандони ҳукумат аҳолии дар маҳаллаҳои поёнбудаи деҳаро як ҳафта пештар аз хатари омадани селу тӯфон хабардор карда буданд. Аз сабаби ғафлатзадагиву бе эҳтиётии мардуми деҳа барояшон чунин мушкилоту монеаҳо рӯз то рӯз бештар шудан мегирифт. Ҳамин тариқ, аҳолии деҳа сомону таҷҳизоти худро гирифта ба маҳаллаҳои болотар пиёдаву савора баромада мерафтанд. Баъзе мардум барои тасаллияту таъзия ба назди хешу табори худ меомаданд. Он нафарҳое ки бесоҳибу бе кас буданд ба хонаву маконҳои марди сарватманди деҳа Миё Соҳиб маскан мегирифтанд. Ҳамин тавр, бо ташкили чораҳои фаврӣ ба ҷони касе нуқсоне то ба ҳол нарасида буд. Хӯшбахтии мардуми деҳ аз он буд, ки селобҳо то ҳанӯз ин қадар сахту шиддатнок ҷорӣ намешуданд. Аз обҳои шӯрида бошад хело кам ба маконҳову зироатҳои онҳо нуқсон мерасид.

Вале селобу тӯфоне ки ду сол пеш омада, як қиёмате барпо карда буд. Бо вуҷуди он ки борон ба ҷои се рӯз ду рӯз идома кард, лекин обҳои ҷорӣ шуда ба канору атрофҳо равон шуда, ҷорӣ мешуданд.

Ин маротиба ҳам кормандони ҳукумат мардумро аз хатарҳои тӯфон огоҳ карда буданд, аммо мардуми деҳ аз таҷрибаи солҳои пешин нахостанд, ки хонаҳои худро тарк намоянд. Онҳо ба ин фикр буданд, ки селобҳо ба мисли солҳои пешин аз он сатҳ болотар ҷорӣ намешаванду ба онҳо хатаре нахоҳад расид.

Рӯзи дуввум ду соат ба намози шом боқӣ монда буд, ки селоб тавре ҷорӣ шуд, ки гуё қиёмати хурде барпо шуда бошад. Аммо барои он шахсонеки саворахо доштанд, ҳараҷу мушкиле набуд. Зеро онҳо васоили худро ҳамроҳ гирифта ба ҷойҳои амну бехатартар мерафтанд. Вале онҳое ки савора надоштанд, бо сахтиву душвориҳои зиёд худ ва сомонҳои заруриашонро

гирифта, ҷону молашонро наҷот медоданд. Мусибати бештар барои онҳое буд, ки чунин балову хатарҳо ба таври ногаҳонӣ барояшон мерасид. Фурсату вақтро барои баровардани васоилу сомонҳои худ аз хонаҳо кам пайдо мекарданд. Дар миёни онҳо Сокинбаи бечора ҳам дида мешуд, ки оилаашон аз се нафар иборат буд.

Марде низ миёни аҳли деҳ буд, ки бо шӯғли кишоварзӣ хароҷоти хонаводаашро пеш мебурд. Як зани лоғару оқила дошт, ки аз вай солиму қавитар буд. Дар чунин лаҳзаҳои душвору сангин дар як дасташ либосҳояшро ва бо дасти дигараш бачаи ширхӯрашро мебардошт.

Дар болои сари шавҳар бошад як сандуқи чубине буд, ки дар дарунаш молу матоъҳое буданд, ки онҳо бо меҳнати ҳалоли худ солёни зиёд ин ҳамаро ба даст оварданд. Онҳо замоне аз хона баромаданд, ки селобҳо ҳамаҷоро муҳосира карда, тез шудан мегирифтанд.

Дар чунин лаҳзаҳои тақдирсози ҳаёт шавҳар аз сари худ сандуқро гирифта ба замин мегӯзорад. Занаш бошад бо як итминону оромӣ ба фарзандаш шир медод. Вале онҳоро як мушкили дигар бештар ранҷу азият медод. Дар фикри он буданд, ки бо хайру офият ҳоло аз хона баромаданд, аммо барояшон ҳоло ба куҷо рафтан номаълум буд.

Занаш мехост, ки ба назди падару модари ӯ раванд. Зеро деҳаи онҳо дар баландӣ ҷойгир мебошаду ба онҷо селобҳо кам мерасанд. Аммо шавҳар бошад мехост, ки ба ҳавлии Миё Соҳиб рафта, иқомат кунанд. Зеро дар гӯзашта ҳамин тавр карда буданд. Ҳавлии Миё Соҳиб хело макони амн буда, дар онҷо ғизо ва барои кӯдак шир ҳам дарёфт кардан васоилу шароит фароҳам буд.

Аммо занаш талаб мекард, ки ба хонаи падару модари вай бояд рафт. Дар ҳалли ин моҷаро вақти зиёди онҳо хело сарф мешуд. Зеро ин муаммо хело нозуку файсалакунанда барояшон буд. Шавҳар ночор пешниҳоди занашро пазируфт. Ва ҳамин тариқ тасмим гирифта шуд то ба хонаи хусуру хӯшдоман раванд.

Шабро торикӣ фаро мегирифт. Зани оқилу зиракии ӯ дар сандуқ фонусу гигирд ҳам гирифта буд. Ӯ сандуқро боз карда фонӯсро берун овард. Бо хело душворӣ гугирд заду фонӯсро равшан намуд.

Ҳамин тариқ, мушкили бебарқиашон ҳал шуду тасмим гирифтанд, ки ба хонаи падару модари зан рафта зиндагӣ хоҳанд кард. Аммо як мушкили дигар барояшон пайдо шуд, ки роҳи хонаро дар чунин шаби торику пур аз даҳшат пайдо намекарданд. Шавҳари зан тамоми умрашро дар ин деҳа гӯзаронида буду тамоми атрофу канори онро хуб медонист. Аммо дар ин вақти шаб пайдо кардани хона барояш душвор буду намедонист, ки хона дар самти шарқ ё ғарб қарор дорад.

Сипас баъди каме баҳсу муноқиша онҳо тасмим гирифтанд то ба тарафи ғарб равона шаванд. Роҳи интихобкардаашон дуруст буд. Дар масофаи хело дур шар-шари об шунида мешуд. Чанд қадам рафтанду чизи сарде ба соқи пойҳои зан бархӯрд кард. Зан нохост дар ҷояш истода ба шавҳар изҳор кард, ки дар зери пояш об аст. Вале об онқадр зиёд набуд, ки сабаби ташвиши онҳо бошад. Ҳамин тариқ, шавҳар ӯро маҷбур кард, ки тез-тез қадам монаду ҳаракат кунад.

Дар аввал об фақат то соқҳои пои онҳо мерасид. Сипас он зиёд шуду то зонуҳояшон расид. Дар чунин вазъият шавҳар бо як дасташ сандуқи дар сараш бударо меқапиду бо дасти дигариаш фонӯсро баландтар бардоша роҳро равшан мекард. Равшании хираи фонӯс барои шавҳари зан манзараеро нишон медод, ки гуё дар зери абрҳои сиёҳи осмон барқе медурахшида бошад.

Зани бечора чеҳраи кӯдакашро бо бастаи нигоҳдоштааш ба бағал мекашаду аз рухсораи ӯ мебӯсад. Вале чунин меҳру муҳаббати зан дар ин лаҳзаҳои душвор барои шавҳар писанд намеомад. Ҳамин тавр, шаваҳар фонӯсро ба занаш доду кӯдакро бардошта ба бағал гирифт. Об аз зонуи онҳо мегузашт ва зан бор-бор фонӯсро боло мебардошту мехост бубинад, ки об то куҷо равон аст. Аз ин кораш шавҳар норохату нороз мешуду ӯро сарзаниш карда дашном медод. Аммо занаш бошад ба ӯ чизе намегуфту хомӯш меистод. Ҳамин лаҳза занаш нохост бастаи дар бағал будаашро кушоду ба

замин зад. Бо ин рафтори худ гӯё ишора мекард, ки шавҳараш бидуни ӯ рафтан гирад.

Абрҳои тира ҳамаро фаро гирифта буданду садои хашину сахти раъду барқ ба гӯш мерасид. Аз ин садоҳои даҳшатноку ваҳшатнок кӯдак сахт тарсида худашро ба бағали падараш сахтар мечаспонду мегирист. Аммо садои гиряи ӯ шунида намешуд. Вале модар эҳсос мекард, ки ҷигарбандаш гиря дорад. Ҳамин тариқ, модар дастонашро боло бурд, то кӯдакро ба оғӯши худ гирад. Бача бо дидани чеҳраи модари меҳрубони худ фавран ба оғӯши вай омад. Шавҳар аз дасти зан фонӯсро гирифту бо равшании он мехост бастаро пайдо кунад. Дар ин лаҳзаҳои хело душвору аламовар фонӯс қариб буд, ки аз дасташ бияфтад, аммо чусту чолокӣ карду зуд онро нигоҳ дошт.

Об то зонуҳои онҳо мерасид. Шавҳар аз занаш ба хотири Худо доимо хоҳиш кард, ки зудтар ҳаракат кунад, то ба макони амнтар бирасанд. Дар ин вақти шаби торику боронӣ бастаашонро гум карда, надонистанд ки ба куҷо ғайб зада бошад. Аз торикӣ ва ваҳшати шаб барояшон ба пеш қадам задан хело душвору мушкилтар шудан мегирифт. Шавҳар бо вуҷуди бори сангин пешопеши занаш қадам зада мерафт. Вале ӯ намедонист, ки чӣ тавр ба занашро фаҳмонад, ки тезтар ҳаракат кунад. Зеро ӯ дар фосилаи 2.5 метр аз занаш пештар буд. Дар чунин вазъият нохост пойҳои шавҳар ба чизе сахт бархурданду фавран ба ёдаш омад, ки ҳоло ӯ ба назди теппае назди замини Миё расидааст. Бо дарёфти он ӯ боварӣ пайдо кард, ки акнун ҷонашон аз хатар наҷот ёфт. Бо як хурсандиву хушнудӣ зӯд бо овози баланд ба тарафи занаш садо кард, “теппа”...

Вале занаш бошад ҷавобе намедод. Зеро садову овози ӯ ба гӯши вай намерасид. Ҳамин тавр, ноилоҷ шавҳар дар ҷои худ истода, омадани занашро интизорӣ мекард. Занаш ҳам ба онҷо омада расид. Теппа онқадар баланд набуд, аммо шавҳар боварӣ дошт, ки об ба болои он наход расид.

Дар ин зимн, шавҳар фонӯсро ба дасти занаш доду барои каме истироҳат сандукро аз сараш гирифта, ба замин монд. Бозуҳои дастонашро боз намуд, ки гӯё ду каноре ба ҷисми ӯ пайваст шуда бошанд. Бо сад ранҷу азобу

душворӣ онҳо ба теппа расиданд. Барои зан аз роҳгардии зиёд нафаскашӣ душвор буд. Ӯ фавран фонӯсро ба замин гӯзошту каме истироҳат кард.

Дар осмон абрҳои сиёҳ сайр карда, ҳамчун порае аз шаб давр мезаданд. Шавҳар дасти занаш гирифту ӯро болои сандуқ шинонд. Ӯ баъд аз қадамзаниҳои тӯлонӣ, чангу мунокишаҳо боз дубора ӯро ба рӯи дасташ нигоҳ медошту муҳаббати худро изҳор мекард. Зан бошад дасти шавҳарашро мехост берун кашад, вале аз ин кор худдорӣ кард, то ӯ наранҷад.

Ҳар ду хомӯш буданду кӯдак сахт мегиристу меларзид. Бадани ӯ хело сард шуда буд. Ҳамин тариқ, модари меҳрубон тифлашро ба оғӯш гирифту гирёну нолон ба ӯ ишора карда гуфт:

-Гиря накун ҷонакам!

Модар ӯро чунин тасалло медод ва мехост, то ӯ хомӯш шавад. Ҳамин тариқ, модар ҷигарбанди ларзони худро дар оғӯш мегирифту ашконаш бошад ҷорӣ шуда баданашро фаро мегирифтанд. Дар чунин лаҳзаҳои хело душвор шавҳар дасташро аз зери мӯйҳои занаш озод карду изҳор кард:

-Тифламон хомӯш намеистад. Лутфан ӯро ба ман деҳ!

Шавҳар кӯдакро аз оғӯши зан гирифта ба бағалаш гӯзошт. Абрҳо сайр карда мегузаштанд. Шар-шари обҳо баробари он ҷорӣ мешуданд. Обҳо гирду атроф ба теппаҳо бархӯрда ҷорӣ шудан мегирифтанд, ки нохост шавҳар садояшро баланд карда гуфт:

- Тоҷу!

-Лаббай, ҷавоб дод занаш.

Шавҳар мехост ба занаш чизе бигӯяд, аммо ба забонаш алфози муносиб намеомад.

“Лаббай”, гуфта ҷавоб медод зан.

Занаш бошад “лаббай” гӯён аз ӯ хоҳиш мекард то ҳарфашро барояш бигӯяд.

Мард ноилоҷ ба ӯ гуфт:

-Тоҷу, медонӣ Мулбиҷӣ (олимони дин) қиссаи ҳазрати Мусоро чӣ тавр хуб баён карда шарҳ медиҳанд!

Бо чунин ишора шавҳар интизор буд, ки занаш давоми қиссаро худаш нақл хоҳад кард.

“Аз рӯи нақли донишмандон Ҳазрати Мусоро модараш ба сандуқ гӯзошта ба дарё меандозад. Ин сандуқ ба назди подшоҳ мерасад. Мусо дар онҷо шир менӯшаду бузург мешавад”, баён мекунад шавҳар ба занаш.

Дар ҳамин вақт зан аз шавҳар мепурсад, ки “ҳазрати Мусо чанд сола буд”?

Шавҳар ба ӯ нигоҳ карда иброз мекунад, ки “ҳазрати Мусо  ба мисли фарзанди мо тифли ширхӯра буд”.

Об ҷорӣ шуда ба ҳамаи гӯшаву канорҳо расидан мегирифт ва дар ин лаҳза шавҳар ба тарафи зани худ ишора карда гуфт:

-Тоҷу ин тавр бошад мо ҳам фарзандамонро ба сандуқ гӯзорем, то  вай ҳам ба назди подшоҳ  расад.

Бо шунидани он зан каме  хомӯш монду сипас садои баланд карду фарёд зад.

Шавҳар ӯро таскину медоду изҳор карда мегуфт:

“Хайр бас аст Тоҷу ин корат  хуб нест. Биё мо ҳам ба монанди модари Ҳазрати Мусо  фарзадамонро ба дарё меандозем”, таъкид мекард ӯ ба занаш.

Бо ҳамин шавҳар сандукро боз карду либосҳоро аз дарунаш берун баровард. Бастаи зару зеваротро кашида гирифт. Зан фонӯсро гирифта ба назди вай омад. Ӯ зару зеваротро гирифта дубора ба сандуқ монд. Аммо дар ин кораш  шавҳар  вокунише нишон надод. Ними сандуқ холӣ шуд. Шавҳар интизор буд, ки занаш кӯдакро гирифта худаш ба сандуқ мемонад. Вале дид, ки занаш  ногаҳон сахт ба гиря оғоз кард. Яку якбора борон сахтар ба боридан сар карду онҳо бехабар монданд, ки об то ба пойҳои онҳо кайҳо расидааст.

Ҳамин тавр, шавҳар  хост бо зӯри кӯдакро аз оғӯши модар гирифта ба сандуқ монад. Вале занаш доду фарёд заду тифлро кашида гирифт.

Шавҳраш боз ӯро тасаллӣ дода  гуфт:

-Тоҷу чӣ кор карда истодаӣ. Вақт хело кам боқӣ мондааст.

Сипас зан каме орому шуду аз шавҳари худ пурсид:

-Оё Ҳазрати Мусоро модараш ба сандуқ гӯзошта буд ?

Шавҳар ба ӯ нигасту фавран ҷавоб дод, "Бале".

Ҳамин тариқ, зан худаш кӯдакро ба оғӯш гирифта ба назди сандуқ рафту аз пешонӣ ва чашмону даҳонаш бӯсидан гирифт.

Шавҳар ба ӯ нигариста садо карда мегуфт, "Тоҷу бас аст дигар".

Бо ҳамин меҳру шафқати модарона зан ночор чашми худро баста тифли навзодашро дар сандуқ ба тарзе ки дар хона ӯро аз бағал мегирифту ба болои кат мемонд, гузошт.

Ҳар ду зану шавҳар "Оллоҳ ҳофиз" гуфта бо дастонашон сандӯқро бардошта, ба дарӯни об андохтанд. Ором-ором сандуқ ба сӯи пеш рафтан мегирифт. Ҳамин тариқ, шавҳараш фонӯсро балантар бардошту ҳар ду дар торикӣ як нуқтаи сиёҳи равонро дида, ба вай менигаристанд.

# Борони шаби торик

Шаби торику ҳавои тундбоди фасли тирамоҳ буд. Ҳанӯз ақрабаки соат нӯҳ нашуда буд. Аммо аз сабаби зичии абрҳо осмонро торикӣ фаро гирифта буд, ки гуё шаб аз нисф гузашта бошад. Дар ҳамин вақт Шайх Навид Олам аз тирезаи утоқи хобаш рост истода, чанд дақиқа ба абрҳо нигарист.

Абрҳо аз вақти шом буд, ки то ҳанӯз сайр мекарданд. Бо омадани онҳо Парвардигор аз борон хабар медод. Вале вақт мегузашту аз абрпораҳо ягон қатра об ба замин намерехт.

-Чаро ин абрҳо борон намерезанд?-чунин савол борҳо дар зеҳни Шайх соҳиб чарх мезад. Вале ҳар боре садои қатраи резиши борон хотирашро парешон мекард ва ба абрҳо менигарист. Нохост як садое ба гӯшаш расиду дубора, боз нигоҳ кард. Фарзанди ягонаи вай Симон пиёлаи чойро дар миз гузашта, мегуфт:

-Падарҷон!

Падараш ба наздаш омаду пурсид:

-Писарам! Ин барои чӣ лозим. Оромона хоб кун.

Ин лаҳза Симонро ханда фаро гирифт. Аҷиб он буд, ки ӯ ба ҳар сӯхан механдид, аммо падараш Шайх соҳиб аз он эҳсоси парешонӣ мекард. Зоҳиран халосӣ аз ин кор барои писараш Симон номумкин менамуд ва падараш бо худ мегуфт:

-Ҳатман писарам Симон ботинан ба шикастагие рӯ ба рӯ ҳаст. Хандааш ба болои он пардаеро мемонан, ки барояш як кӯшиши нокоме хоҳад буд.

Падари Симон чунин фикр мекарду худашро дар назди писараш ҳамчун як муҷрим медонисту аз пешониаш арақ ҷорӣ мешуд.

Аммо ӯ борҳо худро тасалло дода бо худ мегуфт:

-Не ман муҷрим нестам. Ту муҷрим ҳастӣ.Ҷурми ту ин аст, ки ба фарзандат хиёнат кардӣ. Бубин рухсораҳояш тағйир ёфта, атрофи чашмонашро ҳалқаи сиёҳ фаро гирифтааст.

Шайх соҳиб бо худаш чунин муколама мекарду дар он шаби сарди фасли хазонӣ, бемеҳру парешонхотир ба сару пои писараш назар менамуд ва дар як кашмакаше гирифтор буд.

-Ҳаво сард ҳаст, падарҷон!,-пурсид писар аз падар.

Симон болои падар камбал гузошту гуфт:

-Чойи гарм нӯшида истироҳат карда, лутфан тирезаро банд кунед.

Шайх соҳиб тирезаро баста, ба назди миз омаду гуфт:

-Хуб шудааст Симон, ҳамин тавр мекунам.

-Падарҷон шумо хело меҳрубон ҳастед, гуфта оҳиста-оҳиста қадам монда аз дарвоза баромад.

Шайх соҳиб дар курсӣ менишасту аз пиёлаи чояш бухор ҷорӣ мешуд.

-Чӣ қадр писарам хуб аст! Ҳар шаб чойи гарм оварда, таъкид ба истироҳат мекунад. Ба падараш бендоза меҳр дорад. Хидматгӯзор низ буда, дар вақти 11 рӯз дар бемористон будани падар боз меҳраш бештар гардид.

Ӯ чойро ба ҳалқаш фурӯ бурда, “эй кош” мегуфт.

Сипас пиёлаи чойяшро ба миз монду изҳор карда мегуфт, “ман ба фарзанди худ беинсофӣ кардам”.

Бори дигар дар зеҳнаш боз ҳамон кашмакашҳо чарх мезаданд, ки онҳо барояш таҷрибаи нав набуданд.

Шамоли сахт мевазиду ба тиреза бармехӯрд. Симон аз ҷояш бархоста, ҳар ду дарро банд кард, то ба падараш сардӣ нарасад. Падар бехотир аз курсӣ хеста ба тарафи тиреза қадам мезад, ки ногаҳон писараш ба ӯ иброз карда гуфт:

-Не падарҷон!

-Ту ҳастӣ писарам, падар ӯро дида ишора кард.

-Ман барои пиёла омадам падарҷон, -ҷавоб дода хандид писараш.

Ин вақт Шайх соҳиб ҳолаш каме иваз шуду ҳар ду дастонашро ларза фаро гирифт.

-Падарҷон! Ҳаво сард шудааст. Шумо бемор мешавед. Лутфан истироҳат кунед!

“Писарам чӣ қадар меҳрубон шудааст”, бо худ мегуфт падараш.
Симон пиёларо бардошта садо кард:
-Эй падарҷон! Шумо ин чойро нанӯшед! Зеро он сард шудааст.
Писараш пиёларо гирифту ба сӯи дарвоза рафта гуфт:
-Ман онро ҳатман гарм карда меорам.
Симон вазъро санҷида, “замони мактабӣ, вақтҳои холӣ барои бачаҳои нодору камбағал либосҳои гарм бофтан, мутолиа, худро ба кор машғӯл сохтан” дар зеҳнаш меомад, аммо намедонист, ки дар ботинаш чист ва кӣ онро дарк мекунад.
“Эй Худо! Падарҷон шумо боз дар назди тиреза истодаед ку”, ӯро дида хитоб кард Симон.
Аммо Шайх соҳиб намедонист, ки ӯ чаро дар назди тирезаи боз, истода бошад. Падар инро диду ӯ ба писараш гуфт:
-Ҳеҷ гапе не писарам. Аз ин кор лутфам меояд.
-Кадом “лутф” падарҷон! Ҳаво сард аст.
Падар ба гапаш идома дода гуфт:
-Ҳеҷ гапе не. Дар фикраш набош писарам! Ин камбал барои кадом навъ беморӣ даво мебахшида бошад писарам.
Симон пиёла чойи гармро гирифта, рост истода гуфт:
-Падарҷон шумо хело аҷиб ҳастед!
-Воқеан!
Қаҳ-қаҳи писараш вайро дубора ба ҳайрат меовард. Пиёларо аз ҳалқаш дур бурда гуфт:
-Ҳоло ту рафта хоб кун, писарам Симон! Худо ҳофиз.Шаб ба хайр.
Сипас писараш Симон рафт. Шайх соҳиб бошад чор бор чой нӯшиду нигоҳаш ба абрҳо афтод. Ӯ дигар натавонист чой бинӯшад. Зеро дар ботинаш гирифтеро эҳсос мекард. Гирифтагие, ки гӯё чизе ӯро пахш карда бошад.
Чанд дақиқа дар назди тиреза рост истод. Вазидани шамол пешониашро ламс мекарду ботинашро ларзиши сард фаро мегирифт.
-Падарҷон!- садо кард Симон.

Нохост яку якбора дар зеҳни худ як ҳолати хўширо эҳсос кард. Симон ангуштони худро болои пешонии падараш гўзошт.

-Оҳ, падарҷон! Чаро шумо нороҳат ҳастед!-садо баровард Симон.

-Чӣ шуд писарам!- пурсид падар.

-Худо накунад дар баднатон ҳарорат дошта бошед! Лутфан рафта истироҳат кунед.

Симон аз дасти падар пиёларо гирифта ўро ба ҷойи хоб оварду гуфт:

-Ба хотири Худо истироҳат намоед!

Симон падарашро дар ҷогаҳи хоб гўзошту дар болояш кампал пўшонда иброз кард:

-Лутфан дигар тамоман аз ҷоятон нахезед!

Симон зуд ба назди тиреза омада онро баст. Шайх соҳиб бошад шикамашро ба самти девор мегўзошт.

“Баркро хомўш кунам”- гуфта Симон ба тарафи тугмачаи он равон шуд.

-Симон писарам!

-Бале падарҷон.

-Ба назди ман биё!

Симон чароғи ҳар ду хонаро хомўш карду лампаи рўи мизиро рашван намуд.

“Бишин”,- гуфт падар.

Симон дар назди курсӣ нишаст. Як дақиқа Шайх соҳиб хомўш истоду фикр мекард, ки он чизеро ки мехоҳад бигўяд оғозаш чӣ тавр бояд бошад. Симон сарашро хам карда менишаст.

-Симон писарам!

-Бале падарҷон.

-Ман бароят он чизеро мегуям, ки то ба имрўз онро аз ту пинҳон медоштам. Бубин писарам! Боре ба сабаби бемории дил бистарӣ шуда будам. Ин беморӣ борҳо маро ташвиш медод.

Симонро ноормӣ фаро гирифту гуфт:

-Падарҷон! Ин тавр нагўед. Ҳамеша саломат бошеду болои сари писар сарпаноҳ монед!

-Кӣ медонад то ба кай. Гӯш кун, ману модари марҳумат барои тӯйи арӯсии ту заҳмат кашида як-як пулро ҷамъоварӣ мекардем. Ҳамин тариқ, дар пайи пайдо кардани арӯси ту будем, ки ногаҳон ин маблағҳо дуздӣ шуданд.

Шайх соҳиб гапашро ба сӯи девори рӯ ба рӯ нигоҳ карда мегуфт. Аммо Симон бошад сарашро тамоман намеҷунбонид.

Шайх соҳиб боварӣ дошт, ки писараш инро шунида ором мешавад, аммо вай бошад ба як паҳлу мегашту боз ба мисли пештара боқӣ мемонд.

Шайх аз бепарвоии писараш дар ҳайрат буд. Ҳамин тавр, вай ҳарфашро идома доду ба писараш гуфт:

-Маблағро дузд нагирифтаааст, балки ман онҳоро ба як дӯсте, ки аз даврони ҷавониам вайро мешиносам, таслим кардам. Номи ӯ Раҳмат Алӣ мебошад. Ва ту ӯро мешиносӣ!

Симон сарашро ҷунбонида гуфт:

-Бале падарҷон!

Рӯзе бегоҳӣ ӯ ба назди ман омада гуфт:

-Навид ҳоло замони зиндагӣ ва марги ман фаро расидааст. Баъд аз як ҳафта шаби арӯсии духтарам мебошад. Хело талош кардам, аммо пул пайдо накардам. Ту метавонӣ хонаводаи маро аз табоҳӣ наҷот дода, эҳтирому иззати маро ҳифз намоӣ. Фарзанди маро аз душворӣ раҳо бахш. Лутфан ба ман кӯмак расон. Худованд шоҳиди мову ту мебошад ва ман ба ту ваъда медиҳам, ки маблағро боз мегардонам.

Шайх соҳиб хомӯш меистод. Садои сахти вазиши шамол тирезаро мезаду ӯ идома дода гуфт:

-Ман ҳамаи пулҳоро ба вай додам. То ба имрӯз воқеаро ба касе нагуфтам. Фақат ба ҳама иброз мекардам, ки “пулҳо дуздӣ шуданд”. Ҳамин тавр, духтари Раҳмат Алӣ тӯи арӯсӣ баргузор карду баъди понздаҳ рӯз ҳамроҳи шавҳараш ба Австралия рафт. Ин ҳолат маро ғамгин намуд. Аз ҳамин ҳодиса дар зиндагӣ бештар дарду ранҷ мекашам, писарам!

Симон хомӯш меистоду ба падараш нигоҳ мекард.

“Ман кори хуб накардам. Бо ту беинсофӣ намудам. Ман инро эҳсос мекунам ва имрӯзҳо он бештар шудаасту ман худамро муҷрим меҳисобам”, такрор ба такрор мегуфт падар ба писараш.

-Не падарҷон ин тавр нест, гуфта писараш Симон  аз ҷояш бармехосту боз дубора менишаст.

Падар бошад ин ҳаракати  ӯро медид. Ҳамин тавр, писараш нохост аз дар баромада рафт.

“Чаро ӯ рафт. Чаро ба ман чизе нагуфта баромад. Маро дар ин ҳол танҳо монда рафт. Набудани вай бароям сангин хоҳад буд. Вай ҳаргиз аз падараш чунин таваққуъ надошт”, -мегуфт худ ба худ падараш.

Дар ин вақт камбал аз болои бозӯҳояш боз шуда поён афтод. Як изтиробу парешонӣ вайро фаро мегираду нишастан барояш мушкилтар мегардад. Камбалро гирифта ба зер гӯзошту зӯд ба назди тиреза рафта, онро боз кард.

Абрҳои сиёҳ давр мезаданд. Чеҳраашро боди сард мезаду дар ҷояш рост меистод. Аз ин ҳолат чанд дақиқа гӯзашт.

Сипас эҳсос кард, ки касе аз бозӯи вай сахт мекашад. Ӯ писараш Симон буд, ки аз бозӯяш мегирифту ба тарафи рахти хобаш мекашид. Аммо вай бошад бо хомӯшӣ дар ҷояш менишаст.

-Падарҷон!

-Бале Симон писарам.

-Падарҷонам! Як рӯзе домоди амаки Раҳмат Алӣ ба хона омада буд.

Ӯ ҳамаи маблағро бозгардонида ба ман гуфт:

“Раҳмат Алӣ вафот кард. Ӯ васият карда буд, ки ин маблағ ба Шайх Навид Олам расонида шавад”.

Симон ба гапаш идома дода гуфт:

-Пул дарёфт шуд. Вале он рӯзҳо шумо ҳамроҳи роҳбари корхона дар сафар будед падар!

Симон чеҳраашро ба сӯи тиреза гардонид. Абрҳо фаровон буданду борон тез-тез меборид.

-Падарҷон рӯзе Ҳафиз ба назди ман омад. Ӯ маблағро дида, аз ман хост, ки барояш онро хайр кунам. Зеро вай дар Амрико коре пайдо кардааст. Аммо пул пайдо накардааст, то ба онҷо равад. Ноилоҷ ман барояш ҳамаи маблағро додам, аммо фаромӯш кардам, ки гуноҳи азиме содир кардаам. Ин як ҷурми нобахшиданист. Ман падари меҳрубони худро нороҳат сохтам. Ман ин корро фаромӯш кардам падарҷон. Воқеан ман фаромӯш кардам. Ман дар назди шумо гунаҳкор ҳастам.- изҳор кард Симон ба падараш.

Симон бошад дастонашро дар чашмонаш мегузошту баданаш меларзид.

-Падар Ҳафиз меҳру муҳаббати худро барои ман восита қарор медод. Ба ростӣ қасам мехӯрд, аммо дар ҳақиқат дурӯғ мегуфту маро ғамгин месохт,- мегуфт Симон.

Шайх соҳиб аз ҷояш бархосту писарашро ба оғӯш гирифта гуфт:

-Симон писарам!

-Падарҷон ман дар назди шумо гунаҳкор ҳастам!

-Симон писарам! На ман муҷрим ҳастам, на балки  ту. Аммо он кореро ки мову ту кардем аз нек андешиву некхоҳии  мост. Гиря набояд кард писарам! Ашкҳоятро пок намову  бишин,- изҳор кард падар.

Шайх соҳиб ӯро ба курсӣ шинонд. Аммо ӯ бошад ҳиқ-ҳиқ сахт мегиристу меларзид.

“Ин гуна ҳодисаҳо маротиба аввал набуда, дар дунё чунин корҳо хело зиёд рух медиҳанд писарам”,- гуфта насиҳат мекард падар ба Симон.

Дар ниҳоят Шайх соҳиб дасташро ба сари писараш гузошта гуфт:

“Ман ба хотири писарам зинда ҳастаму писарам ба.....”.

Дар ин ҳарфҳои падар Симон чизе намегуфт. Аммо ашконаш ҷорӣ мешуданду бо чашмонаш ба сӯи падараш менигарист. Ҳамин лаҳзаҳо борон ба боридан оғоз карду шамоли сахт вазид.

# Саг

Аз маросими арӯсии онҳо панҷ моҳ гузаштааст, аммо рафоқату муҳаббати миёни онҳо тавре эҳсос мешавад, ки гӯё чанд рӯз пештар шарики ҳаёт гаштаанд. Ҳамагон онҳоро ҳамчун аз яке оилаҳои намунавӣ тасаввур мекарданд. Дар кучое ки оиди дӯстиву муҳаббати зану мард сӯхан мерафт номи Салим ва Шозия ҳатман ҳамчун намуна зикр мегардид.

Дар ин панҷ моҳ на Салим аз Шозия гила мекарду на ӯ аз вай шикоят мекард. Ҳаёти арӯсии онҳо шабу рӯз бениҳоят дар як муҳити хӯшгувор мегузашт. Рӯзе яку якбора воқеае шуд, ки ҳар ду аз як дигар шикоят мекарданд.

Он рӯзҳо Салим ба сабаби сардор шуданаш дар идора ба хона соатҳои 10 ё 11-и шаб меомад. Шозия аз машғӯлиятҳои вай хело хуб огоҳ буд.Вай ба корҳои хона банд мешуд ва соати 9 хобаш меомад. Вале то омадани шавҳараш на чойи гарм менӯшиду на истироҳат мекард. Ҳамин тавр, то омадани вай худашро ба коре машғӯл месохт. Одатан китоб мутолиа мекард.

Он шаб келин ба мутолиа машғӯл нашуду беқарорӣ мекард. Бор-бор аз модар мепурсид:

-Модарҷон то ба ҳол наомадааст?

Модар ҳар бор ба ӯ чунин ҷавоб медод:

-Бибӣ ҳоло наомадааст.

Вай дубор бо идораи кории шавҳараш тамос гирифта, сабаби дер карданашро аз котиба мепурсид:

Шозия: -Чаро аз кор ҳанӯз ба хона наомадааст?

Котиба: -Як ҷаласаи муҳим рафта истодааст.

Шозия:-Кай тамом мешавад?

Котиба:-Ҳеч чизе гӯфта наметавонам.

Соат даҳ дақиқа кам ёздаҳ буд, ки садои занг шуду аз омадани Салим мужда дод. Шозия дарро барояш боз кард.

Вай медонист, ки хидматгори хона хеста дарвозаро боз мекунад.Бо вуҷуди ин аз бистар хесту берун баромад. Одатан барояш ба онҷо рафтан

лозим набуд. Зеро худи Салим ҳамавақт бо чеҳраи хандон ба наздаш меомад. Ҳамин тариқ, шавҳар вориди хона шуда, чунин гӯфт:

-Бисёр бахшиш.Телефонат омад, вале бо сабаби омодагӣ ба буҷет ҷаласаро тарк карда омадан муносиб набуд, -изҳор кард Салим.

-Медонам,-гуфт занаш.

Шозия модарро гӯсел намуду худаш зуд-зуд чой омода мекард. Салим беқарории занашро эҳсос мекард. Ду қулт чой нӯшиду гуфт:

-Шозия! Имрӯзҳо чӣ хабар аст?

-Як гап аст, бо шӯхӣ ҷавоб дод занаш.

-Чӣ гап ҳаст, ба ман ҳам бигӯ,-гуфт шавҳараш.

-Чой бинӯш, -изҳор кард занаш.

Салим пиёлаи холиро гузошта ба сӯи занаш саволомез нигоҳ кард.

-Як чиз шуморо ғамгин месозад,-Шозия аз дарвозаи утоқи хоб баромада гӯфт.Салим аз паси вай равон буд.

-Шозия! Оё ягон чизе ҳаст, ки дар хона набошаду дар даҳлез гӯзошта шуда бошад?- пурсид Салим.

-Бале ҳаст, аммо он чизро дар утоқ намемонанд,-посух дод Шозия.

Салим дар олами ҳайрат қарор дошт, вале роҳ мерафт. Шозия дар як ҳиссаи даҳлез, ҳамон ҷое ки аз ниҳоли гулоб дуртар буду шохчаҳо аз шамол мусалсал мавҷ мезаданд, истода ба вай гӯфт:

-Бубин онро,-ишора кард Шозия ба як тараф.

Як сагчаи зоти немисӣ[26] дар зери ниҳоле дар болои аробаи кӯҳнафурӯшӣ менишаст. Дар ин лаҳза Шозия асари чеҳраи хӯшоянди аҷиби шавҳарашро медиду овози баландашро мешунид.

-Ин як чизи залилро кӣ ба инҷо овардааст?-фарёд кард Салим.

Занаш овози хавфнокро шунида, тасаввур намекард, ки шавҳараш бо он нармиву гармие дорад, бо чунин лаҳҷаи сахт, дурушт ва азиятнок сӯхан гӯяд.

Ин лаҳза, занаш “Салим” садо карду дигар чизе нагуфта хомӯш монд.

---

[26] Саги зоти немисӣ (Авчарка) Alcasion kuta

“Инро аз назари ман дафъ кунед. Ман будани онро дар хона бардошт карда наметавонам. Шозия ту чӣ тавр чунин кори номуносибро анҷом додӣ”- гуфта Салиму ба ақиб баргашт.

Ӯ тез-тез қадам мезад ва Шозия бошад ҳайрону парешон меистод. Саг аз болои ароба фаромада,  ба пеши вай омада, дар назди пойҳояш дароз кашида, меистод. Аммо занаш бошад, тез-тез норозонаву нороҳат  қадам задани Салимро медид.

Чанд лаҳзае ки ин ҳодиса рух медод, барои  Шозия чун як хоби даҳшатноке ба назар менамуд. Ба мисли  шахсе, ки тавони фикр карданро аз даст медиҳаду нафаскашӣ барояш душвор мегардад.

Ҳамин тариқ, ӯ чанд дақиқа дар онҷо меистоду сагча дар  атрофи пойҳои ӯ гашту гузор мекард. Модар овози сару садои Салимро мешунид. Аммо чунин  ғалоғула дар фазои хонаи онҳо то ба ҳол рух надода буд. Модар роҳ гашта, ба назди даҳлези хона расиду дид, ки Шозия бе ҳиссу ҳаракат шахшуда меистод.

“Бибӣ”!-садо кард ӯ.

Шозия ба ӯ нигариста ба саг ишора карда, ба роҳаш идома дод. Саг низ аз пасаш ба роҳ даромад.

“Онро аз ман дур кунед! Чаро истода тамошо мекунед”?, садо кард модар. Шозия боре ҳам чунин тарзи сӯхан кардан мушоҳида накарда буд.

Модар сагро бо занҷир баста то назди ароба  кашол карда  бурд.

Ҳамин тавр, ӯ ба хона даромада Салимро дид, ки сарсону саргардон ин тарафу он тараф қадам мезад. Аз равшании чароғ чеҳрааш сӯрх намӯдор мешуд. Вале вай аз будани Шозия парвое надошту ба қадамзанӣ идома медод.

Мудом сӯханони дурушти шавҳараш Шозияро хело азият  медод ва намехост чизеро шунавад ё бигӯяд. Ҳамин тавр, ӯ оромона ба сӯи утоқи хоб рафта, дароз кашид.

Шозия бо ҳар ду దасташ чеҳраашро мепӯшонд ва шояд мехост ҳодисаи рухдодаро  аз назараш дур нигоҳ дорад, ки ба тозагӣ мушоҳида карда буд.

Ҳанӯз вазъу ҳолатҳои сахту душвор идома доштанд. Вазъият ба монанди шахсе, ки дар регзоре ғарқшудаасту барояш ба сӯи пеш ҳаракат кардан душвор мебошад.

Дар ин асно қадамзании Салим ҳанӯз идома дошт. Ӯ фикр намекард, ки занаш дар нороҳативу ошӯфтагӣ қарор дораду дар зеҳнаш ин савол ба тезӣ борҳо чарх мезад, ки “ба Салим чӣ шуда бошад ва Шозия бо вай чӣ муомила кардааст”. Аммо Шозия хомӯшона нишаста, аз парешонии худ ҳар лаҳза ба ин паҳлӯ ва он паҳлӯ мегашт.

Зану шавҳар ба “ману ту гуиҳо”-и худ гирифтор буданд, ки нохост аз беруни дарвозаи хона як сояе намудор шуда, садо омад:

“Бибиҷӣ”! –бо садои ларзон хитоб кард модар.

“Бас дигар”, -гуфт ӯ.

Бо ҳамон лаҳҷа ва ҳамон овоз аз худ мепурсид, “Ба ӯ чӣ шуда аст. Чаро имрӯз ин қадар ғамгин мебошад”?

Шозия ба савол ҷавобе дода наметавонист. Дастонашро аз рӯяш гирифта, менишаст. Ӯ пас аз ду ё се дақиқа аз он ҷо рафт. Аммо шавҳараш як дақиқа ҳам ба рафтанаш таваҷҷӯҳ намекард.

Ӯ аз канори даҳлези хона рафта-рафта ба назди даре расид, ки ба тарафи утоқи хоб боз мешуд. Аммо дар банд буду бозгаштан барояш номумкин буд. Ноилоҷ ӯ худро нороҳат эҳсос карда, баргашт.

Дар болои сараш аз тарафи дасти рост чароғе равшан буду суффаи хонаро нӯрҳои осмонранг фаро мегирифтанд. Салим дар хона набуд.Ӯ дар болои ҳамон суффа нишаста, китобе мутолиа мекарду вақташро мегӯзаронд.

Вай ба тарафи суффа нигоҳ мекард ва нохост эҳсос кард, ки дастаи он ба тарафи ӯ боз шуда истодааст. Чунин ҳолатро мушоҳида карда, мутаассир шох шуда монд.

Дари утоқи хоб аз чанд фосилае дида мешуд ва вай боаш ба тарафи он ҳайратовар нигоҳ мекард.

Дар намеҷунбид. Шавҳараш бошад аз он парвое ҳам надошт. Аз ҷоришавии ашкҳояш рухсораҳои ӯ тар мешуданд.

“Ин кор ҳам мешудааст ку. Чаро пеш аз вай набаромадам”, -мегуфт бо худ.

Ҳамин тариқ, ӯ бо ҳар ду дастонаш обҳои дидаашро пок карду сарашаро дар боли як тарафи суффа гузошт.

“Чӣ қадр ин як ҳодисаи оддӣ буд. Сагҳо набояд дар хонаҳо бошанд. Ман як саг овардаму чӣ қиёмате барпо шуд”,-иброз мекард вай. Ӯ фикр мекарду даврони ҷавониаш ба хотираш меомад. Дар рӯ ба рӯи саҳни хонаи онҳо як касе бо номи Суҳайли Ҳумайро зиндагӣ мекард. Шозия бештари вақтҳо ба майдончаи дарозу васеи он ҷо рафта сайру гашт мекард. Вай рӯзе дар онҷо як саги зебои “зоти немисӣ”-ро дид. Саг ӯро дида, давида ба наздаш омаду дар назди пойҳояш хомӯшона нишаст.Ӯ бошад вайро гирифта, вафодорӣ мекард.

“Чаро ин бетамизро бардоштӣ”,-мепурсад ӯ. Ҳумайро ин амалро намеписандид, аммо вай бошад онро аз оғӯшаш дур намегузошт.

Шозия одатан бо сагҳо вафодор буд. Ӯ орзу мекард, ки дар хона саг дошта бошад. Аммо Шозия ин орзӯяшро ба падару модари худ изҳор намекард. Зеро волидайнаш чунин амалро намеписандиданд.

Модар пайваста ба вай мегӯфт, ки “дар ҳар хонае ки саг бошад, фариштаи раҳмат намеояд”. Падар бошад, хаёл мекард, ки саг ян ҷонвари нопок аст ва аз он бояд дур буд. Дар чунин мубоҳисаҳои муҳити хонавода Шозия наметавонист дар он ҷо саг гирифта, нигоҳубин кунад.

Аммо баъд аз барпо шудани ҷашни арӯсӣ ӯ ба фазои хонаводаи нав унс гирифту зиндагии хурраму хӯшгувор дошт. Рӯзе аз рӯзҳо Ҳумайро (духтари ҳамсояашон Р.М.) тавассути телефон ба Шозия хабар дод, ки бародараш як саги зоти “немисӣ” овардааст. Аз ин хабар Шозия эҳсоси хурсандӣ намуда, шомгоҳӣ ба назди Ҳумайро рафта, сагро ба хона (хонаи шавҳар Р.М) овард. Ҳамин тавр, Шозия бо саг унс мегирифту бо вай бовафоӣ мекард.

Вале Шозия аз овардани саг ба шавҳараш то ҳанӯз чизе намегуфт, вале мехост ӯро бо як тарзи аҷоибу ҳайратовар аз он хабардор кунад.

Шозия  ба сӯи боло нигоҳ мекарду медид, ки осмон ба монанди шир сафед менамояду дар баъзе ҷойҳои он абрҳои сиёҳ мечарханд. Шамоли тез мевазид ва бо шоххҳои дарахтон бармехӯрду садои шаф-шаф (доду фиғон) шунида мешуд.

Дар ин зимн, Шозия дар бораи руйдоди як шахси муқаррарӣ қиссаеро мутолиа мекард.Вай қиссаро мутолиа карда, худ ба худ мегӯфт, ки “Салим ҳеҷ гоҳе амалу рафторе дар зиндагӣ  накардаст, ки чун шахси ғайри оддӣ собит шавад”. Ӯ ин сӯханро барои итминон додани худаш мегӯфт. Аммо намедонист, ки баъди лаҳзае он аз зеҳнаш дур монад.

Шозия руйдодро баррасӣ мекард. Аз ҷашни арӯсиаш фақат панҷ моҳ гузашта буд. Ва дар ин даврон аз ҳар нигоҳ ӯ як зиндагии хӯшро медид.

Ҳамин тариқ, ӯ хотироти зиндагии худро варақгардонӣ карда дар зеҳн мегӯзаронд. Дар ин зимн, ягон воқеа дар хотираш намеомад, ки хилофи корҳои рӯзмарра бошад. Ҳеҷ ҳодисае дар хотираш намеомад, ки онро ҳамчун гӯвоҳ ё шоҳид аз он кор бибарад. Ҳамин тавр, тибқи маъмул корҳояшро анҷом медод. Хӯрдан, нӯшидан, табассум, муомила ва рафтори хубаш  ба мисли ҳар фарди оддии ҷомеа буданд.

Ӯ дар фикр фуру рафту нохост дар ёдаш омад, ки шабе ӯ бо шунидани овози кадом саге бедор шуду дигар хобаш наомад. Аммо ин хотирот барояш кадом  воқеаи хосе ба назар наменамуд. Ҳамон рӯзҳо корҳои идоравӣ зиёд буданду пайваста  аз идора коғазу делаҳо ворид мешуданд ва ӯ  то дери шаб ба иҷрои онҳо машғӯл мешуд. Аммо ҳамаи ин ҳодисаву ташвишҳо набояд боиси нигаронӣ ва асабонии шудани фард шавад.

Вале баръакс ин руйдод сабаби нороҳатӣ ва муноқиша шуд, ки дар натиҷа Салим бо ҳаяҷон мегӯфт: -“Не, ин воқеаи ғайри оддӣ набуд. Балки он хело даҳшатнок буда, садои  хело тарсноку хавфнок дошт ”.

Ҳамин тариқ, ӯ дар ҳолати ғаму андӯҳ ҳар ду ангуштони дастонашро бо ҳам часпонида, нигоҳ медошт. Шаб каме сард буд. Шамол тез мевазид. Вай дар бадан либоси хоб мепӯшид, ки ӯро аз ҳавои сард маҳфуз намедошт.

Нохост ангӯштонашро аз як дигар озод карду як сояро дид, ки оҳиста-оҳиста ба тарафи ӯ калон шуда, намудор мегашт.

Дафъатан онро дида садо кард:

-Модар бошанд!

Аммо он ҷо модар набуд. Модар агар мебуд, чизе бояд мегуфт. Вале чаро соя хомӯш мебошад? Чаро он ҷо касе нест? Дар назди он касе буд, аммо ҳоло нопадид шудааст”.

Аммо вай кӯшиш намекард, ки чеҳраашро ба тарафи он гардонад. Дар ин вақт садо омад, “Шозия”!

Набояд гӯшҳояш ӯро фиреб диҳанд. Зеро он пайваста чунин овози нарм дошту ҳамеша бо ҳамин овоз садо мекард. Садоеки ба мисли чаҳ-чаҳи аввалини боди субҳи баҳорӣ ба назар мерасид.

Дар баробари он болои ӯ бори сабуке афтод. Ин вақт боз садо баланд шуд, “Шозия”!

Дар чунин лаҳзаҳои ташвишовару пурҳаяҷон ӯ мехост “бале” бигӯяд. Аммо лабонаш ба монанди абрешим баста мешуданду ботинашро як ҳолате фаро мегирифт.

Дар ин вақт садо боз баланд шуд, “Гӯш кун Шозия”.

Вай бошад чеҳраашро гардонида, хомӯшона, ҳайрон ишора кард, “Шозия бихез аз ҷоят, ба ту сардӣ мерасад”!

Аммо Шозия бошад парвое накарда, хомӯш меистод, ки боз садо баромад, “Ман ба ту мегуям, бихезу дохили утоқ даро, вагарна аз сардӣ бемор мешавӣ”.

Дар ин лаҳзаҳо Шозия мехост, “ба шумо чӣ”? бигӯяд, аммо наметавонист.

Салим дасти Шозияро аз болои зонуяш ба дасти худ гирифта боз садо кард:

-Ба ту чӣ шуд. Ба хотири Худо бихез аз ин ҷо!

Аммо Шозия наметавонист ба вай бигӯяд, “Ба ман чиҳо мегуед. Магар фаромӯш кардед, ки бароям чӣ қадар латмаҳо расонидед”.

Аммо ӯ бошад дасташро ба тарафи худ мекашиду садо мекард, “Шозия намешунавӣ. Бихезу ин ҷо биншин. Ман ба ту гуфта истодаам”.

Дар ниҳоят ӯ аз ҷояш бархоста дар ҷои дигар нишаст. Ӯ дасти Шозияро бо дасташ гирифта, ба самти утоқи хоб равон шуд. Аз утоқ каме равшании барқ медурахшиду рӯшаниаш ба нисфи кати хоб мерасид.

Ин вақт Салим садо карда гуфт,“Биншин”. Шозия садоро шунида, нишаст. Вай бошад бо камбал тамоми бадани ӯро пӯшонида, курсиеро кашола карда, дар наздаш нишаст. Дари утоқ боз буду тавассути он боди сард меомад. Салим дари ҳар ду утоқро пӯшида, қулф карда, ба Шозия гӯфт:

-Ман медонам Шозия! Ту аз ман норизо ҳастӣ. Намехоҳӣ бо ман ҳарф занӣ. То ҳол ман хомӯш мондам. Аз забонам ягон лафзе ҳам набаромад.

Каме истода, сӯханашро идома дод:

-Ман инро ҳам медонам, ки дар ин муомила ту барҳақ ҳастӣ.

Ӯ дар торикӣ девори ғарби хонаи сангии рӯ ба рӯяш бударо назар мекард. Салим бошад беист гап зада чунин иброз мекард:

“Ман дар як хонаводаи камбағал ба воя расидаам. Падарам бемори музмин мубтало буд. Ҳар ҳафтае ман 5 рӯз дар хонаҳои одамони гуногун рафта, ба дарсгӯӣ машғӯл мешудаму тавассути он зиндагии хонаводаро пеш мебурдам. Дар рӯҳзои ҳафт, ҳашт рӯзи охири моҳ хонавода ба бӯҳрони шадид гирифтор гашт. Барои ҳамин модарам ба хонаҳо рафта, дар танурҳо нон баста, барои хонавода чизе меоварад.Зиндагии мо ҳамин тавр мегузашт”.

Ӯ ба сӯханҳои ӯ гӯш дода, хомӯш меистод.

-Гӯш кун Шозия, садо кард ӯ.

Шозия бо ишораи тасдиқ сар меҷунбонид. Шавҳараш дари ҷевони хурди дар назди утоқи хоб бударо боз карда, аз дарунаш як қутии сигор гирифт. Дар дасташ оташдеҳ (зажигалка) буд. Сигорро даргиронда ду каш дуд доду онро дар як гӯшаи миз ниҳода, гуфт:

“Як хоҳарам дар мактаб мехонд. Вай дар синфи ҳафтум буд, ки падарамон вафот кард.Тамоми бори сангини хона ба дӯши ман афтод.Ашёи хонаро мефурӯхтем. Хоҳарам Батул бошад мушкилотро кушода, баҳс мекард.

Ҳар чизи хона гум мешуд ва Батул хомӯшона мегирист. Бадбахтона, модар ҳам аз дунё мегӯзарад. Ман синфи даҳумро тамом кардаму мехостам ба коллеҷ дохил шавам. Аммо ҳолоти зиндагӣ намегӯзошт то ба хондан идома диҳам. Ҳамин тавр, дар як идораи давлатӣ ба ҳайси котиб ба кор даромадам. Хоҳарам мошинаи дарздӯзӣ бо пардохти моҳ ба моҳ харида, барои мардумони маҳалла либос медӯхт. Бо чунин саргардониҳо вақт мегузашт. Бо вуҷуди ҳамаи он ман дар коллеҷи хусусӣ дохил шудаму Батул бошад мактабашро тарк накард".

Салим аз миз сигорро гирифту боз дуд кашида,  ба ҷояш монд. Шозия нигоҳашро аз девор канда, ба вай менигарист. Ӯ замоне ки ба гап оғоз кард, ӯ фавран нигоҳашро ба сӯи равона кард.Салим идома дода гуфт :

"Батул ҳамеша либос таёр карда, дар назди худ мегузошт. Ҳамин тавр, ӯ барои  хоҳишмандон низ либос дӯхта, медод. Гоҳе худаш ҳам ба хонаҳо рафта, фурӯхта, бозмегашт.Дар маҳаллаи мо як одами сарватманд бо номи Мирзо Тақӣ зиндагӣ мекард. Батул либосҳои фармоишии ӯро худаш ба ҳавлии ӯ бурда месупорид ва ба ивази меҳнаташ аз он ҷо пули зиёде дарёфт мекард. Ҳолати хонаводаро мушоҳида карда, эҳсос мекардам, ки чаро хоҳарам Батул хомӯш мебошаду дигар либосҳои Мирзо Тақиро худаш  ба хонаи ӯ  намерасонд".

Ноилоҷ аз хоҳарам сабаби нарафтанашро пурсидам. Ӯ ҷавоб дод, ки "амаки Мирзо як саги гирандае дораду ман аз он метарсам. Лиҳозо аз онҳо хоҳиш кардам, ки либосҳои дӯхтаро худашон омада гиранд".

Ӯ дар идома ишора кард, "Вале мушкиле пеш омад, ки лаибосҳои фармоиши (дезайнҳо) наверо ки зани амаки Мирзо ва фарзандонаш мехостанд, аз сабаби дурӣ барояшон фаҳмонидан душвор ба назар мерасид. Батул ноилоҷ маҷбур шуд, ки дубора худаш ба хонаи Мирзо  равад".

Салим сигорро бардошт, аммо онро аз лабонаш ҷудо нигоҳ медошт. Чеҳраашро як сиёҳие фаро мегирифт. Ӯ он рӯз ба хона омаду як ҳамсоя барояш гуфт: "Саги Мирзо соҳиб Батулро газидааст. Вай дар беморхона мебошад".

Салим хабарро шунида эҳсос кард, ки замин аз зери пойҳояш хориҷ шуд. Чашмонашро торикӣ фаро гирифт. Ба бемористон рафта дид, ки хоҳараш аз дарди шадид менолад. Аммо ӯро дида, ноларо бас кард. Бародараш Батулро печонда гирифтан мехост, аммо ҳамшираи тиббӣ фавран садо кард:

"Вайро наҷунбон. Зеро ӯ ваксина карда шудааст". Ҳамшира вайро дида дарк кард, ки ӯ дар ҳолати хело асабонӣ ҳаст.

Салим илова карда гуфт: "Вақто хоҳарамро саг газид, ӯ хело бад ба мисли як мизи шикастае менамуд. Зеро устухони пояш сахт зарб дида буд. Баъд аз ҷарроҳӣ хуб шуд, аммо пойи росташ мелангид".

Дар идома ӯ гуфт: "Мусибати дигаре мо ин буд, ки хоҳарам Батул бо писари яке аз хешовандони дур фотиҳа шуда, туй барпо гашт. Аммо хурсандии онҳо дер давом накарду домод ӯро тарк кард. Аз ҳамон вақт то ба имрӯз хоҳарам ғамгин буду дигар табассум надошт ва хело кам сӯхан мегӯфт. Ин ҳолати хоҳарамро дида, ғаму андӯҳам меомад. Бо ҳамин дарду аламҳо хостам сагеро ки сабаби ҳамаи ин мусибату ғамҳо шуда буд, несту нобуд созам. Вале надонистам, ки чӣ тавр хоҳарам Батул аз нияти шуми ман огаҳӣ ёфта бошад".

Салим боз ҳарфҳояшро идома доду иброз кард, ки хоҳараш пайваста гиря карда мегӯфт, "Бародарҷон ваъда диҳед, ки ин корро намекунед. Зеро хонаводаи Мирзо бо мо душман хоҳанд шуд".

Хоҳари Салим ин алфозро мегуфту аз чашмонаш об ҷорӣ мешуд.

Ҳамин тариқ, хоҳараш таъкид мекард, ки Салим ба ваъдааш вафо кунад. Салим ночор маҷбур шуд, ки ба саг азият нарасонад, балки фақат аз вай дур зиндагӣ кунад.

Салим чунин мегӯфту чеҳраашро хату доираҳо фаро мегирифт.Вай аз сахтии дарду ғам мехесту менишаст. Қадамҳояшро дар болои қолин тарзе мегӯзошт, ки гуё пойҳояш пайваста дар реги гарм фурӯ рафта истода бошанд.

Ӯ ба ҳамсараш не, балки ба сояи девори рӯ ба рӯ нигоҳ мекард, ки истода-истода ғоиб мешуд. Баъд аз ду ё се дақиқа ба наздикии вай омада истода гуфт:

“Ман мефаҳмидам, ки хоҳарам ботинан сӯхта истода, ранҷ мекашид. Хело кам ғизо мехӯрд. Агар зӯран дода мешуд, мехӯрд, вагарна худашро ба коре машғӯл месохт. Барои муолиҷа ба назди духтур рафтан бо мушкил розӣ мешуд. Ман ҳар кореро, ки тавонистам, барояш кардам. Аммо ҳолаташ  аз бад бадтар мегашту як рӯзе....”

Ӯ фикрашро тамом карда натавониста, ба болои диван афтод.Шозия афтиданашро дида, зӯд рафта ӯро бардошта садо кард:

-Салим!

-Ман хубам Шозия. Тамоман хуб ҳастам. Дар наздам бишин,-мегуфт Салим.

Шозия  дар паҳлӯи ӯ нишаста иброз кард:

-Ман аз ҳамаи ин корҳо хабардор набудам. Аз ғаму андӯҳат ҳам чизе намедонистам.

“Шозия”!- садо кард вай.

-Бале гап зан,- изҳор кард ӯ.

“Ман медонам, ки ба ҳамаи ин мусибатҳо таҳаммул карда, сабру тоқат намудам. Магар намедонистам, ки ба ту чӣ шуда, ягон осебе расид аст. Маро бубахш”, иброз кард вай.

-Не. Ин тавр нагӯ Салим!

Шозия сарашро ҷунбонида ба сӯханаш идома дода гӯфт: “ Ҳар кореро ки ба анҷом расонидӣ, дар иҷрои он ту ҳақ мебошӣ”.

-Ту ҳамин тавр медонӣ Шозия,-изҳор кард Салим.

Шозия хуб гӯш карду ба Салим чунин иброз намуд:

-Дар оянда дигар он чизеро ки сабаби озурдагии хонаводаи мо бишавад, нахоҳӣ дид. Ман он чизеро ки аз он ҷо оварда будам, дубора ба ҷояш бурда мерасонам.

Онҳо бо ҳам нишаста, сӯҳбат карда, шабро рӯз карданд. Субҳи содиқ аввалин нӯрҳои офтоб даруни хонаро равшан мекард. Садои чаҳ-чаҳи паррандаҳо шунида мешуд. Ҳар ду масъулияти кору бори худро эҳсос намуда

ичро мекарданд. Аз сабаби шабзиндадорӣ хело хаставу чашмҳояшон сурх шуда буданд.

Шозия шӯстушӯро анҷом дода, ба ошпазхона рафт. Модар субҳона омода мекард. Нохост дар даҳлези хона саге овоз кард ва дар ҳамон лаҳза вай зуд ронандаро садо карда ба ӯ чизе гӯфт. Ронанда сагро дар мошин шинонду шишаи онро набаст. Вай дар онҷо рост меистод. Мошин ба ҳаракат даромаду вай ба ошпазхона омад. Субҳона омода шуд ва модар ҳама чизро дар боли миз мегузошт. Салим субҳона хӯрда ба идора рафт. Рафта-рафта боз истода гуфт:

“Шозия! Беҳтар ин аст, ки ба назди модар равию то вақти пешин ҳамроҳаш бош”.

-Не. Зарурат надорад.

-Мақсади ман ин аст, ки шояд каме аламҳои дил фаромӯш шаванд.

-Ҳеҷ гапе не. Ғам махӯр.

Вай ҳар рӯз бо табассум ӯро ба кор равон мекард. Ин субҳ Шозия мехост боз рӯи шавҳараш табассум кунад, аммо Салим ба тарафи вай нигоҳ накарда, шитобон рафт. Дар айвон мошин набуд ва ӯ дар ҳайрат монд, ки чаро ронанда мисли ҳар рӯза барин мошинро берун набароварда бошад.

“Имрӯз таксӣ гирифта равед”! Ин сӯханони Шозия буд, ки дар назди дари хона рост меистод.Ӯ дигар саволе накарду рафт.

Ҳамаи корҳо ба мисли пештар анҷом меёфтанд. Корҳо рӯзмарра иҷро мешуданд. Салим ба корҳои рӯзмаррааш хуб одат карда буду мисли пештара машғӯл мешуд, ки гӯё чизе нашуда бошад. Аммо Шозия эҳсос мекард, ки гуё дар иҷрои корҳои шавҳараш фарқияте пайдо шудааст. Хурсандӣ ва улфати Салим дигар ба мисли пештар набуд. Аз тарафи дигар табассумҳое ки Салим бо занаш дошт дигар холисона ба назар наменамуданд.

Онҳо дар чунин муҳити ним равшану ним торик вақт гузаронида, ҳар ду он шабу рӯзҳои сипарикардаашонро, то андозае барқарор мекарданд.Салим бо табассум ҳамроҳи Шозия сӯхан мегӯфт ва ӯ бошад бори дигар хурсанд шуда, медӯрахшид.

Салим ва Шозия баъд аз  як ҳафтаи ҷашни арӯсӣ рӯзҳои ҷумъа ба сайру гашт (пикник) мебаромаданд. Ин корро борҳо иҷро карданд, аммо бо сабаби серкории Салим онро идома надоданду рӯзи ҷумъаро барои истироҳат вақф карданд. Салим  дар рӯхсатӣ  буд, ки  ҳамон рӯз сайру гашт ба ёдашон омад. Ҳамин тариқ, онҳо омодагӣ дида ба порки  Чанга Манга[27] рафтанд.

Ақрабаки соат даҳ ё дувоздаҳ дақиқа шуда буду ҳар ду дар чамане менишастанд, ки ногаҳон яке аз дӯстони қадимаи Салим ӯро дида ба наздашон омад. Онҳо бо ҳам каме сӯҳбат карданд. Дӯсташ Салимро барои шиносоӣ бо аҳлу фарзандонаш ҳамроҳаш бурд.

Шозия ба  инҷову онҷо нигоҳ мекарду  вақти худро сипарӣ мекард. Ногаҳон нигоҳаш ба саге афтод, ки аз вай дуртар буд, вале ба чизҳои атроф ҳарисона буй карда, ба тарафи ӯ менигарист. Шозия дар оғоз сагро дар олами бехиёлӣ  медид, вале вақте ки он талош мекард то ба ӯ наздиктар шавад. Ин вақт Шозия як пораеро аз кулчақанд, ба назди саг партофт, ки онро хӯрд. Шозия як пораеро дар дасташ гирифта, ба саг нишон дод. Саг ба вай наздиктар омад ва осон бо дасташ метавонист ба пушташ зада онро гардонад. Ӯ як пораи дигар буриду ба назди саг гузошт, ки ба хӯрдан оғоз кард. Шозия бо як ҷазабаи беихтиёрона дасташро дар болои пушти саг гузошта, ҳаракат медод. Дар ҳамин лаҳза нигоҳи Шозия  ба Салим афтод.

Салим пинҳон ба вай менигарист. Аммо Шозия бошад лаҳзаҳои сару садоҳои даҳшатноки шавҳарашро дар он шабе, ки баъд аз кор дер оманаш бо дидани саги зоти немисӣ дар саҳни ҳавлиро эҳсос карда,  дубора ба ларза даромад.

Шозия фикр нокарда, барои дур кардани саг бо ҳар ду дасташ вайро “киш-киш” мегӯфт. Аммо саг дар он ҷо менишаст. Шозия ҳама ашёро банду баст карда, ба тарафи шавҳараш равон шуд.

“Мо ба ҳар куҷое меравем, ин нопок (хабис) моро парешон мекунад”.“Нопок”?, иброз мекард Салим.

---

[27] Чанга Манга ( урду , панҷобӣ : چھانگا مانگا ) як ҷангали ҳархеладарахтзор ва мамнӯъгоҳи ҳайвоноти ваҳшӣ дар шаҳри  Лоҳури Панҷоби Покистони имрӯза ҷойгир аст. Он яке аз бузургтарин ҷангали  қадиму  сунъӣ дар ҷаҳон мебошад.

Салим ин ҳарфҳоро ба тарзе мегуфт, ки дар каломаш ҳам саволу ҳам истеҳзо зоҳир мешуд. Саг чанд қадам аз пушти онҳо рафту дубора ба тарафи дигар баргашт. Ин вақт соҳибаш ба саг ишора карда, онро садо кард.

Салим аз ҳодиса чизе нагуфт, то ки Шозия наранҷад. Ҳамин тавр, ҳарф мезаданду ғизо хӯрда, ба гирду атроф сайру гашт мекарданд. Аммо Шозия бошад дар хотири худ, як бори сангинеро эҳсос мекард. Ӯ дар танҳоӣ воқеаи порки Чанга Мангаро ба ёд оварда, беихтиёр ҳодисаҳои рӯзҳои гузашта ба хотираш меомаданд. Ҳар ду воқеа якҷо барояш як хотироти даҳшатнокро ба ёд меоварданд.

Салим бо сабаби корҳои зиёди идора ба хона дертар меомад. Ин кор ба Шозия вақти бештар фароҳам мекард ва дар димоғаш омадани шавҳараш баҳс барангезтар мешуд. Ӯ намедонист, ки дар ин мавзуъ бо кӣ машварат намояд. Зеро аз фикрҳои зиёде фақат ин савол дар зеҳнаш мегузашт,“Касе агар шунавад, мегӯяд, ки шавҳари шумо як инсони ғайри оддӣ мебошад. Бо ягон равоншинос машварат кунед. Инро шунида чӣ бояд кард. Шавҳарро чӣ тавр барои ба назди равоншинос рафтан бояд розӣ кард”?

“Не. Он коре ки мехоҳам, бояд худам амалӣ кунам”, мегуфт ӯ.

“ Пас чӣ бояд кард”?, аз худ савол мекард.

Ҷавоби саволро ӯ намедонисту барои пайдо кардани он ба фикр фурӯ мерафт. Ӯ бошад се шаб аст, ки ӯ то соатҳои ёздаҳ ва ёздаҳуним ба хона омада наметавонист. Сипас шаби дигар пеш аз соати нӯҳ ба хона омада бо хомӯшӣ хӯрокашро тановул кард. Ҳар ду аз ҳам ҷудо ва алоҳида дар курсӣ нишаста, телевизион тамошо мекарданд.

“Ман рафта хоб мекунам”, гуфта аз курсӣ бархест Салим.

Ин вақт Шозия садо кард, “Салим”. Ӯ садоро шунида дар ҷояш истод.

“Салим! Ҳоло нарав. Ман ба ту чизе гӯфтаниам”, ишора кард Шозия.

Салим бе ягон саволу ҷавоб ба курсӣ нишаст. Занаш аз курсӣ бархеста ба курсии назди шавҳар омада, нишаст.

Шозия гуфт:

-Салим ту ба сагҳо бисёр нафрат дорӣ!

-Ту чӣ мехоҳӣ?

-Салим ман медонам, ки бо ин нафрату бадбинӣ ту ҳақ ҳастӣ. Зеро...

Салим ин вақт сӯханони занашро қатъ кард. Аммо вай дубора идома дода гуфт:

-Каме бодиққат ба сӯханони ман гӯш бидеҳ. Агар ту он саги хоҳарат газидаро ҳалок мекардӣ ин тавр намешуд. Яъне, ту боварӣ ҳосил кардӣ.

Салим бо дасти росташ дастаи курсиро сахт медошт. Шозия хеста ба хонаи дигар рафта бозгашт. Дар дасташ таппонча буду ногаҳон садо кард:

-Салим! Инро бигиру сагро бизан. Ман онро дубора аз хонаи Ҳумайро ин ҷо овардам.

Ӯ таппончаро дар оғӯш гузошта, гӯфт:

-Салим ман эҳсос мекунам, ки дар ботини ту оташи интиқоме месӯзад, ки бояд хомӯш карда шавад. Ва он бо ҳамин роҳ бояд хомӯш карда шавад. Саг дар беруни дар ё дар назди даҳлез, ё дар кадом наздикӣ ё дур қарор дорад. Салим бархезу интиқоматро аз он бигир!

Дар ҳарфҳои Шозия ба ҷои фармон бештар як ҷасорат намудор мешуду мегуфт: “Салим хестан лозим. Ин барои ҳар дуи мо хело зарур мебошад”.

Ин лаҳза Салим таппончаро бардошта, аз дар берун баромад. Шозия аз дар дуртар рост меистод. Чеҳрааш зард менамуд. Ҳар ду қулфи дарро басту мехост гиря кунад, аммо наметавонист. Аз парешонии зиёд дастонашро болои муйҳояш мегузошт. Лаҳзаҳои душвору дардноке сипарӣ мешуд.

Қулфи дар боз шуду Салим ба хона даромад. Аз паси вай саг ҳам омад. Вай то дер ҳеҷ чизро фаҳмида наметавонист. Дар лабонаш як саволе буд, магар он ҷо монду чизе гуфтан натавонист.

“Шозия! Ман бо вай ончизеро ки ту гуфтӣ, мехостам анҷом диҳам. Дар дастам таппонча буд. Нохост нигоҳам ба чашмони вай (саг) афтод. Шозия ман наметавонам ҳолати равонии онро баён кунам. Як кайфияте ки бароям донистани он осон набуду ва шояд ҳеҷ гоҳе онро дарк натавонам, намудор мешуд. Он кайфият ба зеҳну руҳияи ман таъсир гузошту ботинамро ба ҳаракат овард. Ба мисли он ки дар ботинам боди сарде ворид шуда бошад. Ва

гӯё дар ботинам қатраҳои шабнам медурахшиданду барг мерехтанд. Дарунамро боде фаро гирифту надонистам, ки чӣ тавр он таппончаро бо як зӯру тавоне аз дастам дур андохт”.

Салим болои диван нишасту  Шозия бошад ба вай манигарист. Чеҳрааш ором, сукун ва боитминон ба монанди мавҷи баҳре ки тудаи реги соҳилро бо домани худ шуста, ба умқи об мерезад ва соҳил бошад ба мисли оина софу шаффоф мегардад, ба назар мерасид.

## Мусофири роҳҳои ноошно

Деҳаи “Болиё вала”

Устоди мукаррам “Салому алайкум”!

Имрӯз аввалин мактубро оиди зиндагиам бароятон менависам. Ман Шуморо “устоди мукаррам” гуфта хитоб мекунам, ҳол онки дар дарсҳо мо шогирдон Шуморо “сэр”[28] хитоб мекардем. Дар мавҷуд набуданатон Шуморо доктор Зубайрӣ низ мурочиат мекардем. Аммо ба назарам пайванд миёни ману Шумо ба ҷуз робитаи устоду шогирд дигар омиле нест, ки Шуморо эҳтироман чунин хитоб накард.

Устоди мукаррам! Имрӯз 9-уми август мебошад. Ман ба Шумо аз деҳае ки номаш “Болиё вала” гуфта мешавад, хат ирсол мекунам. Маъзарат хоҳам, ки наметавонам дар ҳоли ҳозир ба наздатон ҳозир шавам. Зеро имрӯзҳо асноди худро ба Шурои машваратии ноҳиявӣ аз деҳаи “Болиё вала” ирсол карда истодаам. Мактуби дархостии онҳо расо баъд за 6 рӯз бароям дарстрас гардид. Дар мактуб амр шудааст, ки рӯзи 2-уми август ба наздашон ҳозир шавам. Аммо фармон субҳи 2-уми август ба ман расид. Сафар дуру дароз буду қатора аз маҳалла соати 11 равона шуд. Бо сабаби хело кӯтоҳии вақт, узри маро бипазиред.

Мактубро аз манзили дуввуми хонаи хиштии кӯчак, болои миз нишаста, навишта истодаам. Тақрибан 6 рӯзу 7 шаб аст, ки дар ин деҳа мебошам.

Нимаи аввали шаб сипарӣ мешуду маро хоб пахш мекард. Вале навиштан мактуб ба Шумо баёдам омаду чашмонамро молида, аз кат бархоста ба курсӣ нишастам.

Устоди мукаррам!

Дар ин лаҳзаҳо дар ботини худ як кайфияти аҷиберо эҳсос мекунам, онро бо алфоз баён кардан шояд номумкин бошад. Кайфияте ки инсон дар ботинаш сукуну оромӣ пайдо мекунад. Бароям ҳоло итминон ва сукуни

---

[28] Истилоҳи Sir ба англисӣ , sieur ба фаронсавӣ ва ҷаноб ё муҳтарам ба забони тоҷикӣ мебошад.Он чун унвони фахрӣ барои донишманд ва шахсони соҳибмартаба ироа мегардад. Дар доираи таҳкими мустамликаи Ҳиндустон аз ҷониби Англия, он чун орден дар соли 1861 барои мукофотонидани ходимони барҷастаи давлатӣ, афсарони низомӣ ва шахсиятҳои маъруфи марбут ба Империя таъсис дода шуд. Дар забони русӣ ин истилоҳ низ қаблан истифода мешуд.

воқеӣ ҳосил шудааст.Ҳеҷ гоҳ маҳфили суханроние ки дар рӯзи хатм ба ифтихорамон сурат гирифта буд, фаромӯш нахоҳам кард. Ҳамон рӯз охирон дарси Шумо буд. Дарс бахши силабуси дарсӣ набуд, балки як порае муҳим аз зиндагии ман маҳсуб мешуд.

Алфози зерини Шумо то ба ҳол дар зеҳнам садо ва огаҳӣ медиҳад :

-"Пешаи духтурӣ ба монанди дигар пешаҳо фақат як воситаи дарёфти маош набуда, балки он дорои ҳадафест, ки ин касабаро муқаддас мегардонад.

Шумоён имрӯз охирон рӯзи худро дар миёни ин чаҳор девора суханони ниҳоии маро мешунавед. Дар хотир дошта бошед, ки мақсади аслии Шумо ба халқи Худо хидмат кардан мебошад. Шумо бемориҳоро пешгирӣ намуда, ранҷу азоби башариятро раҳо сохта, ба хотири Худо ҳеҷ гоҳ худро дастгоҳи пулбарорӣ насозед. Духтур дар ҳар ҳолат вазифаашро бояд иҷро кунаду ба тиҷорат набояд машғӯл шавад. Ҳамин тариқ, бо роҳи дуруст ба халқи Худо бояд хидмат намояд".

"Худо ҳофиз фарзандон" аз суханони охирони Шумо бароямон буд. Дар гуфторҳоятон дарду алам зоҳир мешуд. Аммо аз шогирдони дигари Шумо чизе гуфта наметавонам. Фақат ҳарфи худамро мегуям, ки бароям хело таъсирбахш буд.

Ҳанӯз он лаҳза аз ёдам намеравад, ки Шумо баъд аз дарс ба утоқатон рафта менишастед. Бароям маълум буд, ки Шумо дар утоқ ҳастеду мехостам мулоқот кунам, аммо даромадан бароям манъ буд.

-"Доктор соҳиб гуфтанд, ки касе ба дохил надарояд. Ин амри ӯ мебошад", аз сухани ёрдамчии Шумо буд. Вале ман аз вай илтимоси зиёд кардам то хатчаеро ба Шумо расонаду бо иҷозаи Шумо бо ҳам мулоқот намоем.

Ёрдамчии Шумо хатчаи маро гирифт ва баъд аз чанд сония омада ба ман гуфт, "Марҳамат дароед. Ҳамин тариқ, ман ҳарфашро шунида хело хӯш шуда ба назди Шумо даромадам. Ин вақт Шумо дар ҳоли чой нӯшидан будеду маро дида ба сӯи курсӣ ишорат кардед то бишинам. Ҳамин тариқ, худи Шумо

чой омода карда ба ман пешкаш кардед, ки хело дар назди Шумо хиҷолатманд шудам”.

Ҳамин тариқ, он чизеро ки мехостам иброз кунам, гуфтам. Шумо ҳар суханро бо як лаҳҷаи ором иброз мекардед.

Бале, дуруст аст. Магар Шумо аз мо савол кардед, “кӣ мехоҳад ба халқи Худо хидмат кунад”? Ман ба саволатон чунин ҷавоб додам, “Сэр, ман ба ин кор ҳозир ҳастам”.

“Ин тавр бошад ба ягон деҳаи дур рав”, мегуфтед Шумо ба ман. Ва шукри Худо дар ҳоли ҳозир аз як деҳаи дур ба Шумо мактуб навишта истодаам. Маҳаллаи “Болиё вала”, ки аз шаҳр дар фосилаи хело дур қарор дошта, ман  дар ин ҷо 23 соли умрамро сипарӣ намуда, бо як иззатмандӣ шогирди Шумо шудан бароям шарафёб гашт. Дар партави насиҳатҳои Шумо мақосидамро муъайян карда дар зинаҳои ибтидоии он қадамҳоямро гӯзоштам. Дуо кунед то дар ин корам собитқадам монам.

Имрӯз шашум рӯз мешавад, ки ман дар ин деҳа  ҳастам. Мехоҳам  чанд мушоҳидаҳоямро пешкаши Шумо намоям. Рӯзи 2-уми август соати се аз ин деҳа дуртар аз таксие бо дучархаам фаромадаму ногаҳон як шахси миёнасол тез-тез қадам зада ба тарафи ман омада гуфт:

-Шумо доктор Анис Ризо ҳастед?

-Бале. Номам Анис Ризо мебошад.

Ӯ зуд портфели маро гирифту дастаи дучархаро бо дастонаш нигоҳ доштан мехост. Аммо дар  чашмонаш  ҳайроние зоҳир мешуду шояд эҳсос мекарду ба худ мегуфт, “касабаи духтурӣ як кори бузурге  буда, духтур агар соҳиби мошин ҳам набошад, лоақал моторсайкел бояд дошта бошад. Чи тавр ӯ бо як дучархаи балонкафида ташриф овардааст”.

Таассуроти ӯ дар бораи табибон хусусият табиӣ доштанд. Зеро мардуми деҳ дар бораи табибон  чунин андеша доранду  бо муболиға менигаранд. Аксари деҳотиён ба шаҳрҳо омада аз вазъу кору фаъолияти табибон огоҳ буданд. Ҳамин тавр, ин шахс ҳам аз он огаҳӣ дошту маро дида дар фикраш ин ҳолатҳо омад.

Ман эҳсосу таассуроти ӯро мушоҳида намуда аз вай пурсидам:

-Шумо ҷаноб?

-Шиносоии ман чӣ метавонад бошад ҷаноби доктор соҳиб. Мардуми деҳаро муолиҷа бо "усули англисӣ мекунам". Бо шунидани ҷавоб бароям "табобат бо усули англисӣ" хело аҷиб менамуд.

"Табобат бо усули англисӣ", чӣ мафҳум дорад?-пурсидам аз ӯ.

-Ман барои беморон давоҳои англисӣ фароҳам мекунам. Ба шаҳр рафта ин усулро омӯхтам. Номам Раҳмат мебошад, ироз кард вай.

Ҳамин тариқ, дар роҳ бароям аз таҷрибаҳояш муфассал маълумот дод. Ӯ мегуфт, ки дар деҳа он шахсонеро табобат мекунад, ки дардҳои мушкилу печида доранд. Вале дардҳои ҳамагониро бошад фақат ҳаким Иршод Алӣ муолиҷа менамояд.

Ман инро шунида хело дар ҳайрат мондам, ки бемориҳои мушкилро чаро фақат як дорушинос муолиҷа мекарда бошад. Ӯ саволамро эҳсос карда ба ман гуфт:

"Доктор соҳиб! Зиндагӣ ва марг дар дасти Худованд буда, бо ризояти худаш касеро хоҳад шифо медиҳад ва ё шифо намедиҳад".

Вай фикрашро хело возеҳ баён кард ва ман аз ӯ дигар савол накардам. Ҳамин тавр, бо ҳам хело роҳ гаштем ва нохост Раҳмат дар назди як хонаи як манзилаи бо хишти пухта пӯшидашуда истода ба ман гуфт:

"Дар ҳоли ҳозир Шумо мувақаттан дар ҳамин ҷо истиқомат мекунед. Бароятон беҳтарин шароитҳо фароҳам мегардад".

Ҳамин тариқ, ӯ маро то инҷо роҳнамоӣ карду боз дубора садо кард,"марҳамат биёед доктор соҳиб"!

Сипас ман ба дохили хона даромадам. Як утоқи хело хурд буда, дар рафҳои назди деворҳои он шишаҳои андозаи гуногундошта дида мешуд. Дар он ҷо як зану як мард шишаҳои доруро бо латтапорае тоза карда, алоҳида ҷобаҷо мекарданд.

–Ин ду нафар дар хидмати Шумо мебошанд. Ҳар ду зану шавҳар буда, номи яке Садру ва дигаре  Соҳибон мебошад, гуфта Раҳмат онҳоро бо ман шинос кард.

Баъд аз мушоҳида кардани клиника маро каме ғуссa фаро гирифт. Ба тамғаҳои шишаҳои доруҳо нигариста дидам, ки ҳамаи онҳо умумӣ ва хело кӯҳна мебошанд. Илова аз он ду курсиву як мизи андозааш миёна буду дар болояш лампаи мизӣ меистод. Як дафтарча, қаламдон ва чандто варақ низ буд.

“Биёед. Ҷои истиқомати Шумо дар боло мебошад”,- ишора кард Раҳмат ба ман.

Ҳамир тариқ, Раҳмат маро аз як зинапояи тангу торик ба самти боло бурд. Ин утоқ ба андозаи утоқи клиника буду дар он як кат, як курсӣ ва як миз дида мешуд. Дар болои миз якчанд рӯзнома бо забонҳои англисӣ ва урду низ мавҷуд буд. Баъд аз баррасии рӯзномаҳо бароям маълум шуд, ки онҳо ба мавзуву масоили синамо  рабт доранд. Ба онҳо менигистаму хандаам меомад.

Сипас ба суратҳо бо шавқу ҳавас менигаристам, ки ногаҳон Раҳмат садо кард, “Ҳеҷ гапе не, метавонед онҳоро бигиред. Зеро бароям ин қадр шавқовар нестанд”.

Вақти шом буду ҳаворо торикӣ фаро мегирифт. Садру заҳмат кашиду бароям ғизо оварда бо маъзарат гуфт:

“Мебахшед доктор соҳиб. Соҳибон хӯроки хуб пӯхта наметавонад”.

Ҳамин тавр, ман як луқма чашида ба ӯ иброз кардам, “Не бобоҷон! ғизо хело бо лаззат мебошад”.

Пас аз хӯрдани хӯрок ба берун баромада то дер роҳ гаштам. Нисфи маҳалла торик буду ними дигараш равшан. Аз хонаҳои хишти пӯхтадор рӯшандонҳо ва аз тирезаҳо равшании барқ баромада фазоро фаро мегирифт. Дар даруни баъзе маконҳо фонусҳо ва чароғҳои сафолӣ равшан буданд. Дар ин маконҳо маҳдудияти равшанӣ эҳсос мешуд. Дар болои кат дароз кашидам, аммо тирезаи самти тарафи болои сарам боз буд. Шамоли сард вориди хона мешуду боди форам, беғубору хобовар вазидан мегирифт.

Баъд аз чанд дақиқа маро хоб бурд. Субҳ барвақт бедор шуда дидам, ки Соҳибон кайҳо чой оварда аст.

Ин ҳама саргузашту хотироти шабу рӯзи аввалини ман аз деҳаи “Болиё вала” буд.

Устоди мукаррам! Талоши ман ин хоҳад буд, ки ҳамаи саргузаштамро ба Шумо тавассути мактубҳоям навишта ирсол намоям. Бо ҳамин номаи аввалинамро дар ин ҷо хотима мебахшам.

Шогирди ниёзманди Шумо

Анис Ризо

**Деҳаи “Болиё вала”**

Устоди мукаррам “Салому алайкум”!

Мактуби аввалинамро санаи 9-уми август шабона навишта будам, бояд ба Шумо расида бошад. Зеро онро хело барвақт баъд аз навиштан ба Раҳмат супоридам. Бояд зикр кард, ки дар “Болиё вала” почтаи хӯрде ҳаст, ки дастраси мардум буда, ба онҳо хидмат мерасонад.

Имрӯз бошад мактуби дуюмро бароятон менависам. Дар ин мактуб кӯшиш менамоям аз воқеаҳо, мушоҳидаҳо ва якчанд руйдодҳоямро бароятон бинависам. Муҳимтарин кореро ба анҷом расонидам, ин буд ки ҳамроҳи худ доруҳо барои беморони гуногун оварда будам. Шишаҳои кӯҳнаро гирифта, ба ҷои онҳо ҳамин доруҳоро ба рафҳо гӯзоштам.

Аз имконоту фондҳои дасрасшуда бароям мушкилу душвортаринашон дарёфти ҳамин давоҳо буд. Баъд аз расиданам ба идораи Шӯрои маҳаллаи ноҳия барои дору ва якчанд мизу ҷевону курсиҳо харидорӣ кардан дархости молӣ ирсол кардам. Барояшон таъкид кардам, ки дар сурати дасрас нашудани давоҳо вазифаамро иҷро карда наметавонам. Бубинем, ки чӣ хоҳад шуд, аммо ба таври умум ягон чашмдошти хоссе надорам.

Ба ин ҷо расидаму хостам, ки тамоми деҳаро сайру гашт намуда, маълумоти ибтидоӣ ҳосил кунам. Зеро барои вазъу ҳолати клиникро хубтар кардан вақт бояд сарф кард. Ҳамин тариқ, дар клиникаамон дирӯз қабули

беморонро доштам. Хаёл мекардам, ки бо омадани беморҳо машғулиятҳоям оғоз мешаванд. Мардум бо теъдоди зиёд ташриф меоварданд, вале онҳо бемор набуданд. Фақат барои мулоқоти ман омада буданд.

Ҳамин тавр, осудахотирона ҳамроҳашон суҳбат мекардаму эҳсос менамудам, ки духтурони пешин бо муомила ва равиши худ барои мардуми маҳал таассуроти хуб набахшиданд. Як чизи дигареро эҳсос кардам, ки мардум номи ҳаким Иршод Алиро хело бо эҳтиром мегиранд. Сипас аз як нафаре ки Иршод Алиро хело тавсифу таъриф мекард, пурсидам:

-Ҳаким соҳиб чӣ тавр беморонро муоличҷа мекунад.

Ӯ дар аввал бо диққат ба ман нигаристу сипас гуфт:

- Ӯ бисёр инсони хуб ҳаст.

Бо ҳамин гуфтугуи мову ӯ тамом шуд ва ман фикр мекардам, ки Ҳаким соҳиб хело инсони хуб бояд бошад. Саволам ин буд, ки вай беморонро чӣ тавр табобат мекарда бошад. Вале ӯ ба ин саволам ҷавобе надод. Ҳамин тариқ, тамоми рӯз бо мардуми ташрифовардаи клиник машварату ваъдаҳо дода шуду аз чунин мулоқотҳо хело хаста шудам.

Шумо медонед, ки ба адабиёт табиатан дилбастагӣ дошта, барои хондани ин ё он китоб пайваста вақт ҷудо карда, мутолиа мекунам. Китоб ягона мунису ҳамдами ман мебошад. Ҳамроҳам беш аз як дарҷан (дувоздаҳ адад) китобҳои наву кӯҳна низ овардаам. Пеш аз хоб агар чанд саҳифа нахонам, хобам намебарад. Дирӯз аввали шабро ба мутолиаи китоб гӯзаронидам. Субҳ бедор шудам, ки Соҳибон чой овардааст. Раҳмат ҳам расида омад.

Ман ба ӯ гуфтам,"Раҳмат, имрӯз ман нақша дорам, ки аз деҳа дидан намоям".

Ин тавр бошад, бояд ҳатман оиди мошин гап мезанам, иброз кард ӯ.

"Мошин",-бо тааҷҷуб пурсидам аз вай.

-Бале, Хон соҳиб ҳатман мефиристад,-ҷавоб дод Раҳмат.

"Хон соҳиб кӣ бошад",-пурсидам ман.

"Шумо намедонед", -Раҳмат ҳайрон шуда пурсид аз ман.

“Хон соҳиб аз сарватмантарин шахси ин деҳа буда, заминҳои бешумор дорад ва аз ҳавливу боғҳо ҳеҷ камӣ надорад”,- гуфт ӯ.

“Аммо ман пиёда рафтан мехоҳам”,- иброз кардам ба вай.

Пешниҳоди маро шунида Раҳмат андаке рӯҳафтода гашт. Ҳамон рӯз ду бемор ба наздам омад. Яке камараш дард мекарду дигаре чанд рӯз мешавад, ки ҳарорат доштаст. Илова аз ин беморҳо дигарон фақат барои мулоқот омада буданд.

Соати 11 ману Раҳмат аз клиника баромадем. Ин деҳа аз деҳоти дигар бештар софу пок мебошад. Зеро ними заминҳои он аз милкияти Хон ҳасту тозаву сафоиаш ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегирад.

Дар инҷо хонаҳои аз хишти пухта сохташуда низ дида мешавад. Якчанд маконҳо ва кулбаҳо мебошад. Дар бештари хонаҳои аз хишти пухтасохта коргарони Хон соҳиб зиндагӣ мекарданд. Раҳмат гуфт, ки аҳолии “Болиё вала” аз 15 ҳазор кам набуда, даромади асосии мардум аз заминҳои корӣ иборат мебошад. Ҳамаи деҳқонон навкарони Хон мебошанд. Гоҳе мушоҳида мешуд, ки онҳо ба дукону бозор ва харидорон ҳуҷум мекарданд.

Дар деҳа мактаби ибтидоӣ, мактаби миёна ва мактаби таҳсилоти олӣ низ ҳаст.Танҳо як мактаби ибтидоӣ барои писарҳо мебошад. Мудирияту роҳбарии мактабҳоро худи Хон соҳиб ва ё ёваронаш пеш мебурданд.

Ҳамин тариқ, тақрибан ними деҳаро мегаштем ва ногаҳон дар роҳ як мошини сиёҳранг намудор шуд.

“Ин мошини ӯ ҳаст”,- оҳиста Раҳмат ба гӯши ман гуфт.

“Аз кӣ”?- пурсидам бо тааҷҷуб аз вай.

“Аз Хон соҳиби хӯрдӣ. Мошини Хон соҳиби калонӣ хело калонтару зеботар ҳаст",- ҷавоб гардонид Раҳмат.

Мошин ба назди мо омада истод. Ману Раҳмат ҳам ноилоҷ истодем. Аз даруни мошин як шахс бо беҳтарин либос, дар сар дастори абрешимӣ баромад.

“Салому алайкум ҷаноби Хон соҳиби хӯрдӣ”,- гуфт Раҳмат.

Ӯ бошад ба Раҳмат як сар-сарӣ нигоҳ карду ба ман нигариста пурсид:

“Шумо ҷаноби.....”?

“Ин шахс табиби нав ҳастанд”,-фавран ба ҷои ман ҷавоб дод Раҳмат.

“Хело хуб ки бо Шумо мулоқот кардам. Шароиту имконоти Шуморо Хон соҳиби калонӣ фароҳам сохтанд”,-иброз кард ӯ.

Аммо аз ишораи “шароиту имконот”-ро нафаҳмидаму хомӯш истодам. Ҳамин тариқ, ӯ чанд тавсия дода рафт.

“Раҳоишгоҳи Шумо бо шароити хело хуб омода шудааст”,-фаҳмонид ба ман Раҳмат. Ҳамин тавр, аз сухани Раҳмат ишораи “шароиту имконот”-ро фаҳмидам.

Нӯри офтоб ҳамаҷоро пахш мекард. Мо аз назди боғе мегузаштему дидем, ки дар зери як дарахти сербарги соядор якчанд одамон ҷамъ шуда буданд.

“Ҳаким Иршод Алӣ”-ро бубинед” гуфта Раҳмат ба тарафи одамони ҷамъшуда ишора кард.

-Дар инҷо чӣ  гап ҳаст?- пурсидам ман аз Раҳмат.

-Шумо намебинед, ки Ҳаким соҳиб ҳамроҳи беморони худ нишастааст,-иброз кард ӯ.

Ман бо диққат назора кардам, ки дар як тарафи танаи дарахт як сепоя меистаду дар болои он шишаҳои калон-калон ва якчанд қуттӣ дида мешавад.

“Ҳаким соҳиб дар ҳамон ҷо нишастааст”,-Раҳмат  иброз карда бо лаҳҷаи каме танзомезона идома дода гуфт:“Ӯ дар ҳамин ҷо беморҳоро муолиҷа мекунад”.

-Ҳаким соҳиб дар куҷо ҳаст?-пурсидам ман аз вай.

“Ҳо ҳамон нафаре ки дар зери дарахт такя карда нишастааст”, -ишора кард Раҳмат ба ман.

Мо пештар рафтем. Соат якуним шуда буд. Вале оташи гӯруснагӣ аланга мегирифт. Мо зуд баргаштем.

Устоди мукаррам! Мактуби дуввумиро бо ҳамин руйдод ба поён мерасонаму  боқимондаро дар номаи оянда баъд аз чанд рӯзе Худо хоҳад хоҳам навишт.

Шокирди ниёзманди Шумо

Анис Ризо

**Деҳаи “Болиё вала”**

Устоди мукаррам “Ассалому алайкум”!

Шогирди Шумо бо саргузашти худ ба хидмататон ҳозир мебошад. Ман саргузаштамро аз он ҷое оғоз мекунам, ки дар мактуби пештараам онро хатм карда будам. Ман мулоқоти бевақти аввалинро бо бародари хурдии бойи калони маҳалла зикр кардам. Он хушхабариро мехоҳам низ бигӯям, ки Хони хурдӣ ба ҳарфҳоям гӯш мекард. Ҳамин тариқ, бегоҳии рӯзи дигар аз тарафи Хони калонӣ даъват шудем. Ман ҳамроҳам Раҳматро гирифта ба “бунгало”[29]-и бошукӯҳи вай рафтему дидем, ки як ҷевони кушод ва бошукӯҳ, болои қолин утоқи калони бо тасвирҳои рангоранг зебошуда одамон бо либосҳои ҳарранга нишастаанд. Дар як тараф як шахсе фарбеҳандом ба чашм расид, ки пушташро дар болишт монда такя мекарду бо нуги даҳонаш сигор (ҳуққанӯшӣ) дуд медод. Маро дида, ҳуққаро аз даҳонаш гирифта гуфт:

-Биёед ҷаноби доктор!

Ин замон ҳама якбора ба сӯи ман менигаристанд. Баъд аз “марҳамат шинед” гуфтану хайра мақдам карданаш Хон соҳиби калонӣ суханашро оғоз кард. Раҳмат бо шитоб ба ман ҷоеро дар назди Хон нишон доду маро ба онҷо шинонд. Сипас Хони калонӣ суханашро идома дода иброз кард: “Ин духтури нави мо мебошад ва ....”

Хон соҳиб суханашро тамом накарда буд, ки аз чаҳор тараф бо овози баланд “марҳабо” садо меомад. Як нафар каме бо овози баландтар садо карда, гуфт:

-Ҷаноби Хон соҳиб! Ин шахсият бо мардуми деҳа хело мушфиқу меҳрубон мебошад. “Бале”,-гуфта салладори дигаре онро тасдиқ намуда ишора карда гуфт:

[29]Хона ё қаср як намуди бинои хурди якошёна аст, ки одатан айвон дорад.

“Шахсияти Шумо раҳмат асту раҳмат. Мавҷуд будани писари Ҳаким ҳеҷ фоидае ба мо намебахшад”.

“Бале бо ҳамин мақсад мо доктор соҳибро заҳмат дода ба инҷо овардем”,- иброз кард Хони калонӣ.

Ҳамин тариқ, Хон соҳиб рӯяшро ба тарафи ман гардонида гуфт:

“Ҳама имконоту шароит барои Шумо банду баст мегардад. Шумо меҳмони ман ҳастед”,-баён кард ӯ.

“Субҳоналлоҳ”, гуфта бештари ширкаткунандагон таҳсину офарин садо баланд карданд.

Каме шӯру ғавғо садо медод. Ману Хон соҳиб бо ҳам андешаронӣ кардем. Ҳарфу лаҳҷааш ҳарбиёна (бо ҷасорат) буд. Дар охир ба ман фармуд, ки субҳ ба инҷо ташриф оварам. Ба даҳонаш найчаи ҳуққаро гӯзошт. Салладори аввала бошад лабкӯшоӣ карда гуфт:

“Шумо фармуда будед, ки аз Ғазанфар Алишоҳ сагеро бояд гирифт. Натиҷааш чӣ шуда бошад, ҷаноб”!

Ин суханро шунида Хон соҳиб найчаи ҳуққарро аз даҳонаш гирифт. Нафари дар пешаш буда, фавран онро нигоҳ дошт. Хон соҳиб мағрурона ба ҳама нигоҳ карду бо чеҳраи ханда бархосту гуфт:

“Ғазанфар Алӣ раиси калони Сайидобод буд. Мо ба вай гуфтем, ки “Шоҳ соҳиб, иморати Шумо ба мо писанд аст. Чӣ қадаре хостед ба мо бигуед, то харидорӣ намоем. Даҳ, бист, панҷоҳ ҳазор”.

Аммо вай пешниҳоди моро рад карда, иброз кард:

“Не ҷаноби Хон соҳиб! Он бароям мисли наберагонам азиз мебошад. Наметавонам бароят онро бидиҳам”. Ба Шоҳ соҳиб фаҳмонида шуд, ки сухану пешниҳоди Хон соҳибро то ба ҳол касе рад накардааст.

Ҳамин тариқ, “бешак, бешак” садоҳо баланд шуданд, сипас каломи Хон соҳиб чанд лаҳзае қатъ гардид.

“Он Булдог (як зоти саг кутоҳмӯй) дар назди дарвозаи Шумо дида мешуд”, марди салла дар сар дошта ишора карда гуфт ба Хон соҳиб.

Сипас, Хон соҳиб ба ҷаноби Шоҳ хитоб карда гуфт, ки имрӯз якшанбе аст. То рӯзи чаҳоршанбе саг бояд дар назди дарвоза бошад. Инро гуфта худи Хон пештар рафт. Дар ин сухани Хон соҳиб Ғазанфар Шоҳ чизе нагуфту хомӯш истод.

Рӯзи якшабе гӯзашт, аммо аз саг  хабаре набуд. Ҷосусҳои Хон хабар доданд, ки онҳо барои додани саг розигӣ надоданд. Ҳамин тавр, одамони Хон соҳиб ба фикри нақшаи қадимаи худ  шуда, шаби рӯзи душанбе силоҳояшонро ба шонаҳои худ гӯзошта ҳавлии Ғазанфарро ба таври пинҳонӣ кофтуков карданд. Шаби сешанбе ҳам ҳамин тавр шуд. Ҳамин тариқ, субҳи чаҳоршанбе ноилоҷ Ғазанфар Шоҳ сагро гирифта овард.

"Воҳ-во, Субҳоналлоҳ. Кӣ муқобили Хон соҳиб метавонад барояд, Ғазанфар аз сар то по ларзида бошад",- аз ҳар тараф чунин садоҳо шунида мешуд.

Хони калонӣ як ё  ду бор ҳӯққу дуд кашида  гуфт, -"Мо Ғазанфарро хело хуб эҳтиром кардем ва замони рафтани ӯ ба навкараш барои иҷрои кор 50000 ҳазор пул додем".Бахту иқболи Хон соҳиб баланду рафтори некаш ниҳояти ҳар кораш мебошад.

Ҳамин тариқ, Хон соҳиб воқеаро ба ҳозирон шунавонид. Ақрабаки соат даҳ шуда буд. Ман хостам то аз ҷоям бархезам, ки нохост Хон соҳиб бароям гуфт:"Не доктор соҳиб! Ҳоло дастархон ороста мешавад".

Соати даҳу ним дастархон гӯзошта шуд. Сипас соати ёздаҳу ним ба хона расидаму дидам, ки клиника дар ҷояш нест ва фақат як утоқи вайронаи пурдаҳшат дида мешуду халос.

Ҳодисаро Судур баён карда бароям  гуфт:"Ҳама чизро навкарони Хон соҳиб омада гирифта рафтанд".

Аммо чашмонам аз аз бехобӣ банд мешуданду аз вай пурсидам:

-Дар утоқи боло кат шояд бошад?

-Бале ҳаст. Онҳо ба утоқи боло набаромаданд. Сомонҳои болоро пагоҳ омада мебаранд,-ҷавоб дод ӯ ба ман.

Сипас ба утоқи боло баромада зуд истироҳат кардам. Субҳ аз хоб бархеста дар ҳаминҷо мактуби саввумро хотима бахшидам. Навкарони Хон соҳиб бошанд барои гирифтории ман ва ашёи боқимонда дар утоқи поён интизоранд. Интизор шуду бояд дид, ки ба ин дили нотавон чӣ хоҳад гӯзашт.

Шогирди ниёзманди Шумо

Анис Ризо

## Деҳаи “Болиё вала”

Устоди мукаррам “Ассалому алайкум”!

Ин номаро аз маҳаллаи “Болиё вала” менависам. Моҳи август мебошаду то ба имрӯз як дигаргунии хос рух дод аст. Се мактуби пешинаамро дар як манзили  кӯчак нишаста бароятон навиштам. Аммо ҳоло бошад дар як утоқи хело зебо ва ороставу пероста ҳастам. Утоқи мазкур дар назди клиникаи кориам ҷойгир аст, ки хонаи пазирой ҳам мебошад. Клиникаи мазкур хело зебову бошукӯҳ буда, дар қисмате аз бунгалои Хони калонӣ ҷойгир мебошад.

Дар ин нома мехоҳам тамоми воқеаҳои  гӯзаштаро  ба таври кӯтоҳ  ба Шумо баён кунам. Ходимони Хон соҳиб иқоматгоҳи маро аз он хонаҳо дуртар омода сохта буданд. Он дорои ҳама чиз  буда, дар умум аз ҳеҷ чизе камӣ надорад. Чой ва субҳона ҳам дастрас мебошад. Соат тақрибан ҳафт асту ман барои рафтан ба клиникаи худ омода мешавам.

Устоди меҳрубон ин сатрҳоро хонда дар зеҳнатон оиди ман  ҳатман фикре хоҳед кард. Устоди азиз  вақто ки ба клиникаи нав қадами аввалинро гӯзоштам дар зеҳнам чизеро эҳсос мекардам. Гуё саволе монеаи роҳи ман мешуду  аз худам мепурсидам, “Анис оё ту бо ваъдаи кардаат, ки ба ин деҳаи дур омада, деҳотиёни бенаворо муолиҷа хоҳам кард вафо кардӣ ё на. Ин ҳама сафсатагуиҳо оё ба ту мезебад”?

Ҳамроҳи ман Раҳмат ва илова аз ӯ яке аз одамони Хони калонӣ мавҷуд буданд. Ҳар дуи онҳо як дам истодани маро дида, ба якдигар менигаристанд. Як савол чарх мезаду пешрӯям меистод. Нохост як тарсе ботинамро фаро

гирифт. Вале намедонистам, ки ин чӣ тарс бошад, ки ба даруни ман ворид шудаасту чаро ман аз он бим дорам?

Сипас ба даруни клиника ворид шудам. Як дам аз дохил садои “салому алайкум” шунида шуд, ки гуё маро ҳўшдор медод, ки “ту дар кучо ҳастӣ ва ин саломро киҳо бароят медиҳанд”. Ман беихтиёр бо як кайфият ба пеш қадам гӯзошта ба курсӣ нишастам. Ин вақт садои “бисмиллоҳ” шунида шуд, ки аз ҷониби мардумони болои қолин нишаста набуда, балки аз ҷониби Раҳмат ва одамони Хони калонӣ садо медод.

Ҳамин тариқ, нафаре ба гарданам гӯлчанбар монда, маро муборакбод кард. Ман онро аз гардан гирифта ба болои миз гӯзоштам.

“Хайр ҷаноб кори мо тамом шуд”. Ин овози касе буд, ки гӯлчанбар ба гарданам гӯзошта буд. Ман сар ҷунбонида, тасдиқ карда, дастамро боло кардам ва сипас одами Хон аз он ҷо рафт.

Ман кӯшиш мекардам, ки худро ба даст гирам ва то андозае онро идора кардам. Аз ҷайбам стетоскоп[30] бароварда пешам гӯзоштам. Ин лаҳза нигоҳам ба мардумоне афтод, ки дар болои қолин нишаста ба ҷевону тасвирҳои клиника бо равиши аҷибе менигаристанд.

Бароям тарзи нишаст ва нигоҳи онҳо хело аҷоиб менамуд. Аммо каме фикр карда гуфтам, ин бечораҳо чӣ айбе доранд. Дар умри худ ин навъ клиникаро надида, бори аввал ба бунгалои бошукӯҳи Хон соҳиб омадаанд. Сипас ҳамаи онҳоро ба утоқи пазироӣ даъват намуда, марду зан ба таври алоҳида нишастанд. Ҳеҷ зане набуд, ки дар оғӯшаш кӯдаки гирён,лоғару чиркин надошта бошад.

Ҳамин тавр, ба Раҳмат гуфтам,“Ман худам барояшон медиҳам. Шумо ҳар як беморро ба наздам фиристед”.

Бемор якум ба наздам омад. Хело қавӣ ба назар менамуд. Ман аз вай пурсидам:

-Чӣ таклиф дорӣ?

---

[30] Гӯшии пизишкӣ

Аммо ӯ хомӯш буд. Ман дубора савол кардам ва боз ҳам хомӯш меистод. Боз пурсидам:

-Куҷоят дард мекунад?

Вай шиками худро ламс кард ва ман аз ӯ савол кардам:

-Шикамат дард мекунад?

Вай “бале”, гуфта  сарашро ҷунбонид.

Баъд аз саволу ҷавоб маълум шуд, ки шабона чаҳор ё панҷ нон тановул карда, сипас хоб рафтааст. Аз бадҳазмӣ шикоят дошт, дору гирифту рафт. Сипас бемори дигаре ба наздам омад. Вай ҳам аз дарди шикам шикоят мекард. Бемори сеюм ворид шуд, ки ӯ ҳам аз ҳамин дард шикоят мекард. Аммо ман эҳсос кардам, ки ӯ дар ҳақиқат бемор набуда, балки фақат барои тамошо ва сайру гашт омадааст.

Сипас як зан ҳамроҳи фарзандаш ба наздам даромад. Бо душворӣ қадам мезаду омада ба курсӣ нишаст. Дар ҳақиқат бемор менамуд. Бачааш низ мариз буд. Ман қафаси синаи бачаашро ташхис мекардам, ки нохост аз атроф як садои ғавғо баромад. Ба он ҷо нигариста дидам, ки Хон соҳиб рост истодааст. Ӯ маро дида пурсид, “Ҳамааш хуб аст”?

Ман эҳтироман аз ҷой хеста хуб гуфта, аз ӯ ташаккурӣ кардам, аммо бо сабаби шӯру ғавғои баланд ӯ садои маро шунида натавонист. Дар ин лаҳзаҳо беморону одамони Хони калонӣ “Субҳоналлоҳ” гуфта наъра мезаданд.

Дар ин зимн, ман ба тарафи зане нигоҳ кардам, ки гӯё хомӯшона нишаста буд, аммо ботинан дар як фазои дигаре давр мезад. Беморро ташхис мекардам, ки садои Хони калонӣ  баромаду ба тарафи ман садо кард:

-Доктор соҳиб имрӯз корҳои зиёде анҷом додед. Каме истироҳат бояд кард.

Ҳамин тариқ, сухани ӯро яке аз ҳамроҳонаш тасдиқ карда гуфт,“Бале, каме қурбонӣ бояд кард”.

“Бале...” гуфта, суханамро ба забон оварда натавонистам. Сипас Хон соҳиб “тезтар биёед” гуфту рафт. Ҳамин тавр, барои духтараки бемор даво омода карда ба модараш фаҳмондам.

Вале ман мехостам, ки он занеро ташхису дору додам, ки оҳиста-оҳиста ба наздам меомаду аз хавфи одамони Хони калонӣ зуд-зуд қадам мемонд. Дар ниҳоят аз беморони дигар узр пурсида баромада рафтам. То бегоҳ вақти худро бо ҳамроҳии Хон дар шикоргоҳ зоеъ кардам аз ғизоҳои серлаззату фаровон фароғат гашта, хаставу монда шуда, ба хона баргаштам. Аз хастагии зиёд либосҳоямро иваз накарда, ба кати хоб дароз кашидам.Дубора бедор шуда, чашмонамро боз карда дидам, ки мактуби чаҳорумро  мукаммал кардаам.

**Деҳаи "Болиё вала"**

Устоди мукаррам "Ассаломуалайкум"!

Шумо ин суханро шунида ҳатман дар ҳайрат хоҳед монд, ки ман баъд аз ҳашт ё даҳ рӯз лозиман саргӯзаштамро тавассути мактуб ирсол хоҳам кард. Аммо  бисту ду рӯз мешавад, ки  ба Шумо ягон мактубе нанавиштаам. Қисса кӯтоҳ баъд аз ирсоли мактуби гӯзашта,  ҳолатҳое дар рӯзгорам рух дод, ки ба зеҳну қалбам хело сахт таъсир расонданд. Кӯшиш мекунам то мухтасар бароятон ироа намоям.

Дар мактуби пешинаи худ дар бораи меҳрубониҳои Хон соҳиби калонӣ ёдоварӣ намудам. Фикр мекардам, ки меҳрубониҳо ин қадар тӯлонӣ нахоҳанд шуд, то машғулиятҳоямро санҷида, ба хулосаи ниҳоӣ расонам. Ҳамин тариқ, вазифаву машғӯлиятҳоямро санҷида дидам, ки тамоми вақтҳоям дар шикоргоҳу сарфи дастархон сипарӣ шудаистодааст.

Шукр ки, рӯзи дигар каму пеш корҳое анҷом ёфт. Ҳамин тавр, барои беморон вақт ҷудо карда, арзу шикоятҳояшонро шунида, барояшон доруву тавсияҳо медодам. Рӯзҳо мегузаштанду Хони калонӣ барои оромиву осоиши ман ашёи наву тозаро омода мекард. Ман бошам бо чунин осудагиҳо аз мақсаду мароми аслии худ кам-кам дур мешудаму ба беморон камтар таваҷҷӯҳ мекардам. Дар ин зимн, саволе дар зеҳнам пайваста  чарх мезад, ки "ман доктор нестам". Ман барои Хон соҳиби калонӣ фақат як шахси дучори азобу ғаму андӯҳшуда мебошам. Ин ҳақиқатест, ки бароям хело дарднок мебошад.

Дар шабҳои танҳоӣ аз худ савол мекардам, ки ман дар инҷо чӣ кор кардам ва чӣ хоҳам кард. Дар зеҳнам чизе ба мисли шуълае аланга мезад. Китобҳоямро боз карда, ҷавоби саволро пайгирӣ мекардам. Борҳо кӯшиш кардам, аммо ҳанӯз шуъла аланга задан мегирифт.

Ҳамин тавр, тасмим гирифтам, ки ба ҳадафу мақсади аслии худ бояд кор кард. Лиҳозо аз маҳалли бунгалои Хон баромада, ба хонаи як манзилаи пешина рафтам.

Аз ин тасмими ман Хон хабардор шуда фавран маро талаб карду гуфт:

-Ҷаноби доктор Шумо чӣ мушкилот доред?

Дар ҷавоб гуфтам: "Ҳеҷ норасоиву таклифе надорам Хон соҳиб! Ман аз Шумо хело ташаккурӣ мекунам".

-Пас чаро аз инҷо рафтед?-пурсид Хон аз ман.

-Ман ба ин ҷо барои муолиҷаи беморон омадаам Хон соҳиб. На барои осоишу ором кардан. Лиҳозо маро танҳо гузоред то корамро анҷом диҳам. Аз меҳурбониҳои Шумо беандоза ташаккурӣ мекунам.

Аз ин сухану гуфтаҳои ман чеҳраи Хон соҳиб сурх гашт ва бо қаҳр гуфт:

-Шумо ношукрӣ карда, эҳсонфаромӯшӣ намудед!

Дар ин зимн, ҳамроҳони Хон ба як овоз бароварда гуфтанд:

"Бале, дуруст" , ҷаноби Хон.

Бо садои баланд Хон аз ман пурсид, "Набошад Шумо чӣ мехоҳед"?

-Ҷаноби Хон хоҳишамро бароятон арз кардам ку!

-Яъне эҳсонфаромӯшӣ мехоҳед,- иброз кард ӯ.

Хон ин суханро мегуфт, ки яке аз мусоҳибонаш садо баланд мекард:

"Ин тавҳин барои Шумост".

"Бале тавҳин аст", ҳама сухани ӯро тасдиқ мекарданд.

Бо ҳамин мусоҳибаи ману Хон соҳиб тамом шуду ба хона бозгаштам.

Сипас Хони хурдӣ ба наздам омаду бо нармиву оромӣ гуфт:

"Пеш аз ҳама Шуморо хӯш омадед гуфта, ҳаргиз намехоҳам ба Шумо осебе расаду ба ранҷу мубтало дучор гардед. Меҳрубонии Хони калонӣ

фаровон буда, ғаму ғуссааш аз он фаровонтар мебошад. Дониста бошед, ки Шумо ношукриву эҳсонфаромӯшӣ карда, ӯро сахт ранҷонида тавҳин кардед”?

Сӯханони ӯро хомӯш истода гӯш дода иброз кардам, “Яъне....”, “Бале”...

Ҳамин тариқ, Хони хурдӣ маро ҳӯшдор доду  рафт. Он шаб дар хоб будам, ки садои тақ-тақ ба гӯшам расид. Аз тиреза ба берунро нигариста, дидам, ки чанд одам дар шонаҳояшон милтиқ дар атрофи девори хона истода буданд. Онҳо маро дида пойҳояшонро сахтар ба замин мезаданд.

Ин аввалин воқеаи он шаб мебошад. Шаби дигар ҳам ин боз  рух дод.

“Ман ба Шумо гуфта будам, ки Хон соҳиби калонӣ  Ғазанфар Алишоҳро маҷбур карда буд то талаботашро иҷро карда, саги талабкардашро бидиҳад.Дар натиҷа  Шоҳ ночор онро пазирӯфта, талаби ӯро иҷро кард”, иброз мекард Хон ба ман.

Дертар бароям Раҳмат хабар дод, ки одамони Хони калонӣ ду шаб ин амалиётро анҷом доданд ва шаби саввум маълум нест, ки чӣ коре хоҳанд. Соати дуи шаб  буд. Онҳо гирдогирди хонаи маро давр заданду рафтанд. Баъд аз омаданашон як лаҳзаи худро сарф накарда тасмим гирифтам, ки талаботҳои онҳоро риоят намуда, ҳамин тавр ҳамроҳи онҳо зиндагонӣ бояд кард.

Сипас дар ду халта якчанд шишаҳои давоҳо ва дигар чизҳоро ҷобаҷо кардам. Дар ин халтаҳо маводу матоъҳои дар ҷевонбуда, мавҷуд буданд. Ин вақт дар чаҳор тараф хомӯшӣ ҳукмфармо буд. Магар ҳарфҳои зеррини Шумо гӯшҳоямро танинандоз мекарданд, ки ба мо иброз мекардед:

“Мақсади Шумо хидмат ба халқи Худост. Ғаму дарди инсониятро раҳо кардан мебошад”.

Ин суханон пайваста маро хурсанду танинандоз мекардаанду ба дилам таъсир мерасониданд. Ман ҳанӯз зинда ҳастам. Мақсаду мароми аслиам низ ҷовидонанд. Ҳамин мақсаду маромамро ба пеш хоҳам бурд, “Яъне хидмат расонидан ба деҳае..., шаҳре....ва маҳаллаи камнавоёну камбағалону  дур аз аҳолии шаҳр”.

Баъд аз хатми  мактуби худ, ҳар ду халтаи худро гирифта, бо дӯстдучархаи қадимаи худ ба роҳ баромадам. Ба сӯи роҳҳои ноошнову номаълум. Илтимоси дуо аз Шумо дорам.

Шогирди ниёзмандӣ Шумо

Анис Ризо

# Рози як модар

Гули ман, духтарам!

Худованд туро солим нигоҳ дорад. Дар оғоз таманно, хоҳишу дуоҳои нек аз тарафи модар ба ҷигаргӯшаи худ қабул бошад. Худованд туро бо ҳазорон хушиҳо тандурусту солим ҳифз намояд. Ҳамин хушиҳо бо зиндагии ту ҳамроҳ боқӣ монад.

Ман аз хабари рафтанат ба Амрико ва дарёфти таҳсили илму дониш ва бозгашт ба Ватан огоҳ шудаам. Аммо бо сабаби маҳрумӣ аз он хурсандии комилро дарёфт накардам. Ин сабаб зарурат ба шарҳу баён надорад, зеро худат онро мефаҳмӣ!

Ин мактубро дароз кашида аз беморхонаи зиндониён китобат дорам. Ҳафт рӯз пеш аз дарди шадиди сутунмӯҳра ранҷ мекашидам, ки маро ба ин ҷо оварданд. Духтурон маро аз ҳар навъ ҷунбиш манъ кардаанд. Даҳ сол мешавад, ки хонаро, ки хонаи ту ҳам ҳаст, тарк кардам. Аз он вақт то ба ҳол "худат бош" гуфта, зиндагӣ дорам. Дар ин ҷо ҳам "худат бош" гуфта, умр ба сар бурда истодаам.

Гули ман! Дар ин даҳ сол борҳо талош карда хостам бароят аз танҳоӣ, дарду ранҷи беморхона ва вазъи зиндон қисса намоям. Имрӯз ҳам бо ту сӯҳбат дораму дар оғоз аз ғаму дарди дилам мегӯям ва ҳамзамон ҳамаро дар саҳифаи варақ дар шакли нома менависам. Пештар ҳам бароят нома менавиштам, аммо ин нома бо равиши ҳикоявӣ (сабки анъанавӣ) таҳия мегардад.

Духтаракам! Ин нома он розҳоеро ба ту мерасонад, ки аз ҳарими дили ман берун набуда, балки то ба ҳол аз худам ва ҳатто аз ту ҳам онҳоро махфӣ нигоҳ медоштам. Ин рози як модарест, ки ба духтари худ ошкоро баён мекунад.

Гули ман! Дар ин даҳ соли сипаришуда, дар ҳамин хона интизори ту будам. Ҳоло ту бо гузашти айём бузург шудиву ҳушманд гаштӣ. Ҳамин тавр, ту аз ҳақиқати шириниву талхиҳои ҳаёт огаҳӣ пайдо кардӣ. Ба хориҷа рафта,

хело чизҳоеро мушоҳида намудиву дарк карда, ба камол расидӣ. Вале ту тасаввур намекунӣ, ки барои ифшои ин роз чандин мароҳилро бо душвориву сахтиҳо сипарӣ кардам. Интизориҳоям тамом шуду Худованд бароям тавфиқ дод, то тавассути нома дардҳоямро ба ту расонам. Боварӣ дорам, ки ангуштони дастонам то лаҳзае ки калимаҳо дар қолаби  алфоз қарор мегиранд, ба ҳаракати худ идома хоҳанд дод.

Силсилаи навиштанамро аз давраҳое оғоз мекунам, ки ман донишмӯзи соли охири магистерӣ будам. Дар муҳити донишгоҳ талабаву толибаҳо бо ҳам сӯҳбату мулоқотҳо мекарданд, аммо ман бештар камгӯӣ ва хилватписандиро ихтиёр карда, ба хондани китобҳо машғул мешудам. Дар донишгоҳ маҳфилу маҷлисҳои адабӣ баргӯзор мешуд. Рӯзе  дар яке аз маҳфилҳо шиносоии ман бо як ҷавоне ки дар либоспӯшӣ бепарво, аммо аз чеҳра хело донишманду оқил ба назар мерасид, сурат гирифт.Тарзи гуфтор ва лаҳҷаи ӯ маро хело мутаасир мекард. Вале бо вуҷуди  як дидор ва ду ё се мулоқоти дигар худро аз доираи гирифториҳо раҳо карда, наметавонистам. Миёни ман ва ӯ монеае ба дида мешуду бо ҳам бегона ба назар мерасидем. Ҳамин тавр, вақт мегузашту бепарвоёна  чизеро эҳсос намекардам. Баъди гузашти қариб чаҳор моҳ аз воқеа, ҳамин ҷавон бе ягон санҷишу озмоишҳои иловагӣ мо бо ҳам шарики ҳаёт шудем. Ин навҷавон Гулзорхон ном дошт ва бо ҳамин падари ту шуд.

Духтарам!

Ҳар модар  ба фарзанди худ ҳарфҳоеро, ки ман ба ту мегӯям, намегӯяд. Бо изҳори  ин ҳарфҳо мехоҳам то ту аз воқеаҳо ва ҳар паҳлӯи зиндагии ман огаҳӣ дошта, бехабар намонӣ. Падарат Гулзорхон ба зиндагии оилавӣ қадам гузошту ҳаёти маро ба як гулзоре табдил дод. Бароям ҳар навъ роҳат,оромиву осоиши хаёлро фароҳам оварда,  ҳар хоҳишамро, муҳайё мекард. Ҳамин тариқ, баъди оиладоршавӣ зиндагии ман хело хушу хубу форам мегузашт, вале нохост дар ботинам халидани хоре эҳсос гардид. Пиразане аз хонаводаи мо рӯзе бароям хабаре расонида, гӯфт: “Гулзор кори хуб накард, вай муддатҳои зиёдаст, ки бо Симон барои оиладоршавӣ фотиҳа шудааст. Аммо

чаро боз бо ту мехостаст оила барқарор намояд”. Ин хабари пиразан маро дар изтироб андохт ва лаҳза ба лаҳза ғаму дарди маро зиёд мекард.

Одатан Гулзор аз ҷойи кораш баромада рост ба хона меомад. Аммо як рӯзе соат 11-и шаб буду аз ӯ хабаре набуд. Ман бе ӯ хӯрок тановул намекардам ва ҳамон рӯз ҳам ягон луқмае гирифан нахостам. Ҳамин тариқ, ман борҳо ба хона медаромадаму гоҳе ба саҳни хона мебаромадам. Ҳамин вақт садои занги дар омаду хидматгори хона Ама Суғро дарро боз кард. Вале ман медонистам, ки ин Гулзорхон мебошад. Зеро одатан ӯ меомаду дарро барояш боз мекардам. Ҳамин тавр, ӯ маро нодида ба дохили хона даромаду дубора ба боғчаи хона баромада садо кард: “Осима чаро ту дар ҳавои сард инҷо ҳастӣ! Ман бениҳоят шарм мекунам, ки дер шуд. Бо кори идора машғул будаму бо сабаби корношоям будани телефони корӣ тамос гирифта, натавонистам”.

Ман ҳарфҳои ӯро бо хомӯшӣ гӯш карда, ӯзрашро набахшида будам, ки боз гуфт: “Осима каме ба ман гӯш бидеҳ. Ман бе ту ва бе иҷозати ту куҷо рафта метавонам”?

Ман дар ин ҳарфҳояш ҳам хомӯш меистодам, ки боз сӯхан кард, “Осима ба ту чӣ гап шуда бошад”.

Ғаму ғӯссаам аз ҳарфҳои ӯ бештар шуда, ман маҷбур шудам то барояш чунин бигӯям:

-Фотиҳабахшии ту дар даврони ҷавониат бо як нафаре сурат гирифта буд?

-Бале сурат гирифта буд, -ба як дам чунин ҷавоб дод ӯ.

-Ӯ кӣ буд?- пурсидам ман.

-Бо як зане, ки номаш Симон буд. Ӯ яке аз хешовандон дури ман буд, гӯфт ӯ.

-Тӯ аз ин воқеа то ба ҳол ба ман чизе нагӯфтӣ ҳанӯз? -пурсидам ман.

-Ӯ чанд лаҳза хомӯш истода гӯфт:

“Осима зарӯрат надонистам гуфтани онро. Зеро агар туро пайдо намекардам, бо вай оиладор мешудам”.

Вай дар дилаш чизе гузаронида гуфт:

“Осима инсон гоҳе аз воқеа ё ҳодисае мутаасир шуда, фирки пешинаи худро хато дониста, онро иваз мекунад. Ман ҳам ҳамон рӯзеки қарор додам бо ту оиладор шавам, бо Симон мулоқот карда, аз ӯ маъзарат хостам”.

“Ту як  зани фарохдил  мебошӣ”, идома дод ӯ.

“Хуб, ин фикру эҳсоси дили шумост ва Худованд шуморо хушиҳо насиб фармояд”,-гуфтам ман.

Вай аз курсиаш бархосту ба хонаи хоб рафт.

Духтарам, Гул!

Вақтоки падарат чунин тарз рафтор мекард, ман  аз ӯ изҳори воқеиятро пай мебурдаму гуфтаҳояшро бовар мекардам. Дар зеҳнам меомад, ки чунин гуфтумону кашмакашиҳо дар зиндагӣ бояд рух диҳад. Аммо духтараки азизам, вақто ки ту дар оғӯшам будӣ, эҳсоси хушиҳоям ба монанди гул бештар мегашт. Лиҳозо фикр мекардам, ки ҳар навъе баҳсу ҷидол бо падарат боиси нобудии хушиҳоям нагардад. Ту нури чашмони ман будиву падарат туро хело дӯст медошт. Дар вақти ном монданат, чанд  пешниҳод барояш кардам, аммо падарат ҳамаашро рад мекард.

Ноилоҷ ба ӯ гуфтам, ки охир ягон ном гузоштан барои фарзандамон лозим ҳаст. Вай мегуфт, ки номи ӯ худ ба худ кайҳо интихоб шудааст. Аммо чизеро нафаҳмида, аз ӯ пурсидам, “Кадом ном”?

Ӯ ҷавоб медод, “номи ман” чист! Аз ин ҷавоби падарат хело сарсону парешон шуда, барояш мегуфтам, “аз ман чаро номатонро мепурсед”?

Вай бошад бо ҷиддӣ аз ман мепурсид, ки “Бигӯ номи ман чист”?  Дар ҷавоби падарат иброз мекардам, “Оё ҳаминро ҳам аз ман мепурсед! Номи шумо Гулзорхон ҳаст”.

Ӯ  мегуфт, “агар номи ман Гулзорхон бошад, номи духтарамон Гулигулзор мебошад”.

“Чи хел”, -бо қаҳқаҳа  пурсид аз ман падарат.

“Гулигулзор”?-бо тааҷҷуб пурсидам ман.

Бале,“номи духтарамон Гулигулзор мебошад ва бояд ҳамин тавр бошад. Зеро ҳамаи дурахшу равнақи гулзор аз ҳамин Гул ҳаст. Пас чаро Гулзор набошад”?-изҳор кард ӯ.

Ҳамин тариқ, падарат чунин гуфта, туро аз оғӯшам гирифту аз пешониву рухсораат бӯса кард. Падарат туро хело дӯст медошт ва ту ҳам то омадани ӯ дар паси дарвоза нишаста, бетобона то омоданаш интизорӣ мекашидӣ.

Акнун мехоҳам ду воқеаро бароят нақл кунам.

Падарат Гулзорхон гоҳ-гоҳ ба хона дер меомаду сабабашро аз ӯ мепурсидам. Як рӯзе дер омада чунин гуфт:

“Осима, ман шармандаам, ки натавонистам ба таври бояду шояд аз ту иҷозат бигирам. Ин хел шуд, ки шавҳари Симон бениҳоят бемор мешаваду бояд зуд ба бемористон бурда шавад. Ҳолаташ бениҳоят вазнин буд. Ман шояд ба ту нагуфта бошам, ки Симон аз як хонаводаи оддӣ оила барқарор карда буд. Аз бемориаш огаҳӣ пайдо карда, фавран ба хонаи ӯ рафтам. Ӯро ба таксӣ савор карда, то беморхона расонида, кӯмакаш кардам. Ман ба рафтор ва фарохдилии Осима боварӣ дошта, ҳар бегоҳӣ аз Афзал шавҳари Симон хабар мегирифтам”.

Баъд аз шунидани узровариҳояш аз вай пурсидам, “Чаро маро хабар накардӣ”?

Дар ҷавоб падарат гуфт,“Осима, ту саволи баҷо додӣ, аммо ба шахсияти ту боварӣ дошта, фикр мекардам, ки рӯзе ҳамроҳ ба беморхона хоҳем рафт. Ҳамин хаёлро доштам. Дигар ҳеҷ кадом муомилоте паси он нест. Осима бо боварии комил ба мегуяму ниятам нек буду нек аст”.

Дар ин маврид чизе нагуфтам ва падарат низ мутмаин гашт. Ҳамин тариқ, рӯзҳо мегузаштанду ту асоси ҳамаи хушиву хурсандиҳоямон будӣ. Ҳамаи инро мушоҳида карда, ба Худованд ҳазорон шукрона мекардам, ки давраҳои зиндагии ту хело шоиста мегузаштанд. Барои дарфёти илму дониш ба мактаб мерафтиву ба хона боз мегаштӣ.Баъд аз хӯрок ба хондани китоб машғул мешудӣ. Як модар аз фарзандаш чи орзуву умедҳо бояд дошта бошад?

Рӯзе аз рӯзҳо падарат шабона рангпарида ба хона омад. Дар ин вақт ту ба хондани китоби афсона машғӯл будиву нахостам падаратро дар чунин ҳолат бубинӣ. Аз дасти падарат гирифта, ба утоқ даромада, пурсидам, “то ин бевақтӣ дар куҷо будӣ. Духтарат Гул туро хело ёд карду пазмон шуд”.

Падарат пайваста мегӯфт, “дар он ҷо будам”.

“Дар беморхона”?-пурсидам ман аз падарат.

“Не, Афзалро ба хонааш оварданд”,- ҷавоб дод ӯ

“Ин тавр бошад, ту дар назди Симон будӣ”,-пурсидам ман.

Ин лаҳза медидам, ки дар чеҳраи падарат ғӯсса пайдо шуда рангаш сӯрх мегашт.

“Бале, барои ба онҷо рафтан чӣ мушикил аст”? -пурсид падарат аз ман.

-Ҳеҷ мушкиле нест, аммо имрӯз бо чӣ ҳолат ба хона омадӣ?

-Ба чӣ ҳолат ба хона омадаам!

Ин кораш маро ғамгин сохту аз вай пурсидам,“Гулзорхон ба нашакашии ту боварӣ надоштам ва чаро одат дар ту пайдо шуда бошад”?

“Чаро аз ман чунин савол мекунӣ”,-хитоб кард ӯ.

Ноилоҷ ба изтироб омадаму забонам ба сухан даромад. Вале вай бошад бо нигоҳҳои оташбораш ба ман менигарист. Аммо ашки чашмонамро дида як дам ҳолаташ дигаргун шуду гуфт:

“Осима, аз кори шуда, хело пушаймонам”.

Дар ҷавоб гуфтам,“Гулзорхон, ба пушаймониву афсусхӯриҳоят дигар боварӣ надорам”.

“Ин тавр бошад, бигӯ ман чи кор кунам”, -пурсид Гулзорхон.

Ба сӯханаш гӯш дода, як дам аз ӯ пурсидам,“Якум маротиба аст, ки наша мекашӣ? То дери шаб дар куҷо будӣ? Кӣ туро ба ин кори бад ташвиқу тарғиб кард? Кӣ ҳаст ӯ?

Ӯ ба ҳамаи саволҳоям гӯш карду як ҷавоб дод, “дигар дар оянда ҳеҷ маротиба такрор нахоҳад шуд”.

То соати дуи шаб бо ҳам нишаста, баҳс муноқиша карда, аз гузаштаҳо ёд кардем. Падарат ба ман ваъда кард, ки ӯ дигар то охири умраш наша нахоҳад

кашид. Ман ӯро бахшидаму ба хона даромада, истироҳат кардем. Дарду аламу ғуссаҳоям ва аз падарат ҳам зоҳиран то андозае тоза гаштанд.

Ин вақт ту дар хоби ноз будиву дар чеҳраат шодӣ намудор мешуду механдидӣ. Ман хурсандиатро дида аз Худо зориву таваллo кардам, ки туро ҳамеша шодон нигаҳ дорад.

Ваъдаи кардаи падарат, ки дигар наша нистифода намекунад, ҳамааш нақше ба об рафту баъд аз як ҳафта дубора мисли пештара шабҳо дер меомад. Ман бошам бо ҷангу ҷидол оғоз карда, ӯро сарзаниш мекардам. Сару садоҳои моро ҳамсояҳо мешуниданд. Ту ҳамон шаб каме бетоб гаштӣ ва ман бароят даво дода, туро хобондам. Аммо ман сӯханамро қатъ карда, нахостам аз кашмакашиҳоямон ту огоҳ шавию нороҳат гардӣ.

Ҳамин тариқ, воқеа рӯх дод, ки маро хело нороҳат карду ба дилу димоғам таъсир расонд. Яке аз дӯстони ту ҷашни таваллуд дошту ту аз ман иҷозат гирифта, барои табрикот ба наздаш рафтӣ. Аз онҷо баргашта, ба хондани китоб машғӯл шудӣ. Ҳамин тариқ, истироҳат кардӣ. Ман дар курсие нишаста, интизорӣ омадани падарат будам. Нохост дидам, ки ту хоб ҳастӣ, вале аз чизе меҳаросиву аз чашмонат ашк мерезад. Ин ҳолатро дида, туро садо кардам:

-Гулзор духтарам! “бале”, гуфта садо кардӣ.

-Духтарам, чӣ шуд, тарсидӣ магар? -пурсидам ман.

Ту дар аввал нахости чизе бигӯӣ, аммо бо исрори ман чунин ҷавобро аз ту шунидам: “Модарҷон дар он ҷо як филмеро тамошо кардем”.

“Хайр, пас чӣ шуд, дар филм чиро дидӣ”, -пурсидам ман.

Баъд аз ду дақиқа хомӯшиат чунин ҷавоб додӣ:

-Модарҷон дар филм як нафаре наша мекашаду ба хона омада зану фарзанди худро сахт бераҳмона лату кӯб менамуд. Ӯ як марди хело золим будааст, модарҷон!

Ман бо таваҷҷӯҳ ба ту менигаристаму медидам, ки рангу руят хело парида, зард гаштааст.

“Модар нашъамандӣ инсонро ҳайвонсифат мекардааст.Чунин ҳолат дар он филм нишон дода мешуд”, -иброз кардӣ ту ба ман. Ман туро ба оғӯш гирифта аз пешониву рухсораат бӯса кардам.

Сипас ту аз ман пурсидӣ,“Оё падар чунин золим мешавад, модар”?

Ман бо тааҷҷуб гӯфтам,“Духтарам! Ҳеҷ падар золим намешавад. Одамонро ҳамин наша бераҳму золим мекунад”.

“Чаро наша сабаби ин кор мешуда бошад. Ӯ (яъне падар-Р.М) як одами калон аст кӯ”!-хитоб кардӣ ту.

Ман фикр карда, мегуфтам, ки агар ҳамин ҳолатро дар падари худат мушоҳида кунӣ чӣ хоҳад шуд. Падарат ҳар рӯзи дер омаданаш бо чунин ҳолат ба хона меомад, аммо ту аз ин кораш огоҳ набудӣ. Зеро ман ҳамаи ҳолатҳоро аз ту пинҳон нигоҳ медоштаму намехостам бароят осебе расад. Ҳамон шаб ҳам ҳанӯз падарат ба хона наомада буд.

Ҳамин тавр, саратро сила намуда, туро хоб кардам. Сипас Амма Суғроро садо кардам, “Амма дар назди Гул бинишин. Агар садо кард сарашро сила намо”.

Ба вай таъкид кардам то омадани ман дар наздат нишаста туро нигоҳубин намояд. Ҳамин тавр, рӯймол ба сар карда, ба сӯи дари пушти хона рафтам. Роҳи хонаи Симон ба ман маълум буду қадамҳоям худ ба ҳамон тараф маро мебурданд. Ин вақт аз тарафе равшанӣ омаду ман дарро тақ-тақ кардам. Дар кушода шуду ба наздам Симон омада, истод. Маро дар назди дар дида, ҳайрон шуда гуфт:

-Осима! Шумо ҳастед?

-Бале, ман ҳастам. Хайрият, ки маро шинохтед.

-Ман чаро шуморо нашиносам. Шумо дар ҷашни арӯсии мо иштирок карда будед, -гуфтам ман.

-Гулзорхон дар куҷост? -пурсидам аз вай.

Як дам рангу рӯяш дигаргун шуду гуфт,“вай дар хона нест. Марҳамат дароед”!

-Дар даруни хона нест ӯ? -бо овози баланд садо кардам.

-Не, нест. Лутфан дароед, меоянд ҳозир.

Дар назди дар рост меистодам, ки нохост мошини таксие омада истод ва аз дарунаш падарат ҳамроҳи шавҳари Симон баромаданд. Ҳар дуяшон дар ҳолати нашамандӣ буданду дастони падарат меларзид.

Ман зуд омада таксиро манъ карда, падарат амр кардам то ба мошин савор шавад. Худам аз дасташ гирифта шинондам. Шавҳари Симон ҳамаи ин ҳолатро тамошо мекард. Ин вақт назарам ба сӯи Симон афдод, ки аз чашмонаш як навъ хандаи алангадор, бад ва аҷоибе ба назар мерасид. Аз заҳрхандаҳояш эҳсос кардам, ки бо муҳаббати нокоми худ мехост қасоси онро бигирад. Ин зани маккору фирегар ба чунин ҳолат расонидани падарат нақши асосӣ мебозиду сабаби бероҳашавии падарат буд.

Ронандаи такси моро ба хона овард. Ҳамин тариқ, падаратро ба болои курсӣ шинондам. Вале ӯ бошад ду ё се сония нишаста, рафтан мехост.

-Ба куҷо? -садо кардам ман.

-Ба дарун барои истироҳат кардан меравам-гӯфт ӯ.

-Бо чунин аҳвол истироҳат кардан мехоҳӣ? -пурсидам аз вай.

Ман эҳсос кардам, ки чеҳрааш мисли пештара набуда, ҳеҷ шармаш намеояд. Дар ин вақт садои гиря омаду маълум шуд, ки ту аз хоб бедор шудӣ. Ин лаҳзаҳо бароям хело нозуку пурэҳсос менамуду ба падарат чунин гуфтам:

-Гулзор бубин! Духатарат аз хоб бедор шуд! Туро дар ин ҳолат дида аз нафаскашӣ хоҳанд монд. Оё дарк мекунӣ, ки ба ту чӣ мегӯям?

-Не, фаҳмидан ҳам даркор нест, -гӯфт падарат.

-Гулзор, ба духтарат садама нарасон, вагарна ӯ ба он гирифтор шуда, ҳеҷгоҳ онро дар зиндагӣ фаромӯш нахоҳад кард.

Ин вақт барои падарат ҳамон ҳолати марди нашъамандро, ки ба хона омаду ба зану фарзандонаш зулм карданро раво дида буд, фаҳмонида додам. Боз таъкид карда, гуфтам, ки “дар чунин ҳолат ба назди духтарат нарав, каме сабр намо то ҳолатат каме хуб шавад”!

Ман боварӣ доштам, ки насиҳатҳоям барояш панде медиҳад, магар….

Ин вақт падарат бо овози баланд гӯфт;“ту кӣ ҳасти ки маро ба назди духтарам рафтан намемонӣ! Сар деҳ маро, ҳар кучое хоҳам меравам”.

Ҳамин тавр, охирон маротиба ӯро аз рафтан ба назди ту манъ кардаму аз доманаш сахт доштам. Аммо дар вай як хашму қувваи бади ҳайвонмонанд пайдо шуду гарданамро сахт кашид, ки нохост ба девор назди гулдони хона бархӯрдам.

Ҳамин тариқ, дигар бароям маълум набуд, ки чӣ шуд ва ман чи тавр он гулдонро гирифта ба сӯи падарат партофтам. Дар натиҷа он ба падарат мерасаду хунолуд мегардад. Дар ин ҳол ба тарафи ӯ давидаму садои дод фарёдам баланд шуд. Аз ҳамин вақт дигар ман қотили падари ту шудам.

Ҳамаи ин ҳодисаҳо боис шуданд, ки ман ба чунин бадбахтиҳо гирифтор шавам. Ҳамсояҳо садову фарёд ва ҷангу ҷидоли моро фаҳмида омаданд. Ҳамаи дӯстону хешовандон донистанд, ки падарат ба ишқи нопок ва макру найранги Симон гирифтор буд. Куштор натиҷаи ҳамин қасосгириҳо шуд. Ҳамин тавр, лабҳоям баста шуданду хомӯш мондам. Ман ҳаргиз намехостам, ки дар зеҳни ту падареки туро бениҳоят дӯст медошт, золиму ҳайвон шинохта шавад. Ҳамин тариқ, ба гуноҳам иқрор шуда, ҳеҷ даъвое накардам. Бо ҳамин маҳкамаи судӣ ҳукм бароварда, маро даҳ сол аз озодӣ маҳрум кард.

Духтарам! Бароят он розҳоеро гуфтам, ки дар дилам то ҳол махфӣ маҳфуз буданд. Ҳоло ту бузургу бо ақл шудиву аз ҳақиқати зиндагӣ огаҳӣ пайдо кардӣ.

Ҳукми раҳошуданам аз зиндон содир шуду хабараш ба ман расид. Даҳ сол ранҷи зиндонро бардошт карда, сипарӣ намудам. Ман боварӣ дорам, ки ту аз ҳақиқат огоҳ шуда, ҳамаи пастиву баландии ҳаётро мушоҳида кардӣ. Пеш аз хотимаи мактуб мехоҳам бароят чанд нукотеро бигӯям.

Гули азизам! Духтарҷонам, падарат туро бениҳоят дӯст медошту бо диданат хушҳол мегашт. Ӯ як шавҳари масъулиятшинос буд. Аммо чаро вай ба чунин ҳолат гирифтор шуду ба як инсони ҳайвонмиҷоз табдил ёфт.Ту бояд дар ин бора андеша намуда, ҷавобашро ҷустуҷу намоӣ.

Хулоса, ин ки баъд аз ду ё се рӯз дар вақти шаб ё рӯз ба хонаат касе меояду даратро тақ-тақ хоҳад кард. Ин садои тақ-тақи дасти кӣ бошад, ту шояд донӣ. Аммо ман аз ту мепурсам, ки оё дарвозаро барояш боз хоҳӣ кард ё на?



**Мирсаид Раҳмонов** пажӯҳишгар, мутахассис ва ходими калони илмии Шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон буда, донандаи забонҳои урду, англисӣ, форсиву арабӣ ва русӣ, дорандаи Дипломи Дараҷаи Олӣ (М.А. аз Донишгоҳи Панҷоб ва Дипломи дараҷаи М.Б.А-ILM/UMT-и Ҷануби Осиё мебошад.

Мирсаид Раҳмонов ҳамчунин ба ҳайси масъули кор бо ноболиғон дар соли 2004, омӯзгори фанни компютер ва технология дар ОКТ №52 ш.Душанбе дар соли 2006 ва муаллими «маркетинги байналмилалӣ ва хадамот» дар Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар солҳои 2006 ва 2007 кор кардааст. Ӯ як муддат ба ҳайси тарҷумон ва ассистент дар лоиҳаҳои таълимии Вазорати маориф ва Қӯшунҳои сарҳадии Тоҷикистон низ фаъолият намудааст.

Аслан ӯ таҳлигари масоили сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодиву тиҷоратӣ, сайёҳӣ, иҷтимоии мубрами минтақаи Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ мебошад.

Мақолаҳояш мунтазам дар ВАО, маҷаллаҳо ва журналҳои илмии дохилӣ ва байналмилалӣ чоп мешаванд. Ӯ иштикорчии фаъоли конфронсҳои миллӣ ва байналмилалӣ/вебинарҳо дар Тоҷикистон, Покистон, Ҳиндустон, Россия, Қазоқистон хусусан манотиқи Осиё ва Шарқу Ғарб мебошад.